**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# СТРАТЕГИЯИ
# БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ
# НЕКӮАҲВОЛИИ МАРДУМИ ТОҶИКИСТОН
# БАРОИ СОЛҲОИ 2013-2015

**Душанбе - 2013**



*Рушди иқтисодии мамлакат ва таъмини сатҳи сазовори зиндагии мардум маҳз ба татбиқи самараноку саривақтии афзалиятҳои миллии кишвар, таъмини раванди рушди устувори мамлакат тибқи Стратегияи миллии рушд, стратегияҳои миёнамуҳлат ва барномаҳои соҳавию маҳаллӣ вобастагии мустақим дорад.*

*Дар шароити ҳассоси замони муосир ҳадафи асосии давлат, пеш аз ҳама, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум тавассути амалӣ кардани ислоҳоти низоми идораи давлатӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти он, фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва воридоти технологияҳои пешрафта ва дар ин замина ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ мебошад.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

**Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2012 № 1030 тасдиқ шудааст**

# Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015

# МУНДАРИҶА

**Муқаддима** ........................................................................................................ 10
**Маълумоти асосӣ дар бораи кишвар** ........................................................................ 12

**БОБИ 1. ДАСТОВАРДҲО ВА САБАҚҲОИ АНДӮХТА** .......................................... **13**
1.1. Натиҷаҳои татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012: тамоюли коҳиши сатҳи камбизоатӣ ........................................ 13
1.2. Сабақҳои андӯхта дар рафти татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012 ........................................................ 15
1.3. Ҳадафҳо ва самтҳои асосии Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015: таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ташаккули табақаи аҳолии сатҳи миёнаи зиндагӣ ...... 15

**БОБИ 2. БАХШИ ФУНКСИОНАЛӢ: ТАҲКИМИ ЗАМИНАҲОИ РУШД** ............. **18**
2.1. Такмили идоракунии давлатӣ ............................................................................ 18
2.2. Таъмини рушди макроиқтисодӣ ......................................................................... 21
2.3. Таъмини беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ ......... 27
2.4. Рушди минтақаҳои махсуси иқтисодӣ: минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои технологӣ ............................................................................................. 31
2.5. Таҳкими ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ: СУС, рушди сайёҳӣ ва тиҷорати наздисарҳадӣ ........................................................................................ 34

**БОБИ 3. БАХШИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ: ТАҲКИМИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ** ........................................................................ **40**
3.1. Рушди соҳаҳои энергетика, саноатва дигар бахшҳо ............................................ 40
3.2. Рушди инфрасохтор: нақлиёт ва алоқа ............................................................... 44
3.3. Таъмини амнияти озуқаворӣ: рушди кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи замин ............................................................................................ 46

**БОБИ 4. БАХШИ ИҶТИМОӢ: ТАЪМИНИ РУШДИ НЕРӮИ ИНСОНӢ** .............. **50**
4.1. Таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ .............................................. 50
4.2. Рушди маориф ва илм ......................................................................................... 54
4.3. Рушди тандурустӣ ва таъмини беҳбуди саломатии аҳолӣ ................................... 60
4.4. Таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва хизматрасониҳои коммуналӣ ................ 62
4.5. Таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор ......................................................... 64
4.6. Таъмини баробарии гендерӣ ............................................................................... 67
4.7. Такмили пешгӯӣ ва банақшагирии демографӣ .................................................... 69

**БОБИ 5. ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ** .............................. **73**
5.1. Манбаъҳо ва низоми маблағгузории татбиқи Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 .......... 73
5.2. Мониторинг ва арзёбии Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ......................................... 77

**ЗАМИМАҲО:**
*Замимаи 1.* Матритсаи амалиёт ................................................................................ 80
*Замимаи 2.* Индикаторҳои асосии мониторинг ва арзёбии Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ........ 129

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АИҶТ | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АИКҶТ | Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АИТТ | Академияи илмҳои тиббии Тоҷикистон |
| АИО | Ассотсиатсияи истифодабарандагони об |
| АОНП | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АНДММК | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия |
| АСМ | Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АСМС | Агентии стандартизатсия, метрология,сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| БМТ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БУО | Барномаи умумиҷаҳонии озуқа |
| БХМ | Бизнеси хурду миёна |
| ВРИС ҶТ | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумхрии Тоҷикистон |
| ВЭС ҶТ | Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВКД ҶТ | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВК ҶТ | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВКХ ҶТ | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМЗО ҶТ | Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМҶТ | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМТ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМҲИА | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВНМО/СПИД | Вируси норасоии масунияти одам |
| ВНҶТ | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВАҶТ | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВТҶТ | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМКБ | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| ВИЧ | Вируси норасоии масъунияти инсон |
| ДИП ҶТ | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ДТИХДҶТ | Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ЕврАзЭС | Иттиҳоди иқтисодии Евразия |
| ИДМ | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил |
| ИМА | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| ИСТ | Иттифоқи сапёрони Тоҷикистон |
| КАН ҲҶТ | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КДС\КДСИАД | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КИТ | Корҳои илмию тадқиқотӣ |
| КДЗГ | Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ККЗО | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҶВС | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҲМЗ | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҲФМГ | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |

| | |
|---|---|
| МД ҲТММ | Муассисаи давлатии «Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» |
| МИМҲД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| МТММ | Маркази Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо |
| МОИ | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ |
| ММП | Муассисаи муолиҷавию профилактикӣ |
| МСД | Маркази саломатии деҳот |
| МСН | Маркази саломатии ноҳияҳо |
| МСШ | Маркази саломатии шаҳрҳо |
| МТНМ | Муолиҷа таҳти назорати мустақим |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| НОБ | Нерӯгоҳҳои оби барқӣ |
| ПСС | Палатаи савдо ва саноат |
| ПҲ | Палатаи ҳисоб |
| РОТ | Роҳи оҳани Тоҷикистон |
| РХД | Раёсати хизмати давлатӣ |
| СМХ | Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ |
| СГНҲҶТ | Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ |
| СУС | Созмони умумиҷаҳонии савдо |
| ТООР (AKDN) | Ташкилоти Оғохон оид ба рушд |
| ФБА | Фонди байналмилалии асъор |
| ФШБМ | Фонди Шветсарӣ оид ба безараргардонии минаҳо |
| ФГ | Фонди глобалӣ |
| ФБД | Фурӯдгоҳи байналмилалии Душанбе |
| ФОХ | Фонди Оғохон |
| ХГ | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХА | Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХМК | КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» |
| ХЗНҲТ | Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |
| ҲҶТ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҲСПКСК | Ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ |
| ХДНСМ | Хадамоти давлатии назорати сохтмон ва меъморӣ |
| ШР | Шарикони рушд |
| ШММК | Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия |
| ШҲБАИЧТ | Шӯрои ҳамоҳангсози ассосиатсияҳои соҳибкорон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии Тоҷикистон |
| ҶХХ | Ҷумҳурии Халқии Хитой |
| ҶИЭ | Ҷумҳурии Исломии Эрон |
| ҶҲАТ | Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон |
| ADB (БОР) | Бонки Осиёгии Рушд |
| CEKO | Котиботи давлатии Швейтсария оид ба иқтисод |
| DFID | Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмилалӣ |
| IFAD (ИФАД) | Хазинаи байналмилалии рушди кишоварзӣ |
| SDC | Агентии Шветсия оид ба рушд ва ҳамкорӣ |
| SIDA | Агентии Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва рушди байналмилалӣ |
| UNICEF | Хазинаи кӯдакони СММ |
| UNFPA | Хазинаи Нуфуси СММ |
| USAID | Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ |

| | |
|---|---|
| JICA | Агентии Ҷопон оид ба рушди байналмилалӣ |
| KFW | Бонки Олмонии Рушд |
| WB | Бонки Умумиҷаҳонӣ |
| EC | Комиссияи Аврупо |
| FAO | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ |
| EBRD | Бонки Аврупоӣ оид ба таҷдид ва рушд |
| IDB (БИР) | Бонки Исломии Рушд |
| GTZ | Агентии Олмон оид ба ҳамкории техникӣ |

# МУҚАДДИМА

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд карданд: «Дар радифи амалӣ намудани ҳадафҳои стратегияи миллии кишвар доир ба таъмини истиқлолияти энергетикиву амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ бахшидани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ мусоидат ба рушди бахши воқеӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти ҳар як сохтору мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад».

Ҳадафи аслии мо расидан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ барои ҳар фарди ҷомеа мебошад. Таъмини рушди матлуб ва сатҳи муосири фаъолияти сохторҳои сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ шарти ниҳоят муҳим ва зарурӣ дар ин самт ба шумор меравад».

Самтҳои иҷтимоиву иқтисодии фаъолияти ҷомеаи ҷаҳон, ки дар Эъломияи ҳазорсола инъикос ёфтаанд, бо афзалиятҳо ва ҳадафҳои стратегии рушди миллии мамлакатамон ҳамоҳанг мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои сиёсию иқтисодии хешро дар арсаи байналмилалӣ аз рӯи принсипҳои шарикӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд татбиқ менамояд. Талошҳои пайгиронаи Президенти мамлакат дар ин раванд пайваста ба густариши ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва ҷомеаи ҷаҳонӣ равона гардиданд, ки дар давраи истиқлоли давлатӣ эътибори Тоҷикистонро дар миқёси ҷаҳон баланд бардошт.

Бо мақсади фароҳам овардани замина ҷиҳати рушди устувори иқтисодӣ дар кишвар, бо ташаббус ва дастгирии Президенти мамлакат Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015 ва стратегияҳои миёнамуҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони кишвар тасдиқ ва қабул гардиданд. Марҳилаи аввали он барои солҳои 2007-2009 ва марҳилаи дуюм барои солҳои 2010-2012 ба анҷом расида, ҳоло марҳилаи навбатии он таҳти унвони Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 оғоз гардид.

Гузариш аз стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум комилан ба консепсияи рушди босуботи нерӯи инсонӣ мутобиқат мекунад.

«Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» давраи ҷамъбастии даҳсолаи татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» бошад ҳам, масоили зиёдро вобаста ба таъмини ҳадафҳои стратегӣ, ба монанди ислоҳоти идоракунии давлатӣ, таъмини волоияти қонун, пешгуӣ ва банақшагирии демографӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, рушди бахши хусусӣ ва дастгирии табақаи миёнаи кишвар мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои миллии хешро дар ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ муайян намудааст ва фаъолияти худро ҷиҳати ноил шудан ба ин ҳадафҳои стратегӣ, барои комёб гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола равона кардааст.

Амалан, барои ҳарчи зудтар барқарор намудани суръати рушди иқтисодӣ ва тавассути он баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дар чорчӯбаи пешбининамудаи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад, ки масъалаҳои рушди устувори макроиқтисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, диверсификатсияи истеҳсолот, инчунин, таҳкими имконияти содиротии мамлакат, беҳтар сохтани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инкишофи бозори меҳнат ва таҳкими нерӯи инсониро ҳаллу фасл намояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои пешрафти минбаъдаи кишварро дар зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум тавассути таъмини истиқлоли энергетикию амнияти озуқаворӣ ва рушди ифрасохторию коммуникатсионии мамлакат тадриҷан амалӣ мегардонад.

Дар ин раванд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри фароҳам овардани шароит барои тараққиёт, бо дарназардошти ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва таҳкими равандҳои рушди иқтисоди миллӣ, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, инкишофи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар заминаи рушди бахши хусусӣ, ҷалби инвеститсияҳо ва рушди нерӯи инсонӣ тавассути афзоиши табақаи миёнаи аҳолӣ ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар пайваста тадбирҳои мушаххас меандешад.

Дар таҳияи Стратегияи мазкур дар баробари сохторҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи табақаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок варзиданд. Дар тӯли таҳияи стратегия ду маврид мулоқотҳо дар саросари мамлакат бо мақомоти маҳаллӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, намояндагони бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор шуд.

Дар рафти мулоқотҳо бо аҳли ҷомеа масъалаҳои сифати хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ ва маориф, ислоҳоти идоракунии давлатӣ, дастгирии табақаи осебпазири аҳолӣ, таъминоти бехатарии озуқаворӣ ва истиқлолияти энергетикӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва некӯаҳволии мардум баррасӣ гардиданд.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ҳамчун санади асосии стратегии мамлакат афзалиятҳо ва самтҳои умумии сиёсати давлатро муайян менамояд, ки онҳо ба рушди устувори иқтисодӣ, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои муқаррарии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар равона карда шудаанд.

*Маълумоти асосӣ дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

| | |
|---|---|
| *Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад* |
| *Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо иборат аст* |
| *Пойтахти Тоҷикистон* | *шаҳри Душанбе* |
| *Забони давлатии Тоҷикистон* | *Забони тоҷикӣ. Забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо истифода мешавад.* |
| *Рамзҳои давлатии Тоҷикистон* | *Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ* |
| *Рӯзи истиқлолияти давлатӣ* | *9 сентябри соли 1991* |
| *Қабули Конститутсия (Сарқонун)* | *6 ноябри соли 1994* |
| *Ҷойгиршавӣ* | *Тоҷикистон дар ҷанубу шарқии Осиёи Марказӣ ҷойгир шудааст* |
| *Масоҳати Тоҷикистон* | *142600 км мураббаъ* |
| *Сарҳади давлатӣ* | *дарозии аз гарб ба шарқ 700 км, аз шимол ба ҷануб 350 км мебошад. Дар гарб ва дар шимол бо ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон (910 км.) ва бо Қиргизистон (650 км), дар ҷануб бо Афгонистон(1030 км), дар шарқ бо Хитой (430 км) ҳамсарҳад аст.* |
| *Дарёҳои Тоҷикистон* | *947 дарё бо дарозии умумии 28500 км, ки ҳар яке масофаи дурии бештар аз 10 км. дошта,беш аз 60 фоизи захираи обии минтақаи Осиёи Миёнаро ташкил медиҳанд* |
| *Кӯҳҳои Тоҷикистон* | *мамлакати кӯҳи мебошад ва 93 фоизи онро кӯҳҳо ишгол менамоянд. Яке аз қуллаҳои баландтарини курраи замин-қуллаи Исмоили Сомонӣ 7495 метр аст.* |
| *Ҳокимияти давлатӣ* | *дар асоси таҷзияи он аз ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ иборат аст* |
| *Воҳиди пулӣ* | *“сомонӣ”* |
| *Шумораи аҳолӣ* | *7,8 млн. нафар(ба ҳолати 01.01.2012)* |

# БОБИ I. ДАСТОВАРДҲО ВА САБАҚҲОИ АНДӮХТА

## 1.1. Натиҷаҳои татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012: тамоюли коҳиши сатҳи камбизоатӣ

Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дар ин замина паст кардани сатҳи камбизоатӣ вазифаи муҳимму афзалиятнокӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Густариши минбаъдаи ислоҳоти иқтисодӣ, фарогирии соҳаҳои нави иқтисодиёт, татбиқи вазифаҳои стратегӣ ва барномавӣ, андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъмини суботи макроиқтисодӣ имконият дод, ки суръати рушди иқтисодӣ таъмин гардида, сатҳи камбизоатӣ дар кишвар сол аз сол рӯ ба пастӣ орад.

Дар доираи стратегияи мазкур ҷиҳати ноил гардидан ба афзалиятҳои миллӣ мутобиқ ба Стратегияи миллии рушд тадбирҳо андешида шуданд. Фаъолият дар самтҳои зерин идома меёбад:

– ислоҳоти идоракунии давлатӣ баҳри ташаккули низоми самараноки рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмини шаффофият, ҳисоботдиҳӣ, мубориза бар зидди коррупсия ва фароҳам овардани шароити мусоиди макроиқтисодӣ;
– рушди бахши хусусӣ ва ҷалби инвеститсияҳо барои мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ;
– диверсификатсияи иқтисодиёт тавассути рушди бахши хусусӣ ва ҳавасмандгардонии инвеститсияҳо дар самтҳои афзалиятнок;
– рушди нерӯи инсонӣ тавассути дастрас будани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолии кишвар, беҳбуди сифати он, фаъол гардонидани иштироки аҳолӣ дар раванди рушд, таҳкими шарикиҳои иҷтимоӣ.

Умуман, дар Стратегияи миллии рушд самтҳои асосии рушд муайян карда шудаанд, ки асосан аз фароҳам овардани шароити умумии рушд, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди нерӯи инсонӣ иборат буда, тадриҷан амалӣ гардида истодаанд.

Дар натиҷаи татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳои миллӣ, густариши ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, татбиқи вазифаҳои стратегӣ ва барномавӣ, андешидани тадбирҳо оид ба таъмини суботи макроиқтисодӣ дар кишвар, рушди иқтисодиёт таъмин гардид ва дар заминаи он сатҳи камбизоатӣ мутобиқ ба тадқиқотҳои охирин дар даҳ соли қаблӣ (1999-2009) аз 81 фоиз ба 46,7 ва дар соли 2010 ин нишондиҳанда то 45 фоиз коҳиш ёфт. Тибқи ҳисобҳо дар асоси рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ дар соли 2011 нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ 42 фоиз ва дар соли 2012 38,3 фоизро ташкил дод.

*Тамоюли коҳиши сатҳи камбизоатӣ*



Паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар ин солҳо аз бисёр ҷиҳат ба рушди иқтисодӣ алоқаманд буда, дар натиҷаи таъмини суботи макроиқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар кишвар ба даст омадааст.

Татбиқи самарабахши тадбирҳои «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012» ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат намуд ва сатҳи камбизоатӣ тибқи ҳисобҳо дар асоси рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафари аҳолӣ 38 фоизро ташкил дод.

Дар давраи ҳисоботӣ тадбирҳои зерин амалӣ гардиданд.

*Маълумот оид ба татбиқи тадбиру нишондиҳандаҳои СПКСК барои солҳои 2010-2012 дар доираи блокҳо*

*ҷадвали №1*

| *Блок ва бахшҳои СПКСК* | *Ҳамагӣ тадбирҳо* | *Ҳамагӣ индикаторҳо* | *Шумораи тадбирҳое, ки иҷро гардидаанд ё мавриди иҷроиш қарор доранд* | *Шумораи индикаторҳое, ки дар мавриди таъмин қарор доранд* | *фоизи иҷрои тадбирҳо* |
|---|---|---|---|---|---|
| **ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТИ УМУМИИ РУШД (БЛОКИ ФУНКСИОНАЛӢ)** | | | | | |
| Идоракунии давлатӣ | 103 | - | 48 | Нест | 47 |
| Рушди макроиқтисодӣ | 46 | 9 | 34 | 9 | 74 |
| Беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣва соҳибкорӣ | 37 | 7 | 34 | 4 | 92 |
| Рушди ҳамкории минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ | 43 | 10 | 37 | 7 | 86 |
| **Ҳамагӣ** | **229** | **26** | **153** | **20** | **67** |
| **ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ (БЛОКИ ИСТЕҲСОЛӢ)** | | | | | |
| Таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ | 45 | 13 | 34 | 12 | 76 |
| Рушди инфрасохтор, энергетика ва саноат | 88 | 26 | 44 | 23 | 50 |
| **Ҳамагӣ** | **133** | **39** | **78** | **35** | **59** |
| **РУШДИ НЕРӮИ ИНСОНӢ (БЛОКИ ИҶТИМОӢ)** | | | | | |
| Рушди соҳаи маориф ва илм | 64 | 16 | 57 | 15 | 89 |
| Рушди соҳаи тандурустӣ | 43 | 13 | 37 | 13 | 86 |
| Таҳкими бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 54 | 14 | 52 | 10 | 96 |
| Тавсиаи дастрасӣ ба таъминоти об, санитария ва ХМК | 13 | 2 | 13 | 2 | 100 |
| Таъмини суботи экологӣ | 19 | 11 | 19 | 9 | 100 |
| Таъмини баробарии гендерӣ | 14 | 8 | 14 | 3 | 100 |
| **Ҳамагӣ** | **207** | **64** | **192** | **52** | **93** |
| **Ҳамагӣ дар СПКСК** | **569** | **129** | **423** | **107** | **74** |

### 1.2. Сабақҳои андӯхта дар рафти татбиқи «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012»

Дар рафти татбиқи Стратегияи мазкур мушкилоти муайян мушоҳида гардида, сабақҳои зерин андӯхта шуданд:

- фаъолияти сохторҳо оид ба мониторинг ва арзёбии татбиқи стратегияҳои миёнамуҳлат дар доираи Стратегияи миллии рушд ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ дар вазорату идораҳо ва дар сатҳи маҳал мувофиқи мақсад будани худро собит намуд ва корҳо дар ин самт, бо дарназардошти таҳкими иқтидорҳо, бояд идома дода шаванд;
- қисме аз тадбирҳои пешбинишуда бо стратегияву барномаҳои соҳавӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, бо созишномаҳои амалкунандаи ташкилотҳои байналмилалӣ ба таври амиқтар ҳамоҳанг карда нашуданд.

Сабақҳои андӯхтаи татбиқи «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012»-ро ба инобат гирифта, дар «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» як қатор тадбирҳо андешида ва тағйироти зарурӣ ворид карда шуданд. Аз ҷумла, барои тақвияти бештари ҳамоҳангсозӣ байни вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба механизми мониторинги татбиқи Стратегияи мазкур тағйироти зарурӣ ворид карда шуд. Тадбирҳои амалисозии ҳадафҳои Стратегияи мазкур амиқу возеҳтар ва нишондиҳандаҳои он мушаххас гардонида шуда, миқдори онҳо нисбат ба стратегияҳои қаблӣ камтар гардиданд.

### 1.3. Ҳадафҳо ва самтҳои асосии «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015»: таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ташаккули табақаи аҳолии дорои сатҳи миёнаи зиндагӣ.

«Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» таҳия гардида, барномаи миёнамуҳлати сесола ба ҳисоб меравад ва татбиқи самтҳои стратегию афзалиятноки рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро дар бар мегирад. Стратегияи мазкур барои давра ба давра ноил гардидан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд муайянгардида тадбирҳои сиёсати давлатиро вобаста ба шароити мавҷуда ва равандҳои ҷорӣ мушаххас мегардонад. Ҳамзамон, «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» татбиқи стратегияву барномаҳои соҳавию минтақавиро ҳамоҳанг месозад ва раванди рушди кишварро бо низоми муайян таъмин менамояд.

Дар бахши функсионалӣ бобати таҳкими заминаҳои умумии рушди такмили идоракунии давлатӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар заминаи рушди бахши хусусӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорон дар самтҳои стратегӣ ва афзалиятнок идома меёбанд. Дар ин раванд, таҳкими заминаҳои рушд дар самтҳои зерин татбиқ хоҳад гардид:

- такмили идоракунии давлатӣ, таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ; ташкили низоми меъёрии ҳуқуқии зарурӣ барои рушд ва мубориза бар зидди коррупсия;
- таъмини афзоиши устувори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ; такмили сиёсати молиявию қарзӣ ва пулӣ;
- беҳбуд бахшидан ба сиёсат ва низоми савдои хориҷӣ; тақвият бахшидан ба саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар савдои ҷаҳонӣ;мусоидат ба ҳамкориҳои минтақавӣ; рушди туризм ва танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ;
- беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ, хусусан такмили заминаи ҳуқуқии он; дастгирии рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ, амалӣ намудани ислоҳоти зарурӣ дар соҳаи молия ва беҳтар намудани заминаи институтсионалӣ.

Дар бахши фаъолияти иқтисодӣ раванди таҳкими рушди устувори иқтисодӣ бахри ноил гардидан ба афзалиятҳои миллӣ ва дар ин замина таъмини рушди соҳаҳои энергетикаю саноат, инфрасохтор ва соҳаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ татбиқ ҳоҳад

гардид. Бо дарназардошти таҳкими рушди устувори иқтисодӣ, рушди нерӯи инсонӣ таъмин гардида, соҳаҳои иҷтимоии кишвар рушд ҳоҳанд ёфт. Бинобар ин, таҳкими рушди устувори иқтисодӣ дар самтҳои зерин дар назар аст:

- таъмини рушди умумии соҳаҳои энергетика, саноат ва инфрасохтор; ба итмом расонидани лоиҳаҳо оид ба беҳтар намудани дастрасии минтақавӣ ва роҳҳои транзитӣ ҷиҳати таъмини рушди савдо;
- рушди саноат ва диверсификатсияи он тавассути ҳамкории бахши хусусӣ ва давлат, таъмини самаранокии соҳаи энергетика тавассути ислоҳоти институтсионалӣ, маъмурӣ, идоракунӣ ва техникӣ;
- ҷудо намудани стратегияи умумии соҳаи энергетика ба афзалиятҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бо такя ба принсипҳои идоракунии самаранок ҷиҳати ҷалб намудани инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ ва аз худ намудани сарчашмаҳои алтернативии энергетикӣ;
- таъмини амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаҳои кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи замин; баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла бахши пахтакорӣ;
- рушди инфрасохтори кишоварзӣ, хусусан, соҳаи обёрӣ ва идоракунии захираҳои об;
- татбиқи кафолат ва ҳуқуқҳои вобаста ба истифодаи замин;
- мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмини фазои мусоид барои рушди кишоварзӣ;
- васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба қарзҳои бонкӣ, озуқавории баландсифат ва серғизо.

Дар бахши иҷтимоӣ равандҳои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таҳкими шуғли аҳолии кишвар, рушди нерӯи инсонӣ, баланд бардоштани сифати таълим, тавсиаи дастрасии баробар ба хизматрасониҳои баландсифати тиббӣ, дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ, таъмини ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор, инчунин таъмини баробарии гендерӣ татбиқ ҳоҳанд гардид. Дар ин робита, таъмини рушди нерӯи инсонӣ дар самтҳои зерин татбиқ хоҳад гардид:

- таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ;
- таъмини идоракунии мақсадноки тамоми низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- ислоҳоти низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа;
- тавсеаи дастрасӣ ва баланд бардоштани сифати кӯмаки иҷтимоӣ бо фарогирии ҳарду қисмати он: ҳам пардохтҳои иҷтимоӣ ва ҳам хизматрасониҳои иҷтимоии суроғавӣ;
- рушди соҳаи маориф ва илм, рушди нерӯи институтсионалӣ ва инсонии соҳаи маориф ва илм;
- баланд бардоштани сифати таълим ва мутамарказ кардани нерӯи илмӣ ба самтҳои афзалиятноки он бо дарназардошти эҳтиёҷоти иқтисодиёти кишвар;
- васеъ намудани дастрасии баробари ҳамагон, хусусан духтарон, ба таҳсилот ва омӯзиши баландсифат;
- татбиқи самараноки барномаву стратегияҳои амалкунанда оид ба соҳаҳои маориф ва илм;
- таъмини рушди соҳаи тандурустӣ, тавсеаи дастрасии баробар ба хизматрасонии баландсифати тиббӣ дар асоси беҳбуди хизматрасонӣ дар соҳаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ аз ҷониби кормандони варзидаи тиббӣ бо фароҳам овардани заминаи моддию техникӣ ҷиҳати фарогирии ҳамагон бо хизматрасониҳои тиббӣ;
- рушди нерӯи инсонӣ ва институтсионалӣ дар тамоми сатҳҳои соҳа;
- таъмини аҳолӣ бо оби тоза, санитария ва хизматрасонии коммуналӣ, гузаронидани ислоҳоти институтсионалии самтҳои мазкур;
- беҳбуди дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии коммуналӣ, оби тоза ва санитария;
- таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор, таҳкими иқтидори институтсионалӣ оид ба муҳити зист, бо мақсади таъмини устувории экологӣ;

– рушди иқтидорҳо ҷиҳати омодагӣ ба офатҳои табиӣ ва идоракунии самарабахши захираҳои табиӣ;
– нигоҳдорӣ ва идоракунии гуногунии биологӣ ва низомҳои экологӣ;
– таъмини баробарии гендерӣ, такмили заминаи институтсионалии сиёсати гендерӣ;
– таъсиси механизмҳои самарабахши таъмини дастрасии баробар ба захираҳо;
– паст кардани сатҳи зӯроварӣ дар оила ва ҷомеа.

Ҷиҳати татбиқи самараноки «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» раванди паст кардани сатҳи камбизоатӣ, бо дарназардошти ворид гардидани аҳолии камбизоат ба синфи миёна, мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Ҳамзамон, бо дарназардошти татбиқи самтҳои зикргардида, раванди таъмини некӯаҳволии мардуми кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, ташаккули табақаи миёнаи аҳолӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъмин хоҳанд гардид.

Солҳои охир дар мубоҳисаҳои байналмилалии иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ мафҳуми "табақаи миёна" васеъ муҳокима мешавад, зеро афзоиши устувори табақаи миёна дар мамлакат ин кафолат ва тасдиқи суботи иқтисодию иҷтимоӣ, идоракунии самаранок, пешбурди самтҳои муосири ислоҳот ва татбиқи афзалиятҳои миллӣ ва стратегии кишвар мебошад.

Бо гирифтани мақоми намояндаи табақаи миёна мардум барои пасандоз кардан, гирифтани маълумоти миёнаву олӣ ва умуман, баланд бардоштани маърифатнокии худ кӯшиш мекунанд. Зимнан, дастгирии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби ин синф, волояти қонун, ҳуқуқи моликият ва инчунин, инфрасохтору маорифи пешрафта ва иқтисодиёти устувор таъмин мегардад.

Аз ин рӯ, афзоиши босуръат ва устуворонаи синфи миёнаи аҳолии кишвар ба рушди иқтисодиёт ва коҳиш ёфтани камбизоатӣ алоқаманд мебошад.

Ҳадди нишондиҳандаи табақаи миёна дар асоси андозаи миёнаи таносуби истеъмол дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Миёна муайян мегардад. Чунин муносибат мафҳуми умумии табақаи миёнаро барои ҳамаи ин кишварҳо талаб мекунад. Ҷузъҳои ҳамоҳангшудаи некӯаҳволӣ, ки дар асоси истеъмол ба ҳар нафари аҳолӣ ҳисоб карда шудааст, дар доираи таҳқиқоти буҷетҳои хонаводаҳои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, ки тақсимоти истеъмолотро дар кишварҳои мазкур фаро мегирад, муттаҳид ва муқаррар карда шудаанд.

Маҷмӯи нишондиҳандаҳои истеъмолот дар ҳамаи ин кишварҳо дар низоми ягонаи тадбирҳои некӯаҳволӣ бо истифодаи коэффитсиентҳои ҳисоббаробаркунии таносуби байналмилалии қобилияти харидорӣ инъикос ёфтааст. Дар асоси тақсимоти истеъмолоти хонаводаҳо ба гурӯҳҳои дахлдори баробар дар ҳамаи кишварҳои Аврупои Шарқӣ ҳадди нишондиҳандаҳои муайянкунандаи табақаи миёна муқаррар карда шуданд.

Ҳамин тариқ, ба табақаи миёнаи байналмилалӣ хонаводаҳое дохил мешаванд, ки хароҷоти шабонарӯзии онҳо, бо дарназардошти қобилияти харидорӣ, ба ҳар нафар аз 5,6 то 11,5 доллари ИМА баробар аст.

Бо дарназардошти муайян гардидани ҳадди нишондиҳандаҳои табақаи миёнаи байналмилалӣ дар асоси тақсимоти истеъмолоти давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, табақаи миёна дар Тоҷикистон бо истифодаи коэффитсиентҳои дахлдори ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи таносуби қобилияти харидорӣ, ҳадди нишондиҳандаҳои табақаи миёна ба асъори миллӣ ҳисоб карда мешавад.

# БОБИ 2. БАХШИ ФУНКСИОНАЛӢ: ТАҲКИМИ ЗАМИНАҲОИ РУШД

## 2.1. Такмили идоракунии давлатӣ

Самти мазкур такмили идоракунии давлатиро ҷиҳати баланд бардоштани шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳамзамон фароҳам овардани шароити мусоиди макроиқтисодӣ, муҳити институтсионалӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ барои рушд муайян менамояд. Бо ин мақсад, рушди миллӣ ташаккул ёфта, мақом, функсия ва нерӯи мақомоти марказӣ ва маҳаллии идоракунии давлатӣ тақвият дода мешавад, раванди қабули қарорҳо мушаххас гардида, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ҷалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди қабул ва татбиқи қарорҳо таъмин мегардад.

Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ба самтҳое равона гардидааст, ки асоси онҳоро ғояи тақсим намудани вазифаҳои стратегӣ, иҷрои онҳо ва назорат ташкил медиҳад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии худро ба дигаргунсозиҳои демократӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ собит намуда, дар ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ тадбирҳои мушаххас андешидааст.

### *2.1.1. Самтҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки рушди соҳаи такмили идоракунии давлатӣ*

- ташкили идоракунии  рушди миллӣ;
- такмили низоми идоракунии давлатӣ мутобиқи принсипҳои демократӣ, волоияти қонун ва талаботи иқтисоди бозорӣ;
- баланд бардоштани самаранокии идоракунии маблағҳои давлатӣ бо истифодаи принсипҳои муосири ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият;
- такмили хизмати давлатии касбии муосир;
- рушди идоракунии маъмурию ҳудудӣ;
- баланд бардоштани нерӯи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва низоми худидоракунии шаҳрак ва деҳот;
- тақвияти накши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳия,қабул ва татбиқи қарорҳои давлатӣ.

### *2.1.2. Мушкилиҳои ҷойдошта дар бахши «Такмили идоракунии давлатӣ»*

Дар ин раванд барои ноил гардидан ба афзалиятҳо, ҳамчунин ҳадафу вазифаҳои стратегӣ дар бахши такмили идоракунии давлатӣ ҳалли мушкиливу душвориҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:

- вуҷуд надоштани низоми аниқ дар идоракунии раванди рушд, яклухтӣ ва муттасилӣ дар таҳия ва иҷрои барномаю нақшаҳои стратегӣ, мутобиқгардонии мақсадҳо, афзалиятҳо ва натиҷаҳои фаъолият;
- вуҷуд надоштани тақсимоти аниқи ваколатҳо, салоҳиятҳо, вазифаҳо ва мақоми масъул дар байни шохаҳои ҳокимият, аз ҷумла дар байни зинаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;
- суст будани механизмҳои танзими ғайримустақими давлатӣ, номутобиқатии функсияҳои танзимӣбо муносибатҳои инкишофёбандаи бозорӣ;
- маҳорати пасти касбӣ ва инкишофи сусти ниҳодҳои соҳаи такмили ихтисос, мақомоти судӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- иҷрои нокифояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва номутобиқатӣ дар қонунгузорӣ;
- сатҳи нокифояи касбият ва самаранокии хизмати давлатӣ аз сабаби паст будани дараҷаи ҳавасмандӣ дар байни хизматчиёни давлатӣ;
- номукаммал будани сиёсати хазинадорӣ дар идоракунии молияи давлатӣ;
- шаффоф набудани банақшагирии буҷет ва мувофиқати сусти буҷет бо афзалиятҳои миллӣ;

- иқтидори маҳдуди мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар расондани хизматҳои сифатнок ба аҳолӣ;
- монеаҳои маъмурӣ;
- мушаххас набудани тақсимоти ваколату масъулият дар ҳамаи зинаҳои идоракунии давлатӣ ва ҳамкории самарабахши шарикони рушд (давлат - бахши хусусӣ – ҷомеаи шаҳрвандӣ);
- ба таври кофӣ ҷалб карда нашудани иқтидори ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бизнес дар ҷараёни рушди миллӣ, банақшагирии буҷет ва мониторинги иҷрои қарорҳо.

### *2.1.3. Пешниҳодҳо ва самтҳои асосии ҳалли мушкиливу душвориҳои бахши такмили идоракунии давлатӣ*

- дар сатҳи ҷумҳуриявӣ (беҳтараш дар сохтори ДИП ҶТ) ташкил намудани мақоми мустақили танзимкунандаи идоракунии давлатӣ, раванди ислоҳот, иҷрои стратегияҳо ва барномаҳои рушд;
- ҷорӣ намудани механизмҳое, ки фаъолияти мақомоти давлатиро ба натиҷаҳои барои ҷомеа зарурӣ равона месозанд;
- таҳия ва қабули ҳуҷҷатҳои стратегии минтақавӣ ва соҳавии рушд, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ;
- тақсимоти аниқи вазифаю ваколатҳо дар байни дастгоҳи марказӣ, мақамоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо дарназардошти тавозуни манфиатҳои минтақавӣ ва соҳавӣ;
- рушди низоми таҳсилоти ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ, расондани кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ;
- иҷрои бечунучарои қарорҳои судӣ;
- ислоҳоти муттасили ниҳодҳои хизмати давлатӣ, ки барои инкишоф додани нерӯи кадрии он ва баланд бардоштани масъулияти он дар назди ҷомеа масъуланд;
- ҳамоҳангсозии ислоҳоти идоракунии давлатӣ бо ислоҳот дар дигар сохторҳо;
- ба раванди ислоҳоти идоракунии давлатӣ ҷалб намудани ҳамаи қишрҳои ҷомеа, таҳияи механизмҳои самараноки ҳамкории иҷтимоӣ;
- густариш додани таҷрибаи ба зиммаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ гузоштани иҷрои хадамоти оммавӣ;
- ташаккул додани низоми аниқи ҳисоботдиҳии мақомоти идоракунӣ дар назди аҳолӣ;
- таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;
- тақвият бахшидан ба мустақилияти молиявии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи вазифаҳое, ки ба онҳо вогузор шудааст.

### *2.1.4. Вазифаҳои асосӣ (стратегӣ) ва тадбирҳо оид ба такмили идоракунии давлатӣ*

Барои иҷрои мақсадҳои гузошташуда амалӣ гардондани тадбирҳои асосӣ ва вазифаҳои зерин зарур аст:

- ҷорӣ намудани усули ягонаи ба низом даровардани мақсадҳо ва афзалиятҳо, барномаҳо ва нақшаҳои рушд;
- ҷудо кардани ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатӣ оид ба муайян намудани мақсаду афзалиятҳои рушд, иҷро ва мониторинги нақшаю барномаҳо;
- ба ислоҳотҳои соҳавӣ мувофиқ ва вобаста намудани ислоҳоти идоракунии давлатӣ, хусусан дар бахши кишоварзӣ;
- пурзӯр намудани нақши вазорату идораҳо дар таҳия ва қабули қарорҳои мушоваравии стратегӣ, ҷорӣ намудани таҷрибаи идоракунии мақсадноки барномавӣ ва банақшагирии буҷет;
- тезонидани татбиқи атрибутҳои «Ҳукумати электронӣ»;

- беҳтар намудани низоми танзими давлатӣ, аз ҷумла, танзим ва назорати ғайримустақим;
- ташкили ниҳодҳои (механизмҳои) арзёбии таъсири танзимкунандаи қарорҳои давлатӣ, бо дарназардошти вариантҳои алтернативии ба даст овардани мақсадҳои дорои аҳамияти ҷамъиятӣ;
- камтар намудани дахолати давлат ба фаъолияти хоҷагидорӣ;
- таҷдиди равандҳои маъмурии идоракунӣ, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи идоракунӣ ва таваҷҷӯҳи мақомоти давлатӣ ба талаботи аҳолӣ, кам кардани хароҷоти маъмурӣ;
- ба танзим даровардани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, таҳия ва татбиқи сиёсат ва қонунҳои минбаъда ҷиҳати расондани кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ ба табақаҳои аз лиҳози иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ;
- фароҳам овардани шароити зарурӣ барои таъмини дастрасии васеи аҳли ҷомеа ба иттилоот дар масъалаҳои ҳуқуқӣ;
- таҳкими робитаи мутақобила байни буҷет, афзалиятҳои рушд ва сиёсати иқтисодии давлат;
- баланд бардоштани сатҳи таҳия, иҷро ва мониторинги буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;
- баланд бардоштани масъулият ва шаффофияти идоракунии молияи давлатӣ;
- баланд бардоштани сифати тайёркунии хизматчиёни давлатӣ дар ҳамаи зинаҳои идоракунии давлатӣ, такмили низоми пардохти музди меҳнати онҳо;
- такмил додани низоми таълими кадрҳои ботаҷрибаи идоракунӣ ва таҳияи стратегияи самараноки зиддикоррупсионӣ барои хизматчиёни давлатӣ;
- таҷдиди низоми идоракунии захираҳои инсонӣ, ки ба баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва барҳам додани коррупсия асосёфтааст;
- тақсимоти аниқи вазифаҳо дар байни зинаҳои идоракунӣ ва ба онҳо додани ваколатҳои дахлдор, молу мулк ва маблағҳои молиявӣ;
- муайян намудани маҳакҳои тақсимоти маъмурию минтақавӣ ва муносибатҳои ҳамдигарии байни зинаҳои идоракунии давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот;
- таҳияи методология ва татбиқи баҳодиҳии мақомоти идоракунии минтақавӣ аз рӯи индекси рушди инсонӣ;
- таҳкими иқтидори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ дошта;
- рушди мустақилияти молиявии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тибқи вазифаҳое,ки онҳо иҷро менамоянд;
- ғайримутамарказонӣ ва ғайритаҷаммуъсозии идоракунӣ, ба шаҳрвандон ва манфиатҳои онҳо наздик кардани он;
- таъмини ҳуқуқии ташаккули механизми интихоби роҳбарони ҷамоатҳо бо роҳи овоздиҳии бевоситаи аҳолӣ;
- рушди ҳамоҳангсозии фаъолияти бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ баҳри иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷаи миллӣ дар робитаи зич бо рушди умумииқтисодӣ;
- таҳкими механизмҳои ҳамкории бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ;
- таъмини муколамаи кушоди байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусус;
- васеъ намудани имкониятҳои ташхиси ҷамъиятӣ ва муҳокимаҳои оммавии қарорҳои дорои аҳамияти иҷтимоии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- таъмини шаффофияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣбарои назорат ваиштирокисамараноки аҳли ҷомеа;
- таъмини волоияти қонун баҳри амалисозии ҳадафҳои рушди миллӣ.

### *2.1.5. Натиҷаҳои пешбинишаванда дар бахши «такмили идоракунии давлатӣ»*

- танзими мақсаду вазифаҳои барномавӣ дар сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ;
- ташкили «Ҳукумати электронӣ»-и муассир ва кам кардани имкониятҳо барои коррупсияи хизматчиёни давлатӣ;
- кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ;
- ба даст овардани сатҳи баланди касбӣ ва салоҳиятнокӣ дар хизмати давлатӣ;
- такмил додани низоми танзими санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар низоми судӣ;
- иҷрои самараноки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- баланд бардоштани донишу малакаи ҳуқуқшиносон ва саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ;
- таъмини иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бизнес дар муайянсозии афзалиятҳои рушди миллӣ ва маҳаллӣ;
- баланд бардоштани дараҷаи самаранокии ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ;
- пурзӯр намудани нерӯи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот,баланд бардоштани самаранокии он дар ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ;
- таъмини дастрасӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба аҳолӣ;
- таъмини шаффофияти кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои назорат ва иштироки самараноки аҳли ҷомеа дар раванди он.

### 2.2. Таъмини рушди макроиқтисодӣ

Солҳои 2010-2012 дар иқтисоди миллӣ ҷараёни барқароршавии иқтисодиёт ва дигаргуниҳои назаррас идома ёфт. Дар ин давра, соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар аз ҳолати бухронӣ раҳо ёфта, дар ҷараёни мусбии рушд фаъолият намуданд. Ба барқароршавии иқтисодиёти кишвар, инчунин, шароити мусоиди рақобатпазирии беруна ва беҳтаргардии омилҳои дохилӣ дар натиҷаи андешидани чораҳои зиддибуҳронӣ ва баъди буҳронии ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулгардида мусоидат намуд. Тадбирҳои андешидашуда, рушди устувори макроиқтисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, диверсификатсияи истеҳсолот, инчунин таҳкими имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар сохтани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва вусъати бозори меҳнатро таъмин намуд.

Дар ин давра, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои пешрафти минбаъдаи кишвар ва зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути таъмини истиқлолияти энергетикиву амнияти озуқаворӣ ва рушди ифрасохторию коммуникатсионии мамлакат тарҳрезӣ намуда, онро тадриҷан амалӣ кард.

Таи ин солҳо рушди иқтисоди миллӣ тамоюли болоравӣ дошта, суръати мусбати рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нигоҳ дошта шудааст.






Болоравии ҳаҷми ММД дар соли 2012 нисбат ба соли 2008 ду маротиба зиёд гардид.

Аз рӯи нишондиҳандаи нақшаи дурнамо афзоиши ММД дар солҳои 2012 ва 2015 дар қиёс ба соли 2008 мутаносибан 2 ва 3 маротиба зиёд хоҳад шуд.

Дар ин давра зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаҳои саноату кишоварзӣ, фаъолгардии гардиши савдои хориҷӣ ва сармоягузорӣ ба мушоҳида расида, талаботи афзояндаи истеъмолӣ нигоҳ дошта шудааст, ки дар маҷмӯъ ҳамаи ин омилҳо дар рушди иқтисодии кишвар саҳми мусбӣ гузоштанд. Дар натиҷа ММД таи солҳои 2008-2012 ба ҳар нафар аҳолӣ тадриҷан афзоиш ёфта,ба ҳисоби миёна 3376,3 сомонӣ ё 777,1 доллари ИМА-ро ташкил дод.







Таи се соли охир ба ҳисоби миёна истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 8,5 фоиз, кишоварзӣ 8,4 фоиз, аз ҷумла растанипарварӣ 8,4; чорводорӣ 8,1 фоиз, гардиши савдои чакана 11,2 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ 15,7 фоиз таъмин гардид.

### *2.2.1. Самтҳо ва афзалиятҳои асосии бахши таъмини рушди макроиқтисодӣ:*

- таъмини рушди макроиқтисодӣ, тавассути такмили низоми дурнамосозии макроиқтисодӣ ва мутобиқ намудани низому нишондиҳандаҳои оморӣ ба низоми муосири байналмилалӣ;
- баланд бардоштани самаранокии идоракунии маблағҳои давлатӣ ва такмили маъмуригардонии андозҳо;
- такмили сиёсати фискалӣ бо назардошти мутобиқ гардидан ба низоми муосири байналмилалӣ, тавассути рушди самтҳои фаъолияти пулию қарзӣ ва молиявӣ;
- татбиқи барномаҳои рушди минтақавӣ бо назардошти афзалиятҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» ва «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015».

### *2.2.2. Барои ноил гардидан ба афзалиятҳо, ҳамчунин ҳадафу вазифаҳои стратегии бахш ва таъмини рушди макроиқтисодӣ, ҳалли мушкиливу монеаҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:*

- сатҳи нокифояи баҳисобгирии афзалиятҳои миллӣ дар сиёсати макроиқтисодӣ, инчунин дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти бахши иқтисодӣ дар таҳияи дурнамо ва барномаҳои макроиқтисодӣ, пулию кредитӣ ва фискалӣ имкон намедиҳад, ки сиёсати давлат дар соҳаи макроиқтисодиёт ба таври мукаммал беҳбуд ёбад;
- тақсими захираҳо, ба монанди буҷет, барномаи давлатии сармоягузорӣ ва дигар барномаҳои сатҳи миллӣ, соҳавию минтақавӣ, инчунин барномаҳои кӯмак ба кишвар ҳанӯз ҳам байни худ пурра ҳамоҳанг ва ба раванди ягона муттаҳид карда нашудаанд. Низому механизми зарурии ин раванд ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашуда, бо афзалиятҳои рушд ва самтҳои асосии стратегии кишвар ба қадри лозима мутобиқ нагардидаст;

– алоқамандии сиёсати андозу гумрук ва пулию қарзӣ бо афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ нокифоя мебошад. Қарзҳо бо фоизҳои баланд омили ҷиддии боздорандаи рушди соҳибкории хурд ва миёна ба ҳисоб меравад. Бозори коғазҳои қиматнок, ки воридшавии озоди сармояро таъмин менамояд, инкишоф наёфтаст.

***2.2.3. Пешниҳодҳо ва самтҳои асосӣ барои ҳалли мушкилоту монеаҳои бахши таъмини рушди макроиқтисодӣ:***

– такмили сиёсати андозу буҷет бо истифода аз низоми муосири байналмилалӣ;
– такмили минбаъдаи сиёсати пулию қарзӣ бо ҷорӣ намудани самтҳои ба рушд нигаронидашудаи муосири байналмилалӣ;
– идома додани ислоҳоти институтсионалӣ дар сиёсати андозу буҷет ва пулию қарзӣ;
– мутобиқгардонии барномаҳои рушди минтақавии ҷумҳурӣ бо ҳадафҳои стратегӣ ва тадбирҳои Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015.

***2.2.4. Вазифа ва тадбирҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки соҳа, ки дар ин давра мавриди татбиқ қарор мегиранд:***

*2.2.4.1.Дар самти баланд бардоштани самаранокии идоракунии маблағҳои давлатӣ ва такмили маъмуригардонии андозҳо (сиёсати фискалӣ):*

– татбиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, ҷиҳати таъмини рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ;
– ҷиҳати такмилу навсозии маъмуригардонии гумрукӣ тадбирҳо дар самти муносибгардонии тарифҳои гумрукӣ, танзими заминаи ҳуқуқӣ, соддагардонии расмиёти гумрукӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотии барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ, сохтмони иншооти иловагии инфрасохтори гумрукӣ дар назар дошта шудааст;
– тадбирҳои махсус барои баланд бардоштани самарабахшии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ, аз ҷумла такмили раванди буҷетӣ ва тақсими дақиқи нақши ҳамаи мақомоте, ки ба ин раванд ҷалб шудаанд, инчунин масъалаҳои ба ҳам пайвастани буҷет бо афзалиятҳои миллӣ пешбинӣ гардидаст;
– дар самтҳои тақвият додани иқтидор оид ба таҳия ва иҷрои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, ҷорӣ намудани механизми судманди хариди давлатӣ, такмили низоми назорати давлатии молиявӣ ва ислоҳоти низоми музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ тадбирҳои зарурӣ пешбинӣ шудааст.

*2.2.4.2. Дар самти такмили низоми таҳлилу дурнамосозии макроиқтисодӣ ва омор:*

– баҳри беҳтар намудани дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тавассути баланд бардоштани иқтидори мақомоти иҷроия, истифодаи мустақими дурнамо ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ ва нишондиҳандаҳои асосии он, баланд бардоштани сатҳи дурнамои соҳавию минтақавӣ дар асоси истифодаи моделҳои муосири макроиқтисодӣ ва таҳлили оморӣ тадбирҳои зарурӣ дар назар дошта шудааст;
– банақшагирии макроиқтисодӣ дар асосиба назар гирифтани мақсад ва афзалиятҳои миллӣ, вазифаву тадбирҳои бахшҳо, имконоти буҷет ва кӯмаки беруна такмил дода мешавад;
– дар соҳаи омор раванди ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот такмил дода шуда, усулҳои муосири байналмилалӣ татбиқ хоҳад гардид.

*2.2.4.3. Дар самти такмили сиёсати пулию қарзӣ ва бахши молия:*

– сиёсати пулию қарзӣ барои ноил гардидан ба сатҳи нисбатан пасти таваррум нигаронида мешавад, ки барои рушди иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам меорад;

- ҷиҳати баланд бардоштани эътимод ба низоми бонкӣ, аз ҷумла, тавассути ҷалби институтҳои молиявии хориҷӣ ба бозори Тоҷикистон ва ҳавасмандсозии бонкҳои тиҷорат ҷиҳати рушди воситаҳои молиявӣ тадбирҳои зарурӣ андешида хоҳанд шуд;
- ташаббусҳои микромолиявӣ инкишоф ёфта, ҳамчунин кам кардани меъёрҳои фоизӣ оид ба қарзҳоидарозмуҳлат дастгирӣ карда мешавад;
- оид ба рушди ҳисобҳои ғайринақдӣ (кортҳои пластикӣ), дастгирии бозори асъор дар қисми таъминоти методию техникӣ сурат гирифта, низоми автоматии савдои электронии асъори хориҷӣ ва савдои электронии мол, кор ва хизматрасонӣ ҷорӣ хоҳанд гардид.
- ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани андозбандии субъектҳои ҳамаи шаклҳои моликият ҳисобдорӣ ва бақайдгирии амалиёти хариду фурӯш ба роҳ монда шаванд.

*2.2.5. Натиҷаҳои пешбинигардида дар бахши таъмини рушди макроиқтисодӣ:*

- низоми самарабахши рушди миллӣ фароҳам оварда мешавад;
- сиёсати ягонаи муосири макроиқтисодӣ, ки барои ноил шудан ба мақсад ва афзалиятҳои миллӣ нигаронидашудааст, татбиқ мегардад;
- таҳкими иқтидори мақомоти омор имконият медиҳад, ки асосноксозии қарорҳои таҳиягардида баланд бардошта шавад;
- сиёсати давлатии пулию қарзӣ, буҷету андоз ва дигар самтҳои сиёсати давлатӣ барои ба даст овардани ҳадафу афзалиятҳои миллӣ равона карда мешаванд;
- барномаҳои рушди минтақавӣ ва дигар барномаву нақшаҳои татбиқшаванда ба сиёсати умумимиллӣ мусоидат намуда, бо захираҳои зарурӣ таъмин хоҳанд шуд.

*2.2.6. Сенарияҳои эҳтимолии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва шарҳи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои солҳои 2013-2015*

«Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои соли 2013 ва параметрҳои асосии он барои солҳои 2014-2015» бо дарназардошти таҳқиқу арзёбии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, омилҳои берунии бо савдои ҷаҳонӣ алоқаманд, тағйирёбии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонии молу ашё (тибқи таҳқиқоти Хазинаи Байналмилалии Асъор), ҳамчунин бо дарназардошти самтҳо ва афзалиятҳои рушди иқтисоди миллӣ ва дар заминаи тамоюлоти рушди соҳаҳои иқтисод дар солҳои охир, таҳия мегардад.

Дар шароити ноустувори рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва тағйироти ҷиддӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ рушди иқтисоди кишвар бештар аз ҳисоби омилҳои дохилӣ, инчунин тадриҷан даст кашидан аз модели ашёии иқтисод ва рӯ овардан ба иқтисоде, ки ба истеҳсоли маҳсулот ва коркарди он нигаронда шудааст, таъмин хоҳад гардид. Барои ҳалли вазифаҳои зикргардида татбиқи барномаҳои қабулгардидаи рушди саноати сабук, афзоиши ҳаҷми коркарди алюминий ва пахта дар дохили кишвар, таъмини амнияти озуқаворӣ, диверсификатсия ва рушди иқтидори содиротӣ мусоидат менамоянд.

Ҳоло се сенарияи эҳтимолии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар пешбинӣ мегардад: асосӣ, варианти "а", варианти "б" ва варианти "в".

***Сенарияи асосӣ*** дар заминаи арзёбии тамоюли мусбидоштаи шароити берунӣ ва дохилии дорои тамоюли мусбат нисбат ба рушди иқтисоди миллӣ таҳия гардидааст. Сенарияи мазкур тадриҷан бартараф гардидани зуҳуроти буҳронӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон, нигоҳ доштани тамоюли мавҷудаи мусбӣ дар рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ҳамчунин рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ, татбиқи меъёрҳои пешбинишуда оид ба диверсификатсияи истеҳсолот, эҳёи раванди ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар, таъмини устувории қурби пули миллӣ, рушди даромади воқеии пулии аҳолӣ, аз ҷумла аз ҳисоби афзоиши интиқоли маблағҳо ва афзоиши муътадили сатҳи таваррумро пешбинӣ менамояд.

Пешбинӣ мегардад, ки яке аз омилҳои рушди иқтисодии кишвар афзоиши истеҳсоли нерӯи барқ аз ҳисоби ба кор андохтани иқтидори пурраи Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-2, сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурду миёна, хатҳои интиқоли барқ, ис-

тифодаи манбаъҳои алтернативии энергия хоҳад гардид. Истеҳсоли нерӯи барқ ҳамасола 6-7 фоиз афзоиш ёфта, то соли 2015 наздики 20,5 млрд. кВт/соатро ташкил хоҳад дод. Ин имкон медиҳад, ки иқтидори содиротии он низ афзун гардад.

Шароити зикргардида имкон медиҳад, ки рушди ҳамасолаи ММД-и кишвар дар сатҳи 7,4-7,5 фоиз таъмин гардад.

Афзоиши солонаи сатҳи таваррум дар соли 2015 то 7 фоиз коҳиш меёбад. Бекорӣ дар сатҳи 2,3-2,4 фоиз боқӣ мемонад.

***Варианти "а"*** хусусияти бештар мусбии рушди иқтисодиёти ҷаҳон, раванди фаъолтари баромадан аз буҳрон дар соли 2013 ва барқароршавии нархҳои ҷаҳонии бозорҳои ашёи хом то сатҳи солҳои 2010-2011-ро пешбинӣ менамояд.

Чунин сенария ба фаъолгардии рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии истеҳсоли молу хизматрасониҳо, бахусус дар соҳаҳои ба содирот нигарондашуда тариқи амалӣ намудани меъёрҳои пешбинишуда оид ба диверсификатсияи истеҳсолот ва таъмини рушди босуръати иқтисоди кишвар мусоидат хоҳад кард.

Ин варианти сенарияи рушд фароҳам омадани шароити мусоидро дар сохтмони НБО-и Роғун пешбинӣ менамояд, ки он имкон медиҳад, дар соли 2014 (чунон ки қаблан ба нақша гирифта шуда буд) ду агрегати нахустини ин истгоҳи барқӣ ба кор андохта шуда, истеҳсоли нерӯи барқ дар соли 2015 то 25 млрд. кВт/соат афзун гардад. Ҳамзамон иқтидори содиротӣ то 6 млрд. кВт/соат афзоиш меёбад.

Пешбинӣ мегардад, ки суръати афзоиши ММД аз 7,9 фоиз дар соли 2013 то 8,7 фоиз дар соли 2015 таъмин мегардад. Сенарияи мазкур бештар аз рушди кишварҳои ҳамшарики иқтисодӣ, ки ба болоравии нархи ҷаҳонии нафт алоқаманд аст, барои афзоиши музди меҳнат шароити мусоид фароҳам меорад, вобастагӣ дорад. Ин омил, ҳамзамон, нисбат ба сенарияи асосӣ, ҷиҳати афзоиши интиқоли маблағҳо ба ҷумҳурӣ тақрибан то 20 фоиз мусоидат хоҳад кард, ки мутаносибан ба баланд гардидани талабот дар бозори истеъмолӣ таъсир мерасонад.

***Варианти "б"*** арзёбии консервативии рушди иқтисоди ҷаҳон, коҳиш ёфтани суръати барқароршавӣ ва пастравии иқтисодиёти як қатор кишварҳоро инъикос менамояд. Коҳиши ҷиддии рушди иқтисоди ҷаҳон ба кам гардидани талабот ва минбаъд паст шудани нархинафт ва дигар ашё, бахусус дар соли 2013 боис мегардад. Солҳои 2014 ва 2015 иқтисодиёти ҷаҳон зуҳуроти буҳрониро бо душворӣ бартараф менамояд.

Сенарияи мазкур паст гардидани рушди иқтисоди кишварро пешбинӣ менамояд. Суръати афзоиши ММД нисбат ба сенарияи асосӣ баробари 0,5-0,9 банди фоизӣ қафо монда, соли 2013 6,5 фоиз ва соли 2015 7фоизро ташкил хоҳад дод. Савдои хориҷӣ аз ҳисоби кам гардидани ҳаҷми амалиёти содиротӣ коҳиш меёбад.

Коҳиш ёфтани рушди иқтисодиёти ҷаҳон боиси кам гардидани ҷалби сармоя мегардад, ки он ба татбиқи як қатор лоиҳаҳои инвеститсионӣ, аз ҷумла, дар бахши энергетика таъсири манфӣ мерасонад. Омили мазкур дар мавриди таъмини кишвар бо нерӯи барқ мушкилӣ эҷод менамояд.

Дар кишварҳои шарикони иқтисодии Тоҷикистон аз сабаби коҳиш ёфтани суръати рушди иқтисод талабот ба қувваи кории хориҷӣ кам мегардад, ки ин омил таъмини шуғли муҳоҷирони меҳнатиро мушкил мегардонад. Омили мазкур сабаби кам гардидани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷумҳурӣ ба хориҷ гардида, дар бозори дохилии меҳнат мушкилӣ эҷод менамояд. Вобаста ба ин, сатҳи бекорӣ аз рӯи сенарияи консервативӣ дар соли 2013 то 4,2% афзуда, дар заминаи баъзе беҳбудиҳои вазъи иқтисодиёти ҷаҳон дар соли 2015 ин нишондиҳанда то 3,6% коҳиш меёбад.

Суръати афзоиши ҳаҷми интиқоли маблағҳо дар соли 2013 то11фоиз коҳиш ёфта, дар соли 2015 ин нишондиҳанда беҳтар гардида,20фоизро ташкил хоҳад дод.

***Варианти "в"(буҳронӣ)*** пешбинӣ менамояд, ки соли 2013 омилҳои бӯҳронӣ шиддат меёбанд, ки ин боиси коҳишёбии иқтисодиёти ҷаҳон мегардад. Чунин тамоюл метавонад ҳолати буҳронии солҳои 2008-2009-ро такрор намояд, ки натиҷаи он коҳишёбии суръати афзоиши иқтисодиёти ҷаҳон ва ҳатто таназзули онро ба миён меорад. Талаботи ҷаҳонӣ ба таври назаррас коҳиш меёбад, ки ба савдои ҷаҳонӣ таъсири манфӣ расонида, вазъияти нархҳоро дар бозорҳои молу ашё ноустувор мегардонад.

Дар чунин шароит суръати афзоиши иқтисодиёти миллӣ дар соли 2013 метавонад то 4 фоиз коҳиш ёбад. Тамоюли мусбии даромади аҳолӣ вобаста ба кам гардидани интиқоли пул аз кишварҳои шарики иқтисодии Тоҷикистон коҳиш меёбад. Пастравии иқтисодиёти ин кишварҳо боиси кам гардидани интиқоли пул дар соли 2013 дар ҳаҷми тақрибан 20 фоиз гардида, соли 2015 тадриҷан сатҳи соли 2012 барқарор хоҳад гардид.

Солҳои 2014-2015 иқтисодиёти ҷаҳон тадриҷан барқарор хоҳад шуд, вале сатҳи баланди ҳолатҳои номуайян ва сар задани омилҳои бухронӣ боқӣ мемонад.

Дар давраи бухронӣ сафарбаркунии захираҳои дохилӣ, дастгирии давлатии соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ҳамчунин, мусоидати минбаъда ба рушди соҳибкории хурду миёна омилҳои рушди иқтисодӣ хоҳанд буд. Дар солҳои 2014-2015 вобаста ба фаъолгардии савдои ҷаҳонӣ ва беҳтар гардидани вазъи иқтисодӣ дар кишварҳои ҳамшарик суръати рушди иқтисоди ҷумҳурӣ меафзояд ва то соли 2015 ба 7 фоиз наздик хоҳад шуд.

*2.2.7. Аз рӯи сенарияҳои эҳтимолии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои солҳои 2013-2015, аз рӯи тадқиқоти сатҳи зиндагии мардуми кишвар ва ҳисобҳо тибқи методологияи Бонки умумиҷаҳонӣ, вариантҳои зерин пешбинӣ мегардад.*

*Аз рӯи сенарияи асосӣ:*

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Сатҳи камбизоатӣ | 41,0 | 38,3 | 36,0 | 33,6 | 31,5 |
| Сатҳи осебпазирӣ | 26,6 | 26,2 | 25,6 | 25,3 | 23,9 |
| Сатҳи табақаи миёна (маҳаллӣ) | 15,2 | 16,0 | 15,7 | 15,3 | 15,3 |
| Сатҳи табақаи миёна (байналмилалӣ) | 17,2 | 19,5 | 22,8 | 25,9 | 29,4 |
| Ҷамъ: | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

*Аз рӯи сенарияи варианти «а»:*

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Сатҳи камбизоатӣ | 40,9 | 38,7 | 36,1 | 34,0 | 31,9 |
| Сатҳи осебпазирӣ | 26,6 | 26,5 | 24,9 | 24,0 | 22,9 |
| Сатҳи табақаи миёна (маҳаллӣ) | 14,8 | 14,7 | 15,3 | 16,0 | 14,9 |
| Сатҳи табақаи миёна (байналмилалӣ) | 17,7 | 20,1 | 23,7 | 26,0 | 30,3 |
| Ҷамъ: | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

*Аз рӯи сенарияи варианти «б»:*

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Сатҳи камбизоатӣ | 40,9 | 39,4 | 37,0 | 34,4 | 32,5 |
| Сатҳи осебпазирӣ | 26,6 | 24,8 | 25,1 | 25,0 | 23,3 |
| Сатҳи табақаи миёна (маҳаллӣ) | 14,8 | 14,9 | 15,1 | 15,7 | 15,9 |
| Сатҳи табақаи миёна (байналмилалӣ) | 17,7 | 20,9 | 22,8 | 24,9 | 28,2 |
| Ҷамъ: | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

*Аз рӯи сенарияи варианти «в»* (бухронӣ):

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Сатҳи камбизоатӣ | 40,69 | 39,63 | 37,56 | 36,18 | 33,85 |
| Сатҳи осебпазирӣ | 26,45 | 24,0 | 24,46 | 24,76 | 24,0 |
| Сатҳи табақаи миёна (маҳаллӣ) | 16,07 | 16,87 | 16,02 | 15,45 | 15,31 |
| Сатҳи табақаи миёна (байналмилалӣ) | 16,79 | 19,49 | 21,96 | 23,61 | 26,83 |
| Ҷамъ: | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |

Бо дарназардошти татбиқи самтҳои зикргардида, раванди баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар, сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, паст шудани сатҳи камбизоатӣ, ташаккули табақаи миёнаи аҳолӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъмин хоҳанд гардид.

### 2.3. Таъмини беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ

Фазои сиёсӣ ва сармоягузории мамлакат, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида барои ҳалли вазифаҳои афзалиятнок оид ба рушд ва таҷдиди иқтисодиёт бо ҷалби ҳарчи бештари сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат ва рушди бахши хусусӣ мусоидат менамоянд.

Дар давраи сипаригардида, аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самтҳои дастгирии соҳаҳои бонкӣ ва истеҳсолӣ, суръатбахшӣ ба ҷараёниислоҳоти сиёсати танзимкунонӣ, ки барои содагардонӣ ва камхарҷгардонии тартиби амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст, корҳои зарурӣ ба анҷом расонида шуд.

Такмили қонунгузории амалкунанда дар Тоҷикистон сиёсати давлатиро оид ба дастгирии ҳама намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хусусӣ инъикос менамояд. Бинобар ин, мунтазам ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳои андозу гумрук яке аз нишондиҳандаҳои мутобиқгардонии қонунгузории амалкунанда ба меъёрҳои байналмилалӣ оид ба кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқҳо махсуб мегардад. Таъсиси Шӯрои машваратии назди Президенти мамлакат оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва амалигардонии тадбирҳо шаҳодати кӯшишҳои ҷумҳурӣ барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мебошад.

Тадриҷан фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ, дастгирии сохторҳои бозаргонӣ ва рушди низоми тиҷоратии молиявию бонкӣ идома дорад. Тартиби бақайдгирии корхонаҳои муштарак ва корхонаҳои дорои моликияти мухталиф сода карда шудааст.

Иқтисодиёти рӯ ба тараққии Тоҷикистон бо бисёр паҳлӯҳо ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ пайваст буда, дар баробари давлатҳои дигари дунё муттаассири оқибатҳои буҳрони молиявию иқтисодӣ гардидааст.

Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ дар самти татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва ҳамгироии бештар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ талош меварзад. Натиҷаи ин талошҳо буд, ки таи солҳои охир ислоҳоти иқтисодӣ амалӣ шуда, раванди беҳтаргардонии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ татбиқ гардид ва ҷараёни ислоҳоти институтсионалӣ бо маром идома ёфт, ки барои ташаккули инфрасохтори воқеии иқтисодиёти бозаргонӣ заминаи боэътимод гузошт.

Дар ин давра, дар ҳисоботи солонаи Бонки умумиҷаҳонӣ «Пешбурди Тиҷорат» (Doing Business) ҳамчун яке аз даҳ кишвари ислоҳотгар шинохта шудани Тоҷикистон нишонаи он аст, ки мамлакати мо новобаста ба ҳамаи мушкилот ва таъсири буҳрони молиявию иқтисодӣ, дар роҳи пешгирифтаи худ баҳри рушди босубот тавассути гузаронидани ислоҳот, ташкили инфрасохтори боэътимод ва тадриҷан ноил гардидан ба афзалиятҳои миллӣ ва самтҳои стратегии рушди кишвар пойдор аст.

Дар самти таъмини беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣкорҳои зарурӣ ҷиҳати дастрасӣ ба бозор, ки яке аз омилҳои асосӣ барои таъмини минбаъдаи рушди устувори иқтисодиёт ва беҳбуди ҳаҷм ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, иҷро мегарданд. Ҳамзамон, масъалаҳои зикргардида ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ тавассути ташаккули муҳити рақобат, шароит барои шуғли аҳолии бекор, аз ҷумла, тавассути шуғли худӣ ва суботи воридоти андоз мавриди диққат қарор дода шуданд.

#### *2.3.1. Самтҳо ва афзалиятҳои асосии бахши таъмини беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ:*

- такмили заминаи хуқуқӣ барои таъмини беҳбуди муҳити сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ;
- дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ тавассути таҳким ва такмили самтҳои ба рушд нигаронидашуда мутобиқ ба талаботи муосири байналмилалӣ;
- тақвияти фаъолияти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ҷиҳати ноил гардидан ба афзалиятҳои миллӣ ва стратегии рушди кишвар.

***2.3.2. Барои ноил гардидан ба афзалиятҳо, ҳамчунин хадафу вазифаҳои стратегии бахши таъмини беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, ҳалли мушкилоту монеаҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:***

- заминаи қонунгузорӣ дар самти сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ такмилро талаб менамояд;
- таъмини ҳуқуқи моликият нокифоя мебошанд;
- монеаҳои зиёди маъмурӣ дар самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ба назар мерасанд;
- расмиёти назорат шаффоф намебошад ва барои фаъолияти соҳибкорӣ, сарбории зиёд пеш меорад, киба санҷишу тафтиши аз ҳад зиёд вобаста аст;
- раванди воридоту содирот хеле мураккаб буда, боиси хароҷоти зиёд ва коррупсия мегардад;
- фаъолияти соҳибкорӣ вобаста ба мушкилоти инфрасохторӣ ва таъминот бо барқу газ дар давраҳои муайян дар минтақаҳои алоҳида маҳдуд мегардад;
- хатари (риск) соҳибкорӣ ва инвеститсионӣ мавҷуд мебошад;
- дастгирии соҳаҳои тахассусии кишвар саноати сабук ва саноати озуқаворӣ нокифоя аст;
- омори соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ нопурра буда, дар ин самт тадқиқот номунтазам гузаронида мешавад;
- санҷишҳои беасоси бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ барои таъмини рушди минбаъдаи соҳаи мазкур монеъа мегарданд.

***2.3.3. Пешниҳодҳо ва самтҳои асосӣ барои ҳалли мушкилоту монеаҳои бахши таъмини беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ:***

- татбиқи ислоҳоти сохторӣ дар мақомоти давлатӣ, ки дар самти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ фаъолият менамоянд;
- таъмини низоми ягонаи ҳуқуқии ҷалби сармоягузориҳо ва пешниҳоди кафолату имтиёзҳо ба сармоягузорони хориҷию ватанӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ҷиҳати ҷалб ва истифодаи самараноки кӯмакҳои беруна;
- такмили махзани ягонаи иттилоотӣ барои сармоягузорон ва соҳибкорон;
- кам кардани монеаҳо ва хароҷот ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ;
- дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва таъмини беҳбуди фазои сармоягузорӣ;
- бартараф намудани шумораи санҷишҳои беасос бо роҳи таҳияи механизмҳои назорат ва ҷавобгарӣ барои санҷишҳои беасос.

***2.3.4. Вазифа ва тадбирҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки соҳа, ки дар ин давра мавриди татбиқ қарор мегиранд:***

*2.3.4.1. Дар самти таҳкими қонунгузорӣ ҷиҳати беҳбуди фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ:*

- ҷиҳати рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории мустақими хориҷӣ, таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунгузории андозу гумрук, баланд бардоштани таъсирнокии ҳифзи судии ҳуқуқи сармоягузорон ва соҳибкорон пешбинӣ мегардад;
- тадбирҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар қисми сармоягузорӣ, ҳуқуқи моликият, консессия, фароҳам овардани ҳуқуқҳои баробар ба сармоягузорони ватанию хориҷӣ татбиқ хоҳанд гардид;
- баҳри ташаккул ва татбиқи сиёсати судманд дар соҳаи рушди соҳибкорӣ барномаи дарозмуҳлат дар ин раванд татбиқ мегардад;

*2.3.4.2. Дар самти ба тартиб даровардани расмиёти танзими фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҳамаи шаклҳои моликият:*

- баҳри тадриҷан ва мунтазам кам кардани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми ворид шудан ба бозор ва анҷом додани соҳибкорӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд;
- расмиёт оид ба сертификатсияи маҳсулот ба ҳади имкон одӣ гардонида шуда, рӯйхати сертификатсияи ҳатмӣ кам карда мешавад ва оид ба эътирофи стандарт ва сертификатҳои асосии кишварҳои муттараққӣ ва шарикони минтақавӣ тадбирҳо андешида хоҳанд шуд;
- раванди хусусигардонӣ бо ҷалби сармоягузорон, шаффофияти музоядаҳо ва таъмини иҷрои шартҳои хусусигардонӣ равона карда мешавад;
- ҷиҳати содагардонии расмиёти содирот ва воридот тадбирҳо андешида мешаванд.

*2.3.4.3. Дар самти мусоидат ба соҳибкорӣ:*

- татбиқ ва мониторинги тадбирҳои шаффоф ва амалкунандаи дастгирии давлатии соҳибкории хурд ва миёна, аз ҷумла оид ба таъминоти иттилоотӣ ва таълим, инчунин рушди бозори хизматрасониҳои микромолиявӣ бо иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ пешбинӣ мегардад;
- ба субъектҳои соҳибкорӣ дар ташаккули ассотсиатсияҳои мухталифи соҳибкорӣ ва инкишофи онҳо шароити мусоид фароҳам оварда мешавад;
- фаъолияти самаранок дар доираи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо иштироки бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳибкорону сармоягузорон идома дода мешавад;
- баҳри фароҳам овардани муколамаи муносиб байни бахши хусусӣ ва давлат чораҳои судманд андешида хоҳанд шуд.

***2.3.5. Натиҷаҳои пешбинигардида дар бахши таъмини беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ:***

- такмили қонунгузорӣ ва танзим дар бахши соҳибкорию сармоягузорӣ хатарҳои соҳибкорӣ ва сармоягузориро камтар намуда, имконият медиҳад, ки шуғли самарабахши дохилӣ таъмин гардида, доираи нуфузи дастрасӣ ва ҷолибияти Тоҷикистонро барои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ васеъ намояд;
- дастгирии самараноки давлатии соҳибкорӣ ва таъмини беҳбуди фазои сармоягузорӣ кафолат ва тасдиқи суботи иқтисодию иҷтимоӣ, идоракунии самаранок, пешбурди самтҳои муосири ислоҳот ва татбиқи афзалиятҳои миллӣ ва стратегии кишвар аст;
- инкишофи бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ бо рушди иқтисодиёт,коҳиш ёфтани камбизоатӣ ва афзоиши синфи миёнаи аҳолии кишвар алоқаманд аст;
- шумораи санҷишҳо ба таври назаррас кам ва санҷишҳои беасос пурра бартараф карда хоҳанд шуд.

***2.3.6. Самтҳои самарбахши фаъолияти соҳибкорӣ, сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кафолату имтиёзҳо дар бахши мазкур.***

Сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати инкишофи бомуваффақият, дастрасии васеи соҳибкорӣ ба бозорҳои нави Осиё мебошад.

*2.3.6.1. Соҳаҳои ҷолиби фаъолияти соҳибкорӣ:*

- саноати кӯҳӣ;
- саноати кимиё;
- сохтмон ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон;
- саноати сабук ва хӯрокворӣ;

– кишоварзӣ, коркарди масолеҳи кишоварзӣ;
– нақлиёт ва коммуникатсия;
– сайёҳӣ.

*2.3.6.2. Қаъри замини Тоҷикистон муайян ва иктишоф барои азхудкунии зиёда аз 400 кони маъдан ва ғайримаъдании фоиданок омода карда шуда, ҳуқуқ барои азхудкунии захираҳои табиӣ дар асоси озмун амалӣ мегардад.*
*Аз ҷумла:*
– конҳои маъдани тилло ва нукра;
– конҳои оҳан-бисмутӣ ва волфрам;
– захираҳои сурма;
– мармар, хоросанг, сангҳои қимматбаҳои ороишӣ;
– захираҳои нафту газ.

*2.3.6.3. Тоҷикистон – мамлакати захираҳои бои обӣ – заминаи мусоид баҳри рушди гидроэнергетика:*
Иқтидори гидроэнергетикии Тоҷикистон дар ҳаҷми 527 млрд. кВт/соат қувваи барқ дар як сол арзёбӣ мегардад, аммо сатҳи истифода аз захираҳо на бештар аз 6фоизро ташкил медиҳад. Аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ рӯйхати лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятноки сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва нерӯгоҳҳои барқӣ-гармидиҳӣ муайян шудааст.

*2.3.6.4. Кишоварзӣ:*
Шароити ҷолиби табиӣ-иқлимӣ бо нерӯи ғании обу офтоб, инчунин, водиҳои серҳосил, барои парвариши меваю сабзавоти нодир ва болаззат имкон фароҳам месозад. Самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи кишоварзӣ инҳо мебошанд:
– коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
– коркарди пашм ва пӯст;
– коркарди пахта;
– боғдорӣ ва сабзавотпарварӣ (маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза);
– чорвопарварӣ;
– занбӯрпарварӣ;
– азхудкунии заминҳои нав.

*2.3.6.5. Сайёҳӣ:*
Тоҷикистон инфрасохтори сайёҳӣ ва хизматрасонии сайёҳиро рушд дода истода, ҷиҳати рушди минбаъдаи самтҳои зайли сайёҳӣ имконоти мусоид дорад:
– экологӣ;
– солимгардонӣ;
– сайёҳати кӯҳ ва шикор.

*2.3.6.6. Кафолатҳои қонунгузорӣ барои сармоя ва сармоягузорӣ:*
– баробарҳуқуқӣ байни сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ;
– роҳ надодани маҳдудкунии ҳуқуқи сармоягузорон;
– таъмини ҳуқуқи интихоби шартҳои мусоид барои сармоягузорон дар муддати 5 сол;
– кафолати устувори созишномаҳои баимзорасида;
– кафолати ҳуқуқи истифодабарии даромад ва рафтуомади озодона дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– дахолат накардани мақомоти давлатӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ;
– кафолати ҳуқуқи сармоягузор аз давлатикунонӣ ва мусодира;

- кафолати ҳуқуқи сармоягузор барои содироти моликият ва иттилоот;
- кафолати ҳуқуқии истифодаи захираҳои табиӣ.

*2.3.6.7. Имтиёзу сабукиҳои андозӣ ва гумрукӣ:*

*1) Озодгардонӣ аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда:*

- воридоти таҷҳизот ва воситаҳои комплектии истеҳсолию технологӣ;
- воридоти масолеҳ барои татбиқи лоиҳаҳои мақсаднок, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шудаанд;
- воридоти масолеҳ барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обӣ, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон иншооти хеле муҳими иқтисодӣ ба ҳисоб меравtotalнд;
- воридоти масолеҳ барои истифодаи шахсии корхонаҳои навтаъсис, ки ба коркарди пурраи нахи пахта то ба истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ машғул мебошанд.

*2) Озодкунӣ аз андоз аз арзиши иловашуда:*

- фоизи лизинги молиявӣ;
- содироти маҳсулот, ба ғайр аз пахтаи хоми коркардшуда, нахи пахта, ресмони пахтагӣ ва алюминийи аввалия, металҳо ва сангҳои қимматбаҳо, маҳсулоти заргарӣ аз металҳои қимматбаҳо ва сангҳои қимматбаҳо.

*3) Озодкунӣ аз андоз аз фоида:*

Корхонаҳое, ки дар соҳаи истеҳсоли маҳсулот таъсис дода мешаванд, ҳангоми интиқоли ҳаҷмҳои дар поён зикргардидаи сармоя ба фонди оинномавӣ аз андоз аз фоида ба муҳлати зайл озод карда мешаванд:

- 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо баробари бештар аз 200 то 500 ҳазор доллари ИМА бошад;
- 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо баробари бештар аз 500 ҳазор то 2 миллион доллари ИМА бошад;
- 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 то 5 миллион доллари ИМА бошад;
- 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошад.

*4)* Дар Кодекси нави андоз низ имтиёзу сабукиҳо дар самти беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ муқаррар гардида, шумораи андозҳо ду маротиба кам карда шудааст.

Ҳадафи афзалиятноки Ҳукумати мамлакат дар самти рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ин рушди иқтисодиёти гуногунҷабҳаи дорои тамоюлоти содиротӣ аз ҳисоби рушди соҳаҳои воқеӣ ва бештар намудани ҳиссаи бахши хусусӣ дар иқтисодиёти мамлакат мебошад.

## 2.4. Рушди минтақаҳои махсуси иқтисодӣ: минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои технологӣ

Бахри ноил гардидан ба афзалиятҳои миллӣ тавассути рушди минтақаҳои кишвар, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии мамлакат ва дар ин асно ҷалби ҳарҷӣ бештари сармояи хориҷӣ дар ҷумҳурӣ минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд», «Панҷ», «Дангара» ва «Ишкошим» таъсис дода шуданд.

Барои ба танзим даровардани тартиби татбиқи низоми махсуси ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва тақвияти заминаи ҳуқуқии ташкили паркҳои технологӣ қонунҳои дахлдор «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва «Дар бораи паркҳои технологӣ» қабул гардиданд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ вобаста ба хусусияти фаъолияташон ба намудҳои муайян ҷудо мешаванд, аз ҷумла:

- саноатӣ (истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ);
- савдо ва тиҷорат;
- хизматрасонӣ;
- инноватсионӣ ва илмию таҳқиқотӣ.

Инчунин, метавонанд хусусиятҳои якчанд шакли функсионалии (маҷмӯии) минтақаҳои озоди иқтисодиро дар бар гиранд.

Дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ як қатор субъектҳо бо 72 млн. долл. ИМА сармоягузориҳои эҳтимолӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз ҳамаи навъҳои андоз (ғайр аз андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ) озод мебошанд.

***2.4.1. Ҳадафҳои асосии ташкил ва инкишофи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои технологӣ аз инҳо иборатанд:***

- рушди иқтидори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ, минтақаҳо ва маҳалҳои алоҳидаи он;
- рушди имконоти илмию техникӣ ва технологию инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои инноватсионии давлатӣ ва ғайридавлатӣ;
- беҳтар кардани сифати идоракунӣ, таъмини самаранокии истеҳсолот ва истеҳсоли маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир;
- баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва рушди истеҳсолоти ивазкунандаи воридот;
- фаъолгардонии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва минтақаҳо;
- азхудкунии мавзеъҳои нав ва таъмини рушди шаҳрсозӣ.

***2.4.2. Мушкилиҳои ҷойдошта дар рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои технологӣ дар давраи миёнамуҳлат:***

- набудани консепсияи давлатӣ оид ба таъмини рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- пурра ва возеҳ аниқ намудани ҳадафҳои таъсис ва рушди минтақаҳо;
- пурра интихоб нашудани моделҳои ташкили минтақаҳо;
- пурра ҳал нашудани масъалаҳои маблағгузории маъмуриятҳо ва сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа;
- нарасидани кадрҳои баландихтисос ва паст будани сатҳи ҳавасмандгардонии соҳаи иҷтимоӣ;
- кафолатҳои давлатӣ барои ҷалби сармоя, афзалият бахшидан ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ;
- нокомилии қонунгузории ҷорӣ ҷиҳати танзими соҳаи мазкур;
- мувофиқ гардонидани модели минтақаҳо ба ҳадафҳо ва мақсадҳои таъсиси онҳо.

***2.4.3. Пешниҳодҳо барои солҳои 2013-2015 ҷиҳати ҳалли мушкилот***

- таҳия ва қабул намудани «Консепсияи рушди минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- таҳия ва қабул намудани «Стратегияи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ то соли 2030»;
- гузаронидани омӯзиши вазъи воқеии минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- арзёбии моделҳои ҷаҳонии ташкил ва фаъолияти чунин минтақаҳо;
- муайян намудани тартиби маблағгузории нигаҳдорӣ ва фаъолияти маъмуриятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- муайянсозии манбаъҳо ва тартиби ҷалби маблағҳо барои оғози сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа бо мақсади таъмини назорати гумрукӣ;
- фароҳам овардани шароити инфрасохторӣ ва коммуналӣ барои оғози фаъолияти субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- муайянсозии масъалаи нигаҳдории фаъолияти маъмуриятҳо, мушаххас гардонии мақоми кормандони он, масъалаи ҳавасмандгардонӣ, баланд намудани сатҳи

касбӣ, гузаронидани бозомӯзӣ дар заминаи минтақаҳои озоди иқтисодии дигар кишварҳои рушдёфта.

### *2.4.4. Вазифаҳо, тадбирҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки соҳа дар солҳои 2013-2015*

Вазифаҳои асосии мақомоти давлатӣ ва маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар марҳилаи татбиқи Стратегияи мазкур иборат аз:

- ташкили технопаркҳо;
- таъмини фаъолияти пурсамари минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- ба итмом расидани мӯҳлати гузариш ва пурра оғоз намудан ба азхудкунии қитъаҳои замини ҳудуди минтақаҳо;
- фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ);
- ноил шудан ба сатҳи баланди рушд, воридоти таҷҳизоту технологияҳои пешқадам ва ҷалби бештари сармояи ватанию хориҷӣ.

Тадбирҳои асосӣ ва афзалиятҳои соҳа дар давраи татбиқи Стратегияи мазкур аз самтҳои зерини асосӣ иборат мебошанд:

- лоиҳакашӣ, ҷалби сармоя, сохтмон ва мавриди истифода қарор додани иншоотҳои инфрасохтори таъминоти низомӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- лоиҳакашӣ, ҷалби сармоя, сохтмон ва мавриди истифода қарор додани иншоотҳои инфрасохтори коммуналӣ, аз ҷумла таъминот бо оби нӯшокӣ ва техникӣ, низоми ташноб, таъминот бо қувваи барқ, гази табиӣ, воситаҳои алоқаи гуногун, роҳҳои дохилии минтақавӣ, истгоҳҳои обкашӣ ва сохтмони биноҳои маъмурӣ, иҷтимоӣ ва маишӣ;
- лоиҳакашӣ, ҷалби сармоя, сохтмон ва мавриди истифода қарор додани иншооти асосии минтақаҳо, ба монанди сохтмони қитъаҳои роҳи оҳан ва истгоҳҳо, марказҳои логистикию нақлиётӣ бо силсилаи анборҳо барои нигаҳдории борҳои хоҷагии халқ;
- лоиҳакашӣ, ҷалби сармоя, сохтмон ва мавриди истифода қарор додани инфрасохтори мусоидаткунандаи хизматрасонӣ барои таъмини фаъолияти пурмаҳсули соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, аз ҷумла ташкили фаъолияти марказҳои ягонаи хизматрасонӣ ба субъектҳо тибқи «Равзанаи ягона», марказҳои дастгирии соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва инноватсия, марказҳои манбаъҳои ғайрианъанавии энергия ва истифодаи самараноки он, ташкили фондҳои инвеститсионии минтақаҳо, ташкили намоишгоҳҳои байналмилалӣ, ташкили сомона ва низомҳои таъминоти иттилоотӣ;
- андешидани силсилаи тадбирҳо доир ба таъмини рушди нерӯи инсонӣ, ҷорӣ намудани банақшагирӣ ва идоракунии стратегӣ, таҳияи Консепсияи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои истеҳсолӣ, «Стратегияи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ то соли 2030»;
- иштироки фаъоли мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, сиёсати молиявӣ, сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, гумрук, андоз, омор, иштироки фаъоли масъулини маъмуриятҳо дар чорабиниҳои байналмилалию ватанӣ вобаста ба рушди соҳа, баргузории анҷуманҳо, семинару тренингҳо, бозомӯзиҳо ва такмили савияи касбии онҳо;
- андешидани силсилаи тадбирҳо доир ба ташкили бозомӯзиҳо ва такмили савияи касбии кормандони вазорату идораҳои дахлдор, кормандони маъмуриятҳо ва муттахассисони субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ташкили муассисаҳои махсуси омода намудани кадрҳои коргарӣ ва техникӣ;
- мунтазам андешидани тадбирҳо барои ҳамоҳангсозии қонунгузории соҳа бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда,омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва давлатҳои пешқадам дар ин самт;
- андешидани тадбирҳо оид ба то 80 фоиз тақсим намудани заминҳо дар байни субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

### *2.4.5. Натиҷаҳои пешбинигардида то соли 2015*

Тадбирҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки соҳа ба нақша гирифта шудаанд, ки дар натиҷаи татбиқи онҳо дар ҷамъбасти соли 2015 чунин натиҷаҳо ба даст оварда мешаванд:

- сохтмони иншооти инфрасохтории коммуналӣ, аз ҷумла иншооти таъминоти оби нӯшокӣ ва техникӣ, низоми ташноб, таъминот бо қувваи барқ, гази табиӣ, воситаҳои алоқаи гуногун, роҳҳои дохилии минтақавӣ, истгоҳҳои обкашӣ ва барқтаъминкунӣ, биноҳои маъмурӣ, иҷтимоӣ ва маишӣ ба итмом расида, пурра ба кор андохта мешаванд;
- лоиҳакашӣ ва масъалаи ҷалби сармоя барои сохтмони қитъаҳои роҳи оҳан ва истгоҳҳо ҳалли худро ёфта, корҳои сохтмонӣ оғоз мегарданд;
- марҳилаи аввали сохтмони марказҳои логистикию нақлиётӣ бо силсилаи анборҳо барои нигаҳдории молу маҳсулот ба анҷомрасонида мешавад;
- марказҳои ягонаи хизматрасонӣ ба субъектҳо бо усули «Равзанаи ягона», марказҳои дастгирии соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, инноватсия, фондҳои инвеститсионии як қисми намоишгоҳи байналмилалӣ ва сомонаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба фаъолият шурӯъ менамояд;
- консепсияи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои истеҳсолӣ, «Стратегияи рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ то соли 2030» таҳия ва мавриди татбиқ қарор дода мешаванд;
- намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, маъмуриятҳо ва субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар чорабиниҳои байналмилалию ватанӣ вобаста ба рушди соҳа, анҷуманҳо, семинару тренингҳо, бозомӯзиҳо ва такмилисавияи касбӣ фаъолона ширкат варзида, мавқеи худро дар байни минтақаҳои озоди иқтисодии ҷаҳонӣ ва марказҳои сармоягузорӣ пайдо мекунанд;
- савияи касбии кормандони вазорату идораҳои дахлдор, кормандони маъмуриятҳо ва муттахассисони субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба сатҳи ҷаҳонӣ ҷавобгар ва рақобатпазир мегардад;
- дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ муассисаҳои махсусгардонидашуда барои омода намудани кадрҳои коргарӣ ва техникӣ ба фаъолият шуруъ менамояд;
- қонунгузории соҳа, бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва давлатҳои пешқадам, бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳои озоди иқтисодӣ,ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мутобиқ гардонида мешавад;
- таълими мақсадноки мутахассисон барои татбиқи Стратегия оид ба лоиҳаҳои инноватсионӣ ба роҳ монда мешавад;
- бунёди тамоми иншоотҳои инфрасохтории таъминоти низоми ба итмом расида, мавриди истифода қарор дода мешаванд ва фаъолияти тамоми мақомот оид ба таъмини фаъолияти пурсамари минтақаҳои озоди иқтисодӣ ташкил карда мешавад;
- барои рушди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, илмию тадқиқотӣ, истеҳсолӣ ва афзун гардонидани буҷети онҳо шароити мусоид фароҳам оварда мешавад;
- барои рушди соҳибкории хурду миёна ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир шароити мусоид фароҳам оварда мешавад;
- барои фаъолияти инноватсионӣ ва татбиқи барномаҳои инноватсионию технологӣ дар дохил ва хориҷи кишвар мутахассисон тайёр карда мешаванд.

## 2.5. Таҳкими ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ: Созмони умумиҷаҳонии савдо, рушди сайёҳӣ ва тиҷорати наздисарҳадӣ

Тақвияти ҳамгироии иқтисоди кишвар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва таъмини иштироки дахлдори он дар тақсимоти байналмилалии меҳнат ва тиҷорати байналмилалӣ, фароҳам овардани шароит баҳри ворид намудани корхонаҳои ватанӣ ба равандҳои байналмилалии истеҳсолот, ҳавасмандгардонии фаъолнокии содиротӣ ва инвеститсионӣ, таъмини иштироки мунтазами онҳо дар таҳияи қоидаҳои савдои байналмилалӣ ва ноил гардидан ба рушди устувор мақсади асосии сиёсати иқтисодии

хориҷии кишвар ва замина барои ташаккули шарикии глобалӣ барои мақсадҳои рушд мебошад.

Хусусияти хоси сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба минтақаҳо тақсим будани он мебошад. Чунин муносибат иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар созишномаҳои минтақавӣ ва дуҷонибаи тиҷоратӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии тиҷорат, истифодаи самарабахши захираҳои мавҷуда ва омилҳои истеҳсолот дар асоси эътироф ва риояи қоидаҳо ва танзими низоми тиҷорати бисёрҷониба пешбинӣ менамояд.

### *2.5.1. Созмони Умумиҷаҳонии Савдо*

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо яке аз вазифаҳои афзалиятноки рушди кишвар арзёбӣ мегардад. Зеро узвияти Тоҷикистон дар ин Созмон имкон медиҳад, ки дар кишвар низоми шаффоф, пешгӯишаванда ва муҳимтар аз ҳама, ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯи тиҷорат барқарор гардида, муаммоҳои бозорёбӣ ва рақобатпазирии молу маҳсулоти дар дохили мамлакат истеҳсолшуда ҳаллу фасл гардад.

Ҷиҳати мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба қоидаву меъёрҳои СУС, инчунин тақвияти механизми истифодаи ҳуқуқ дар кишвар корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Дар ҷумҳурӣ пояи мустаҳками меъёрию ҳуқуқии ҷавобгӯи талаботи ҳуқуқии байналмилалӣ ташкил карда шуда, корҳои зиёд ҷиҳати рафъи вайронкунии принсипҳои низоми миллӣ ва низоми бештар мусоид дар қонунгузории кишвар анҷом дода шуд.

*2.5.1.1. Ҳадафҳои асосии иштирок дар Созмони умумиҷаҳонии савдо аз инҳо иборатанд:*

- рушди асосҳои институтсионалии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла таҳияи сиёсат дар ин соҳа, мутобиқгардонии қонунгузории амалкунандаи кишвар ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ;
- такмили муҳити инвеститсионӣ ва корӣ;
- таъмини дастрасӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
- ташаккули марказҳои иттилоотию маркетингӣ, такмили тадбирҳои танзими ғайритарифии фаъолияти тиҷорати хориҷӣ;
- беҳбуди низоми идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
- тақвияти иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар савдои ҷаҳонӣ.

*2.5.1.2. Манфиатҳои узвияти ҷумҳурӣ ба СУС*

- инкишофи муҳити соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ ва вусъати рафти ислоҳоти иқтисодӣ;
- ба даст овардани шароити беҳтари ғайридискриминатсионӣ барои роҳёбии молу маҳсулоти ватанӣ ба бозори ҷаҳонӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар натиҷаи мутобиқати қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳои СУС;
- фароҳам овардани шароит барои беҳтар кардани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар натиҷаи воридоти зиёди маҳсулоти хориҷӣ, хизматрасонӣ ва сармоягузориҳо ба бозори дохилӣ;
- роҳёбӣ ба низоми ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ дар сатҳи байналмилалӣ;
- иштирок дар коркарди қоидаҳои савдои байналмилалӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ;
- истифода аз низоми оперативии маълумоти тиҷоратӣ, ки барои татбиқи сиёсати тиҷоратию иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

### *2.5.2. Рушди сайёҳӣ*

Дар асоси талаботҳои ҳуҷҷатҳои стратегии дар ҷумҳурӣ баҳри рушди устувори туризм «Консепсияи рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-

2019» ва «Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014» қабул гардидааст. Ҳуҷҷатҳои мазкур дурнамо, рушд, стратегия, афзалиятҳо, вазифаҳо ва механизми татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи туризм дар давраи миёнамуҳлатро муайян намуда, дар мадди аввал таъсиси механизми самараноки танзими давлатӣ ва дастгирии туризм, ташаккули стратегияи маркетингӣ оид ба таҳия ва пешрафти минбаъдаи маҳсулоти туристии миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ, инчунин, ташаккули нуфузи ҷолиби туристии кишвар, рушди ҳамкории байналмилалӣ ва такмили оморро дарбар мегирад.

Соҳаи сайёҳӣ тадриҷан рушд ёфта, дар ин робита маводи тарғиботию иттилоотӣ, аз қабили харитаҳои туристӣ, руқъаҳои мавзеъҳои зебоманзари кишвар, филмҳои телевизионӣ ва буклетҳо омода гардида, байни намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа, ширкатҳои туристӣ ва намоишгоҳҳои байналмилалии туристӣ манзур гардидаанд.

Андешидани тадбирҳои судманд баҳри тарғибу ташвиқи захираҳои туристии Тоҷикистон дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ, боиси зиёд шудани шумораи сайёҳони хориҷӣ ба кишвар гардида, метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

*2.5.2.1. Ҳадафҳои асосии ташкил ва инкишофи соҳаи туризм аз инҳо иборатанд:*

- таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва имкони гирифтани даромади иловагӣ бо роҳи ҷалби сайёҳон;
- самаранок истифода бурдани захираҳои нотакрори табиӣ;
- тавассути рушди соҳаи туризм муосидат намудан ба рушди дигар соҳаҳои анъанавии хоҷагии халқ.

*2.5.2.2. Мушкилот дар самти рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бароиояндаи миёнамуҳлат:*

- набудани ҳамкориҳои мутақобила дар таҳияи хатсайрҳои муштараки туристӣ бо давлатҳои ҳамсоя;
- норасоии кадрҳои маҳаллӣ барои таҳияи барномаҳои ҷолиби рушди туризм;
- норасоии маводи таблиғотии рушди соҳаи туризм ва ширкатҳои сайёҳии мамлакат;
- кам будани таваҷҷуҳи дӯстдорони сайру саёҳат ба кишвар аз минтақаи Аврупо;
- набудани низоми самараноки пешниҳоди маҳсулоти сайёҳии ватанӣ дар намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар;
- ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ набудани омори туристӣ;
- норасоии манбаъҳои сармоягузорӣ ҷиҳати рушди инфрасохтори туристӣ;
- ҳолати фарсудаи мавзеъҳои тамошобоб ва дигар инфрасохтори туристӣ;
- муайян набудани хатти сарҳади байни заминҳои одӣ (умумӣ) ва ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;
- ба андозаи мутавозун муқаррар нагардидани меъёри пардохт барои вуруд ба ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда барои сайёҳони ватаниву хориҷӣ;
- муайян набудани ҳудуди аниқи маъмурии минтақаҳои табиии махсус муҳофизатшаванда.

*2.5.2.3. Пешниҳодҳо оид ба ҳалли мушкилии ҷойдошта дар самти рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бароиояндаи миёнамуҳлат:*

- ҷоннок намудани ҳамкориҳои мутақобила ва таҳияи хатсайрҳои муштараки туристӣ бо давлатҳои ҳамсоя;
- тарбияи кадрҳои маҳаллӣ барои таҳияи барномаҳои ҷолиби рушди туризм дар ҳамкорӣ бо Созмони Ҷаҳонии Туристӣ;
- бозомӯзӣ дар намоишгоҳҳои бонуфузи байналмилалии бозори ҷаҳонии туристӣ бо мақсади тақвият додани мавқеи Тоҷикистон;

- ташкил, омода ва пахн намудани маълумотномаҳои мухталиф, аз қабили китобчаҳо, расмҳо, буклетҳо оид ба мавзеъҳои ҷолиби диққати кишвар ва ширкатҳои сайёҳӣ;
- ҷалб намудани таваҷҷуҳи дӯстдорони сайру саёҳат ба кишвар аз минтақаи Аврупо;
- бо мақсади тарғиби соҳаи туризм, омода кардани гӯшаҳои туристӣ дар сафоратхонаҳои кишвар дар хориҷа;
- таъмини намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар бо харитаҳо, дискҳо ва руқъаҳо бо суратҳои мавзеъҳои тамошобоби туристии кишвар;
- ҳамкорӣ бо Созмони Умумиҷаҳонии Туристӣ ҷиҳати ташаккули омори туристии ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ;
- пешбурди лоиҳаҳои инвеститсионӣ ҷиҳати рушди инфрасохтори туристӣ ва тармиму таҷдиди мавзеъҳои тамошобоб;
- муайян намудани хати сарҳади байни заминҳои одӣ ва ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;
- гирифтани даромади иловагӣ аз ҳисоби рушди туризм, таъмини сифатноки хизматрасонии сатҳи муносиби туристӣ, аз қабили роҳбаладӣ, омодасозии тӯҳфаҳои хотиравӣ, фӯруши маҳсулоти туристии ватанӣ, иҷораи хаймаҳо барои иқомати муваққатӣ, ташкили осорхонаҳо дар дохили ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда;
- ҷалб намудани шумораи ҳарчӣ бештари туристони потенсиалии минтақа ба мавзеъҳои тамошобоби кишвар;
- ба андозаи мутавозун муқаррар намудани меъёри пардохт барои воруд ба ҳудуди табиии махсус муҳофизатшаванда барои сайёҳони ватаниву хориҷӣ.

*2.5.2.4. Вазифаҳо, тадбирҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки соҳа дар солҳои 2013-2015*

- таъсиси механизми самараноки танзими давлатӣ ва дастгирии туризм;
- ташаккули стратегияи маркетингӣ оид ба таҳия ва пешрафти минбаъдаи маҳсулоти туристии миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва беруна;
- таҳияи накшаитдбирҳои мушаххас оид ба рушди туризми экологӣ;
- омода намудани мутахассисони баландихтисоси сатҳи байналмилалӣ дар бахшҳои хизматрасонӣ ва роҳбаладии (гидҳо) туристҳо;
- ташаккули имиҷи ҷолиби туристии кишвар;
- рушди ҳамкории байналмилалӣ;
- такмили омор;
- такмили қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои содакунии тартиби додани раводид ва бақайдгирӣ;
- мусоидат ба рушди бахши хусусӣ дар соҳаи туризм;
- имкони кушодани гӯшаҳои туристӣ дар назди сафоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа.

*2.5.2.5. Натиҷаҳои пешбинишуда*

- ҷалбнокии хизматрасонӣ ва маҳсулоти туристии миллӣ таъмин гардида, барои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми бозори ҷаҳонии хизматрасонии туристӣ заминаи устувор гузошта мешавад;
- саноати туристӣ ба яке аз бахшҳои даромадноки иқтисодиёти давлат мубаддал мегардад.

***2.5.3. Рушди тиҷорати наздисарҳадӣ***

Бо мақсади васеъ намудани робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ дар асоси манфиати мутақобила, рушд ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байни

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя нуқтаҳои савдои наздисарҳадӣ кушода шуданд.

Дар доираи стратегияи мазкур иловатан ташкил намудани нуқтаи тиҷорати наздисарҳадии "Қумсангир" дар ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон, нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадии "Лангар" дар ноҳияи Ишкошим", Қулма-Қаросӯ" ва "Ғунҷибой" дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон вануқтаи тиҷорати наздисарҳадии "Сарғой" дар ноҳияи Ҷиргатол дар назар аст.

*2.5.3.1. Ҳадафҳои асосии ташкил ва инкишофи савдои наздисарҳадӣ аз инҳо иборатанд:*

- рушди ҳамкориҳои нақлиётию транзитӣ дар доираи минтақаҳои алоҳида бо мақсади ҳалли мушкилиҳои транзитии минтақавӣ ва ҳалли масъалаҳои раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ;
- рушди ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи самарабахши захираҳои обию энергетикӣ ва захираҳои ашёи карбогидрид;
- рушди савдои минтақавӣ ва андешидани тадбирҳо барои содагардонии расмиёти тиҷорат дар доираи минтақа;
- рушди роҳрави (коридорҳои) нақлиётӣ;
- таъсиси консорсиуми байналмилалии энергетикӣ ва афзун гардонидани интиқоли қувваи барқ ба кишварҳои марзӣ бо роҳи сохтмони хатҳои интиқоли барқ.

*2.5.3.2. Мушкилот дар самти таъсис ва фаъолияти нуқтаҳои савдои наздисарҳадӣ:*

- набудани маблағ ҷиҳати ба иҷро расонидани корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадӣ;
- мавҷуд набудани тартиби соддакардашудаи назорати сарҳадӣ ва гумрукӣ дар гузаргоҳҳо;
- ба таври кофӣ мавҷуд набуданиқитъаи замин дар назди гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ ва минтақаҳои гумрукӣ;
- муҳайё набудани имкониятҳо ҷиҳати кашидани хатти қувваи барқ, алоқа ва гузаронидани хати қубурҳои интиқоли об дар мавзеи интихобшуда;
- мавҷуд набудани тартиби соддаи вуруду хуруҷи шаҳрвандони хориҷӣ ба (аз) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мавҷуд набудани тартиби соддакардашудаи гузаронидани молҳо ва воситаҳои нақлиёт барои истиқоматкунандагони ноҳияҳои наздисарҳадӣ бо мақсади тиҷорати наздисарҳадӣ;
- бе мувофиқаи тарафайн баста гардидани бунгоҳҳои тиҷорати наздисарҳадӣ бо тартиби яктарафа аз ҷониби кишварҳои ҳаммарз;
- маҳдудкунии номгӯй ва ҳаҷми молҳои барои тиҷорати наздисарҳадӣ нигаронидашуда.

*2.5.3.3. Пешниҳодҳо оид ба ҳалли мушкилоти мавҷудадар самти рушди савдои наздисарҳадӣ*

- пайдо намудани сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои иҷрои корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадӣ;
- ҷудо намудани замин дар назди гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ ва қаламрави гумрукӣ;
- ташкили инфрасохтори аввалия, аз қабили хатҳои барқу алоқа ва гузаронидани хати қубурҳои интиқоли об дар мавзеъҳои интихобшуда;
- ҷорӣ намудани тартиби соддаи вуруд ва хориҷшавии шаҳрвандони хориҷӣ ба (аз) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷорӣ намудани тартиби соддакардашудаи назорати сарҳадӣ ва гумрукӣ дар убури гузаргоҳҳо;

– ҷорӣ намудани тартиби соддакардашудаи гузаронидани молҳо ва воситаҳои нақлиёт барои истиқоматкунандагони ноҳияҳои наздисарҳадӣ бо мақсади тиҷорати наздисарҳадӣ;
– бо мувофиқаи тарафҳо андешидани тадбирҳо ҷиҳати фаъолияти минбаъдаи нуқтаҳои тиҷорати наздисарҳадӣ;

*2.5.3.4. Натиҷаҳои ниҳоӣ аз ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта дар рушди савдои наздисарҳадӣ*

– ҳамаҷониба васеъ намудани робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ дар асоси манфиатҳои мутақобила бо кишварҳои ҳаммарз;
– таъмини рушд ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва робитаи дӯстона байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя;
– афзоиш додани ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ва муомилоти мол дар бозорҳо, фурӯши чакана ва хизматрасониҳои пулакӣ;
– таъмин намудани соҳибкорон бо ҷойҳои кори иловагӣ;
– таъмин намудани аҳолииҳарду тарафи сарҳад бо маводи аввалияи ниёзи мардум.

# БОБИ 3. БАХШИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ: ТАҲКИМИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

## 3.1. Рушди соҳаҳои энергетика, саноат ва дигар бахшҳо

Вазъи воқеии соҳаҳои энергетика ва саноати кишвар мунтазам мавриди баррасии Ҳукумати мамлакат ва таҳлилу арзёбии ташкилотҳои марбутаи байналмилалӣ қарор дошта, дар ин раванд корҳои зиёд анҷом дода шудааст. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳо дар бахшҳои истеҳсолие, ки аз сабаби норасоии қувваи барқ бо иқтидори пурра фаъолият намекарданд, беҳтар гардида, ҳамзамон, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии энергетикӣ беҳтар хоҳад шуд.

Ҳамзамон, дар соҳаи саноат бунёди иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар шаклҳои гуногуни моликият оид ба коркарди пурраи ашёи хоми маҳаллӣ бо арзиши баланди изофа идома дода мешавад.

### *3.1.1. Энергетика*

Бо мақсади ба даст овардани истиқлолияти энергетикии мамлакат, дар асоси нақшаю чорабиниҳои стратегӣ бо ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ як қатор лоиҳаҳои энергетикӣ амалӣ гардида, корҳои таҷдиду навсозӣ ва барқарорсозии иншооти энергетикӣ бо муваффақият идома доранд. Дар давраи татбиқи Стратегияи қабли дар соҳаи электроэнергетика ба маблағи 723,8 млн. доллари ИМА маблағгузорӣ карда шуда, чандин лоиҳаҳои афзалиятнок амалӣ гаштанд. Аз ҷумла, дар ин давра, НОБ-и Сангтӯда-1, агрегати якуми НОБ Сангтӯда-2, ХИБ-500 кВт «Ҷануб-Шимол» ва ХИБ 220кВт «Лолазор-Хатлон», 265 адад нерӯгоҳи хурди барқӣ бо иқтидори зиёда аз 23287,6 кВт, ХИБ 220 кВт Тоҷикистон-Афғонистон бунёд карда шуда, мавриди истифода қарор дода шуданд. Ҳамчунин, барои кам намудани талафоти нерӯ дар шаҳри Душанбе 170434 адад ҳисобкунакҳои индуксионӣ ба электронӣ иваз карда шуда,истифодабарии лампаҳои каммасраф (99,8 фоиз) ба роҳ монда шуд.

Амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки гидроэнергетикӣ ва дар ин замина истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ имкон медиҳад, ки то соли 2016 амнияти энергетикии кишвар таъмин гардида, барои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувор гузошта шавад.

Аз соли 2007 барои гузариш ба истифодабарии ангишт омода намудани корхонаҳо ва қонеъ гардонидани талаботи ҷумҳурӣ бо захираҳои энергетикӣ нақшаю чорабиниҳо дар самтҳои зерин таҳия гардида,ҷиҳати амалӣ намудани онҳо тадбирҳо андешида мешавад: сохтмон, таҷдид, навсозӣ ва ба истифодаи ангишт гузаронидани дастгоҳҳои корхонаҳо; ба амал баровардани лоиҳаҳои кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуҳлати истифодаи сӯзишвории ангишт, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсол ва таъминоти бемамонияти корхонаҳои саноатӣ бо сӯзишвории ангишт; сохтмони хатҳои озоди интиқоли барқ барои таъмини бемамонияти нерӯи барқ ба корхонаҳо; вусъат додани корҳои таҳқиқотию ҷустуҷӯӣ дар конҳои ангишт ҷиҳати муайян намудани таркиби ангишти онва ба истифода додани захираҳои нафту гази кишвар; ба таври самарабахш истифода бурдани захираҳои ашёи хоми табиӣ ҳангоми истихроҷ вакоркарди канданиҳои фоиданок.

Вобаста ба он, ки арзиши маҳсулоти нафтӣ дар бозори ҷаҳонӣ мунтазам ба баландшавӣ майл дорад ва расмиёти ҳамлу нақли воридсозии он сол аз сол мураккаб ва душвор гардида истодааст, ҳамасола барои зиёд намудани истихроҷ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ тадбирҳои амалӣ андешида мешавад. Дар ин роҳҷиҳати дарояндаи наздик ба 200 ҳазор тонна дар як сол расонидани коркарди маҳсулоти нафтӣ бо ширкатҳои россиягӣ ва чинӣ созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида шудааст.

Вале, новобаста аз чораҳои андешидашуда, афзоиши талаботи дохилӣ ба нерӯи барқ ба назар мерасад, ки ин бо рушди иқтисоди миллӣ ва суръати баланди афзоиши аҳолӣ вобаста мебошад. Афзоиши пешниҳоди нерӯи барқ аз афзоиши талабот ба он қафо мемонад. Ҳаҷми нерӯи барқи истеҳсолшаванда ва истеъмолшаванда ба ҳар нафар аҳолӣ кам гардида, сатҳи муҷаҳҳазгардонии барқӣ низ кам мегардад.

### *3.1.2. Саноат*

Рушди иқтисоди миллӣ дар солҳои охир тамоюли устувор дошта, дар ин муддат суръати мусбати рушди саноат нигоҳ дошта шуд.

Бунёди корхонаҳо бо назардошти таҷҳизоти нави замонавӣ идома ёфта, корхонаҳое, ки фаъолият надоштанд, ба кор дароварда мешаванд ва зиёда аз 8500 ҷойи корӣ таъсис ва барқарор карда мешавад.

Корхонаҳои саноатӣ зиёда аз 80 намуди маҳсулот истеҳсол менамоянд. Аз ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшудаи соли 2011 (7868,8 млн.сомонӣё 1645,0 млн.долл. ИМА) 12,8 фоиз ҳиссаи саноати истихроҷшаванда ва 67,2 фоиз ҳиссаи саноати коркардкунанда мебошад. Ба соҳаи тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об то 20,0 фоиз ҳаҷми истеҳсолот рост меояд.

Аз ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшудаи саноатӣ, ҳиссаи саноати хӯрока, энергетикаи (истеҳсоли барқ) ва металлургияи ранга зиёдтар аст.

Зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот бо суръати афзоиши он дар солҳои 2013-2015 мутаносибан 4,4%, 6,1% ва 5,6% ба мушоҳида расида, ҳамчун талаботи афзояндаи истеъмолӣ нигоҳ дошта мешавад.

### *3.1.3. Сохтмон ва геология*

Самтҳои сохтмон ва геология аз самтҳои афзалиятноки рушди воқеии иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардида, таи солҳои гузашта ҷиҳати рушди онҳо корҳои зарурӣ ба анҷом расонида шуд.

Дар соли 2011 маблағгузории сармояи асосӣ ба маблағи 4988,3 млн. сомонӣ истифода карда шудааст, ки нисбат ба соли 2010 105 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2011 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ фондҳои асосӣ ба маблағи 2371,5 млн. сомонӣ ба кор андохта шуда, ба истифодадиҳии манзилҳои шахсӣ 799,4 ҳазор метри мураббаъро ташкил дод.

Дар соли 2010 барои иҷрои корҳои кашшофии геологӣ дар ҷумҳурӣ 6556 ҳазор сомонӣ хароҷот шуд, аз ҷумла, аз ҳисоби буҷети давлатӣ 21,6 фоиз ва қарордодҳо бо дигар мамлакатҳо, аз ҳисоби маблағи фармоишгар 78,4 фоиз. Пармакории механикии чоҳ 5777 метр ва пармакории зарбавӣ- механикӣ 1531 метрро ташкил дод.

### *3.1.4. Самтҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки рушди соҳа дар сатҳи миллӣ*

*3.1.4.1. Соҳаи энергетика*

– гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ дар бахши энергетика;
– баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои мавҷуда;
– пешбурди лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар бахши энергетика;
– паст намудани таъсири манфии иншооти энергетикӣ ба муҳити зист.

*3.1.4.2. Соҳаи саноат*

– таъмини инкишофи истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум;
– татбиқи стратегияи инкишофи энергетикаи обӣ, саноати кӯҳӣ, сабук ва хӯрокворӣ;
– зиёд ва таъмин намудани самаранокии истифодаи ашёи маҳаллӣ дар истеҳсоли маҳсулот, яъне зина ба зина гузаштан ба коркарди ашёи хом дар соҳаҳои афзалиятнок;
– татбиқи стратегияи истеҳсоли маҳсулоти воридот ивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда;
– баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ дар саноат;
– ташкили низоми мониторинг ва арзёбии иқтидорҳои истеҳсолӣ дар ҳамаи корхонаҳо, новобаста аз шаклиҳои моликият.

*3.1.4.3. Сохтмон ва геология*

– баланд бардоштани сифати сохтмони бинову иншоотҳо;

– инкишоф додани сохтмони иншоотҳои саноатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ;
– афзунгардонии базаи ашёи минералӣ барои мунтазам фаъолият намудани корхонаҳои амалкунанда ва корхонаҳои навтаъсис.

### 3.1.5. Мушкилоти соҳа

*3.1.5.1. Мушкилиҳои соҳаи энергетика*
– фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии таҷҳизот ва инфрасохтор;
– талафоти баланди қувваи барқ;
– ҷамъоварии пасти пардохтҳо барои истифодаи қувваи барқ;
– норасоии маблағҳои сармоявӣ барои инкишофи бахшҳои энергетика;
– инкишоф наёфтани ҳамкориҳо бо кишварҳои ҳамсарҳад.

*3.1.5.2. Мушкилоти соҳаи саноат*
– фарсудашавии ҷисмӣ ва маънавии фондҳои асосӣ дар саноат, истифодаи технологияи кӯҳна ва норасоии мутахассисон;
– баланд будани фоизи қарз;
– набудани таъминоти мунтазам бо хизматрасониҳои инфрасохторӣ (газ, об, қувваи барқ) ва болоравии нархи онҳо.

*3.1.5.3. Мушкилоти сохтмон ва геология*
– ҷавобгӯ набудани базаи моддию техникии соҳа;
– душвориҳои релефи ҷуғрофии ҷумҳурӣ;
– маҳдуд будани имкониятҳои молиявии давлатӣ ва корхонаҳои истифодабарандаи захираҳои канданиҳои фоиданок;
– баланд будани фоизи қарзҳои бонкии дарозмуҳлат.

### 3.1.6. Пешниҳодҳо барои ҳалли мушкилот дар солҳои 2013-2015

*3.1.6.1. Соҳаи энергетика*
– истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ, сиёсати самаранок дар бахши сарфаҷӯи энергия, таъмини амнияти энергетикии кишвар;
– паст кардани сатҳи талафоти энергетикӣ;
– дарасосиҷорӣ карданва пурра гузаштан ба технологияи каммасрафи замонавӣ кам кардани энергияталабии хоси маҳсулот дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт;
– бо мақсади ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди маблағгузорӣ дар бахши самаранокӣ ва сафаҷӯии энергия;
– гузоштани заминаи боэътимоди сармоягузорӣ барои рушди соҳаи электроэнергетика;
– ташкил намудани шакли нави низоми назорат ва танзими нерӯи барқ;
– дар асоси хароҷоти воқеии истеҳсол ва интиқоли нерӯи барқ давра ба давра баланд бардоштани тарифҳо барои ҳамаи гурӯҳҳои истифодабарандагони барқ;
– таъмиру барқарорсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии дегхона ва шабакаҳои мавҷудаи интиқоли гармӣ бо таҷҳизоти ҳозиразамон;
– сохта баистифода додани дегҳои барқии автономӣ;
– тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси соҳа;
– таъмини пардохти пурраи маблағи истифодаи қувваи барқ;
– истифодабарии сарчашмаҳои алтернативии нерӯ (офтобӣ, бодӣ).

*3.1.6.2. Саноат*
– афзоиш додани коркарди ашёи хоми дохилӣ бо арзиши баланди изофа тавассути татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолот;
– афзоиши ҳаҷми аслии маҳсулот, таъмини бозор бо ашёи хушсифату арзони ватанӣ;

- ташкили низоми мониторинг ва арзёбии иқтидорҳои истеҳсолӣ ҳам дар корхонаҳои давлатӣ ва ҳам дар корхонаҳои бахши хусусии маҳаллӣ ва ширкатҳои хориҷӣ.

*3.1.6.3. Сохтмон ва геология*

- аз ташхис гузаронидан ва ҷорӣ намудани лоиҳаҳои тасдиқшуда;
- баланд бардоштани сифати сохтмон ва истифодаи масолеҳи сохтмонии корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ;
- омӯзиш, кашф ва гузаронидани маҷмӯи корҳои геологӣ тибқи лоиҳаҳо.

***3.1.7. Вазифа ва тадбирҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки соҳаҳо, ки дар солҳои 2013-2015 мавриди татбиқ қарор мегиранд***

*3.1.7.1. Вазифаҳои соҳаи энергетика*

- амалӣ намудани барномаиислоҳот дар соҳа;
- амалӣ намудани нақшаҳои тағйир додани сохтори «Барқи Тоҷик» ва «Тоҷик-трансгаз»;
- амалӣ намудани барномаҳои соҳавӣ;
- сохтмони НОБ-и хурд;
- тағйир додани сохтор ва ворид намудани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва инфрасохтори энергетикӣ;
- пешбинии чораҳои баландбардории самаранокии энергетикӣ дар саноат;
- беҳдошти муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ.

*3.1.7.2. Вазифаҳои соҳаи саноат*

- таҳия ва амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ доир бакоркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва баландбардории самаранокии энергетикӣ дар саноат;
- инкишофи низоми истеҳсолоти саноатӣ, ки ба қонеъ намудани талаботи дохилӣ нигаронида шудааст (кам намудани воридот ва рушди содироти маҳсулоти тайёр).

*3.1.7.3. Вазифаҳои соҳаҳои сохтмон ва геология*

- таҳияи нақшаҳои генералии шаҳру ноҳияҳо, инчунин лоиҳаҳои биноҳои саноатӣ ва ҷамъиятӣ, бо дарназардошти инфрасохтори иҷтимоӣ;
- гузаронидани санҷиши сифати корҳои сохтмонӣ, азнавсозии биноҳо ва иншооти таъиноти истеҳсолӣ, кишоварзӣ, манзилҳои истиқоматӣ, роҳҳои нақлиёт, иншооти гидротехникӣ ва дигар намудҳои сохтмон, новобаста аз мансубияти идоравӣ ва шакли моликияташон;
- татбиқи «Барномаи давлатии рушди соҳаи геология барои солҳои 2012-2020»;
- иҷрои корҳои омӯзишиву геологӣ тибқи лоиҳаҳои тасдиқшуда.

***3.1.8. Натиҷаҳои пешбинигардида то соли 2015***

*3.1.8.1. Натиҷаҳои пешбинигардидаи соҳаи энергетика*

- зиёд намудани давомнокии пешниҳоди барқ то 24 соат;
- паст кардани сатҳи талафоти энергетикӣ то 13,2 фоиз;
- зиёд кардани иқтидорҳои барқ истеҳсолкунанда то 6694 МВт;
- бунёд намудани 70 адад НОБ-ҳои хурд;
- баланд бардоштани тарифи миёна ба қувваи барқ;
- истихроҷи ангишт то 267,0 ҳазор тонна;
- истихроҷи нафт то 29430 тонна;
- истихроҷи газ то 21600 ҳаз.$м^3$;
- таъмини истиқлолияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

*3.1.8.2. Натиҷаҳои пешбинигардидаи соҳаи саноат*

- зиёд намудани ҳаҷми нахи пахтаи коркардашуда то 16000 тонна;
- расонидани ҳаҷми пӯсти коркардашуда то 1202,3 ҳаз.дона;
- ҳаҷми пашми коркардашуда - 508 тонна;
- ҳаҷми риштаи абрешими коркардашуда - 264,7 ҳаз.долл. ;
- то 20 фоиз зиёд намудани шумораи коргарони соҳаи саноати сабук;
- то 25 фоиз зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ.

*3.1.8.3. Натиҷаҳои пешбинигардидаи сохтмон ва геология*

- таҳияи нақшаҳои генералии шаҳру шаҳракҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин амалӣ намудани лоиҳаи 100 иншооти биноҳои шаҳрвандӣ ба маблаги 3900 ҳазор сомонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- гузаронидани санҷиши назоратии сифати корҳои сохтмонӣ дар 1500 иншоот;
- зиёд намудани ҳаҷми истифодаи канданиҳои фоиданок;
- баланд бардории самаранокии истеҳсоли қувваи барқ.

## 3.2. Рушди инфрасохтор: нақлиёт ва алоқа

### *3.2.1. Рушди нақлиёт*

Дар давраи солҳои 2008-2011 ҳаҷми хизматрасонӣ тавассути ҳамаи намудҳои нақлиёт афзоиш ёфта, ба ҳисоби миёна боркашонӣ 8,7 фоиз ва мусофиркашонӣ 6,1 фоиз зиёд шудааст. Зиёда аз 2300 км роҳҳо, 21,4 км нақбҳо ва “долонҳои зиддитармавӣ” ва зиёда аз 200 пули хурд ва миёна барқарор ва мавриди истифодабарӣ қарор гирифтанд.

Ҳаҷми боркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ дар 3 соли охир 58,0 фоиз афзоиш ёфтааст.

### *3.2.2. Рушди алоқа*

Аз рӯи маълумоти расмӣ тайи солҳои 2009-2011 тавассути корхонаҳои Хадамоти алоқа ба маблағи 303,5 млн. сомонӣ ба аҳолӣ хизмат расонида шудааст.

Соли 2011 ҳаҷми хизматрасонии алоқа, бо дарназардошти операторони хусусӣ ба 1990,9 млн. сомонӣ расонида шуд, ки ин нисбат ба солҳои 2009-2010 мутаносибан 46,4% ва 11,9% зиёд аст.

### *3.2.3. Самтҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки рушди соҳаҳо дар сатҳи миллӣ*

*3.2.3.1. Нақлиёт*

- такмили асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва стандартҳои техникӣ дар соҳаи нақлиёт;
- рушди инфрасохтор ва таҳкимдиҳии базаи моддию техникии нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ;
- баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии мусофирбарӣ дар шаҳри Душанбе;
- рушди роҳравҳои (коридорҳои) байналмилалӣ;
- таъмини инкишофи ҳамаи намудҳои нақлиёт;
- таъмини инкишофи рақобати озод;
- пешниҳод намудани стратегия ва лоиҳаҳо ҷиҳати хизматрасонии роҳҳо (аутсорсинг) ба бахши хусусӣ.

*3.2.3.2. Алоқа*

- таҳияи лоиҳаи инвеститсионии ташаккули «Ҳукумати электронӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- амалисозии лоиҳаи инвеститсионии ташаккули «Ҳукумати электронӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- васеъ намудани фарогирии минтақавии шабакаи алоқаи телефонии собит;
- ба вуҷуд овардани шароити мусоид ҷиҳати дастрасии аҳолӣ ба алоқаи телефонии собит.

***3.2.4. Мушкилоти соҳаҳо***

*3.2.4.1. Мушкилоти соҳаи нақлиёт*

- норасоии имкониятҳои буҷет барои маблағгузории хизматрасонӣ ва таъминоти техникии роҳҳо;
- номуккамал будани сохтори низоми нақлиёти автомобилӣ;
- дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои автомобилии маҳаллӣ;
- монеаҳои ҷуғрофии хусусияти минтақавӣ дошта;
- вобастагӣ аз низоми роҳи оҳани Ӯзбекистон ва Туркманистон;
- дараҷаи баланди олудашавии ҳаво аз воситаҳои нақлиёт.

*3.2.4.2. Мушкилоти соҳаи алоқа*

Мушкилиҳои асосӣ дар соҳаи алоқа мавриди ташкил намудани шабакаҳои алоқа, гузаронидани хатҳои нахи нурӣ ва насби дигар таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ – ин душворгузар будани релефи ҷуғрофии ҷумҳурӣ мебошад, ки барои ба амал баровардани лоиҳаҳо маблағгузории зиёдро талаб менамояд.

***3.2.5. Пешниҳодҳо барои ҳалли мушкилот дар солҳои 2013-2015***

*3.2.5.1. Нақлиёт*

- мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна, савдои наздисарҳадӣ ва дастрасии аҳолии минтақа ба бозорҳои давлатҳои ҳамсоя;
- васеъ намудани шабакаҳои роҳҳои автомобилгард ва ташкили истгоҳҳои нақлиёт (стоянка);
- баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ;
- зиёдшавии ҳиссаи роҳҳои автомобилгарди дорои сифати қаноатбахш;
- ҷалби сармоя барои татбиқи лоиҳаҳои нақлиётӣ;
- баланд бардоштани сатҳи бехатарии истифодабарии нақлиёт;
- риояи қатъии қоидаҳои истифодаи роҳҳо;
- хизматрасонии техникии сохторҳои комплекси нақлиётӣ.

*3.2.5.2. Алоқа*

- вусъат додани пайвастшавии мақомоти давлатӣ ва нуқтаҳои дастрасӣ ба шабакаи ҳукумати электронӣ;
- зиёд кардани миқдори компютерҳои ба шабакаи ҳукумати электронӣ пайвастшуда;
- фарогирии аҳолӣ бо алоқаи телефонии собит;
- васеъ кардани ғунҷоиши васлшудаи телефонҳои собит;
- зиёд кардани шумораи муштариёни алоқаи телефонии собит;
- зиёд шудани шумораи истифодабарандагони шабакаи Интернет;
- ҳаҷми хизматрасонии алоқа бо дарназардошти операторони хусусӣ.
- таҳия намудани стратегияи алоқаи фаврӣ дар Тоҷикистон;
- муайян намудани воситаҳои алоқаи захиравӣ дар ҳолати рух додани ҳодисаҳои фавқулода.

***3.2.6. Вазифа ва тадбирҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки соҳаҳо, ки дар солҳои 2013-2015 мавриди татбиқ қарор мегиранд***

*3.2.6.1. Вазифаҳои соҳаи нақлиёт*

- сохтмони терминалҳои наздисарҳадии ҷумҳуриявӣ;
- таъсиси марказҳои логистикӣ аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта;
- мусоидат намудан ба дастраснамоии воситаҳои нақлиёти автомобилии ҷавобгӯи талаботи ҳамлу нақли байналмилалӣ дошта;

- татбиқ намудани лоиҳаи рушди нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳри Душанбе;
- сохтмони роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа, қитъаи Ваҳдат-Ёвон;
- харидории вагонҳои мусофирбару боркашон, локомотивҳои шохроҳӣ ва ҳавопаймоҳо;
- идома додани сохтмони терминали байналмилалӣ дар фӯрудгоҳи байнамилалии шаҳри Душанбе;
- пешбурди лоиҳаи «Азнавсозии фӯрудгоҳи шаҳри Қӯрғонтеппа» ;
- дар амал татбиқ намудани лоиҳаҳои сохтмони роҳҳои автомобилгард.

*3.2.6.2. Вазифаҳои соҳаи алоқа*

- таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи инвеститсионии ташаккули «Ҳукумати электронӣ»;
- васеъ намудани шабакаи «Ҳукумати электронӣ» (кашидани хатҳои алоқа, насби таҷҳизот);
- таъмини дастрасӣ ба хизматҳои электронӣ (пайвасти шуъбаҳои алоқа, китобхонаҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ);
- зиёд намудани ғунҷоиши телефони собитиваслшуда (мукаммал намудани таъминоти барномавӣ, насби таҷҳизоти иловагӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир);
- пешниҳоди хизматрасонии нисбатан арзон;
- таъмини аҳолӣ бо дастгоҳҳои телефонии босифат, ройгон ва ё бо нархи арзон.

***3.2.7. Натиҷаҳои пешбинигардида то соли 2015***

*3.2.7.1. Нақлиёт*

- рушди ҳамлу нақли байналмилалии боркашонии автомобилӣ (вазни хос) – 15 фоиз;
- ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои соҳаи нақлиёт - 977,2 млн.доллари ИМА;
- зиёд кардани ҳиссаи роҳҳои автомобилгарди дорои сифати қаноатбахш дар ҳаҷми умумии роҳҳо – 14 фоиз;
- бунёд ва барқарорсозии 1953 км роҳҳои автомобилгард.

*3.2.7.2. Алоқа*

- зиёд кардани миқдори пайвастшавии сохторҳои давлатӣ ва нуқтаҳои дастрасӣ ба шабакаи ҳукумати электронӣ - 106 адад;
- зиёд намудани шумораи компютерҳои ба шабакаи «Ҳукумати электронӣ» пайвастшуда;
- фарогирии аҳолӣ бо алоқаи телефонии собит (зичии телефонҳои собит ба 100 нафар аҳолӣ) - 17,4 адад;
- расонидани ғунҷоиши телефонҳои собити васлшуда ба 1600,0 ҳазор рақам;
- фарогирии 1500 ҳазор муштарӣ бо алоқаи телефонии собит;
- расонидани ҳаҷми хизматрасонии алоқа то 2900,0 млн. сомонӣ тавассути операторони хусусӣ;
- то 3000,0 ҳазор муштарӣ зиёд намудани истифодабарандагони шабакаи Интернет, бо дарназардошти истифодабарандагони Интернети мобилӣ.

## 3.3. Таъмини амнияти озуқаворӣ: рушди кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи замин

Амнияти озуқаворӣ – қисми таркибии амнияти иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо маводи ғизоӣ яке аз вазифаҳои муҳими иқтисодию-иҷтимоӣ мебошад. Таъмини амнияти озуқаворӣ дар баробари таъмини амнияти энергетикӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз афзалиятҳое

мебошад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудааст. Таъмини амнияти озуқаворӣ аз як қатор омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва экологӣ вобастагӣ дорад.

Амнияти озуқавориро бо роҳи таъмини рушди устувори кишоварзӣ, истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва замин таъмин намудан мумкин аст.

Дараҷаи амнияти озуқаворecho кишвар аз иқтидори базавии истеҳсолоти кишоварзӣ вобастагӣ дорад ва сиёсати аграрӣ дар доираи таъминоти амнияти озуқаворӣ бояд ба дастгирии ҳамаҷонибаи молистеҳсолкунандагони кишоварзии ватанӣ бо истифодабарии стратегияи протексионизми аграрӣ равона карда шавад.

Бо дарназардошти ин омилҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад, ки амнияти озуқавории кишварро дар доираи ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушд ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон таъмин намояд. Дар бахши таъмини амнияти озуқаворӣ то ин давра як қатор тадбирҳои иститустионалӣ андешида шудааст, аз ҷумла:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 «Дар бораи амнияти озуқаворӣ»;
- «Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» аз 2 феврали соли 2009.

Инчунин як қатор барномаҳои соҳавӣ омода ва қабул шудаанд, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди минбаъдаи соҳа ва беҳтар гаштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар мусоидат хоҳанд кард.

### *3.3.1. Самтҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки бахши таъмини амнияти озуқаворӣ: рушди кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи замин*

- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии бахши таъмини амнияти озуқаворӣ: рушди устувори кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи самараноки замин;
- дар амал татбиқ намудани барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обу замин, дар ин замина таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ;
- таҳия ва дар амал татбиқ намудани барномаи модернизатсияи технологии кишоварзӣ, дастрас ва бо техникаи муосир таъмин намудани соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва таъмин сарфаи захираҳо;
- ташкил намудани кооперативҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва фурӯш бо мақсади: истифодаи самараноки захираҳо (замин, об, техникаи кишоварзӣ, нерӯи инсонӣ); сари вақт гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ; хизматрасониҳои байторӣ, агрономӣ, обтаъминкунӣ ва ғ.;
- ҷоннок намудани рушди муносибатҳои ҳамгироӣ байни молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард, бо мақсади коркарди пурраи маҳсулоти кишоварзӣ ва кам намудани талафи он;
- беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, бо мақсади зиёд намудани ҳосилнокии замин ва таъмини амнияти озуқаворӣ.

### *3.3.2. Мушкилиҳои ҷойдошта дар бахши таъмини амнияти озуқаворӣ: рушди кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи замин:*

- дар ҳолати ногувор қарор доштани базаи моддию техникии кишоварзӣ, гарон будани нархи техникаи кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, тухмиҳои хушсифат, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва зотҳои чорво;
- зиёд будани миёнаравҳо байни молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва истеъмолкунандагон, набудани маълумот оид ба бозори фурӯши маҳсулот ва нархҳо;
- набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар маҳалҳои истеҳсоли он;

- дар ҳолати бади мелиоративӣ қарор доштани заминҳои аҳамияти кишоварзӣ дошта (шӯршавӣ, бодлесшавӣ, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ);
- дар ҳолати фарсудашавӣ қарор доштани пойгоҳҳои обкашонӣ ва ба ҳамаи молистеҳсолкунандагон дастрас набудани об барои обёрикунии заминҳо аз сабаби истифодаи бесамари об дар кишоварзӣ.

***3.3.3. Пешниҳодҳо барои солҳои 2013-2015 барои ҳалли мушкилоти бахши Таъмини амнияти озуқаворӣ: рушди кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи замин:***

- дастгирӣ ва рушди ҳамаҷонибаи соҳибкории истеҳсолӣ дар кишоварзӣ, бо мақсади ҳарчи бештар истеҳсол намудани маҳсулоти кишоварзӣ;
- ҷалби бештари сармояҳо, бо мақсади беҳтар гардонидани ҳолати базаи моддию техникии кишоварзӣ, ҳолати мелиративии заминҳои кишоварзӣ ва мукаммалгардонии идоракунии захираҳои обӣ;
- ҷалби бештари сармояҳо бо мақсади таъмиру барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои боир ва аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва хариди техникаву механизмҳо барои соҳаи мелиоратсия ва захираҳои об;
- ташкили кооперативҳои коркард ва фурӯши маҳсулот дар маҳалҳои истеҳсоли маҳсулот бо мақсади паст намудани талафи маҳсулот ва дар ин замина ташкили ҷойҳои нави корӣ;
- кам кардани сатҳи эрозияи хок ва вайроншавии заминҳо.

***3.3.4. Вазифа ва тадбирҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки бахши таъмини амнияти озуқаворӣ: рушди кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи замин, ки дар солҳои 2013-2015 мавриди татбиқ қарор мегиранд:***

- идома додани ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла ислоҳоти иститутсионалии Вазорати кишоварзӣ;
- ташкили базаи комплексии чорводорӣ оид ба нигоҳдорӣ ва парвариши чорво, коркард ва фурӯши маҳсулоти чорводорӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ дар интихоби кишти зироатҳо, бозори фурӯш ва интихоби озоди шарикон ҳангоми коркард ва фурӯши маҳсулот;
- амалӣ намудани Нақшаи чорабиниҳо барои тақвият бахшидан ба иштироки самараноки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СУС;
- андешидани тадбирҳо ҷиҳати ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои боир ва аз гардиши кишоварзӣ холимонда, оид ба азхудкунии заминҳои нави обёришаванда аз ҳисоби маблағҳои мутамарказонидашуда, бо мақсади таъсис додани ҷойҳои нави корӣ дар деҳот ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, амалисозии тадбирҳои судманд доир ба ҳимояи иншооти хоҷагии халқ аз офатҳои табиӣ, аз қабили обхезӣ ва беҳтар намудани вазъи заминаи моддию техникии ташкилотҳои соҳаи мелиоратсия ва захираҳои об;
- таъмини иҷрои вазифаҳо оид ба беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ, иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, барқарорсозии қубурҳои баландфишор дар пойгоҳҳои обкашӣ;
- андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати азхудкунии заминҳои нави обёришаванда;
- татбиқ намудани лоиҳаҳои инвеститсионии «Идоракунии захираҳои обии водии Фарғона», «Идоракунии хавфи обхезӣ дар вилояти Хатлон» ва «Обёрии заминҳои водии Данғара дар масоҳати 1750 га (марҳилаи 2)».

***3.3.5. Натиҷаҳои пешбинигардида то соли 2015 дар бахши Таъмини амнияти озуқаворӣ: рушди кишоварзӣ, обтаъминкунӣ ва истифодаи замин:***

- дар асоси татбиқи барномаҳои соҳавии қабулгардида зиёд намудани ҳосилнокӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин намудани амнияти озуқаворӣ;

- бо мақсади таъмини бозори истеъмолии мамлакат бо маҳсулоти худӣ, амалӣ намудани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати баланд бардоштани самарнокии соҳаи чорводорию паррандапарварӣ ва дар се соли оянда бо гӯшт ва шири истеҳсоли дохилӣ таъмин намудани аҳолӣ;
- андешидани тадбирҳои зарурӣ оид ба истифодаи самараноки заминҳо, гузаронидани кишти такрорӣ барои рӯёнидани ду ҳосил аз заминҳои обӣ бо истифода аз тухмиҳои хушсифат ва дар ин замина мусоидат намудан ба таъмини амнияти озуқаворecho кишвар;
- бо мақсади баланд бардоштани маҳсулнокии маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ дар деҳот ва дар ин замина паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз ҳисоби маблағҳои мутамарказонидашуда азхуд намудани 1500 гектар заминҳои нави обёришаванда;
- дар ҳамбастагӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ андешидани тадбирҳои таъхирнопазир ҷиҳати барқарор намудани корхонаҳои паррандапарварӣ ва дар дохили ҷумҳурӣ зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти озуқаи чорводорӣ, паррандаву моҳипарварӣ;
- андешидани тадбирҳои судманд ҷиҳати васеъ ба роҳ мондани ҳамкории мустақим бо сармоягузорон барои татбиқи саривақтиву босифати лоиҳаҳои афзалиятноке, ки бо ҷалби маблағҳои давлатӣ ва созмонҳои молиявии байналмилалӣ амалӣ мегарданд;
- беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масоҳати на камтар аз 30,0 ҳазор гектар;
- якҷоя бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва вазорату идораҳои дахлдор доир ба ҳимояи иншооти хоҷагии халқ аз офатҳои табиӣ ва обхезӣ гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ (аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо) дар масофаи 84,3 км соҳили дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- иҷро намудани корҳои барқарорсозии қубурҳои баландфишор дар пойгоҳҳои обкашии Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барқарор намудани 9957,3 метрқубурҳои баландфишор ва дар ин замина беҳтар намудани таъминоти 22898 га заминҳо бо оби полезӣ;
- таъмиру барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои боир ва аз гардиши кишоварзӣ берунмонда.

# БОБИ 4. БАХШИ ИҶТИМОӢ: ТАЪМИНИ РУШДИ НЕРӮИ ИНСОНӢ

### 4.1. Таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ

Дар Стратегияи миллии рушд таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ маҷмӯи тадбирҳое муайян шудаанд, ки барои таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқи шаҳрвандони ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд. Татбиқи ин тадбирҳо имкон медиҳад, ки масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз қабили бекорӣ, болоравии нархҳо дар бозори истеъмолӣ, беқурбшавии даромадҳо ва дигар ҳолатҳои буҳронӣ, ки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ҳалли худро пайдо намоянд. Дар стратегияҳои қабулнамудаи Ҳукумати ҷумҳурӣ низ самтҳои афзалиятноки соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ он самтҳое ба ҳисоб мераванд, ки мустақиман ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонанд: шуғл, суғуртаи иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ.

Тавассути амалӣ гардонидани барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахши муҳоҷирати меҳнатӣ кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки масъалаи бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ ва паст кардани шиддатнокии бозори меҳнат ҳалли худро пайдо намоянд. Дар давоми солҳои 2009-2011 дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ бештар аз 451 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд. Муҳоҷирати меҳнатӣ низ яке аз роҳҳои маъмули бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ буда, маблағҳое, ки аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ворид мешаванд, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ манбаи иловагӣ ба ҳисоб меравад. Дар соли 2011 интиқоли маблағҳо аз муҳоҷирати меҳнатӣ 3015,2 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод, ки аз қисми хароҷоти буҷети ҷумҳурӣ 1,7 маротиба зиёд аст.

Бо дарназардошти афзоиши ҳамасолаи шумораи аҳолӣ (ҳамасола беш аз 2-2,5фоиз), теъдоди захираҳои меҳнатӣ бо суръат афзоиш меёбад ва дар шароити имрӯза бозори меҳнати дохилӣ ҳамаи ин захираҳоро бо шуғл фаро гирифта наметавонад. Зарурати андешидани чораҳои иловагӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ба шуғли беҳтар фаро гирифтани аҳолӣ ва дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор ба миён меояд.

Бо мақсади таъмини шаффофияти бозори меҳнат ва ба ин восита ба танзим даровардани масъалаҳои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, мусоидат ба бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, инкишофи касбҳои мардумӣ ва меҳнати хонагӣ, тавсеаи амалияи истифодаи шаклҳои мавсимии шуғл ва мутобиқ гардонидани малакаи қувваҳои корӣ ба талаботи бозори меҳнат, ҳамзамон муайян намудани шуғлнокии захираҳои меҳнатие, ки дар хориҷи кишвар фаъолият мекунанд, зарурате ба миён омадааст, ки баланси захираҳои меҳнатии ҷумҳурӣ таҳия карда шавад.

Дар самти суғуртаи иҷтимоӣ низ заминаҳои ҳуқуқӣ таҳия шудаанд, ки тавассути онҳо тартиби пардохти нафақа, ҷубронпулӣ, хизматрасонӣ оид ба таъминоти нафақа ва бекорӣ муқаррар карда шудааст. Вале дар қонунгузории ҷорӣ муайян намудани суғуртаи иҷтимоии корманд аз ҳодисаҳои нохуш татбиқ наёфтааст.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои ҳисоботи омори расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2012 теъдоди умумии нафақахӯрон 591956 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2009 37971 нафар зиёд гардидааст. Андозаи миёнаи нафақа дар ҷумҳурӣ 152,30 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2009 61,59 сомонӣ афзудааст.

Ҳамзамон, ҷиҳати таҳким бахшидан ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» барои зина ба зина наздик намудани андозаи музди меҳнати ҳадди ақал, нафақа, кӯмакпулиҳо ва дигар намудҳои пардохтҳои иҷтимоӣ бо нишондиҳандаи ҳадди ақали зиндагӣ зарур аст, ки ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таҳия гашта, мавриди амал қарор дода шаванд.

Дар доираи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» ва «Дар бораи стандартҳои давлатии иҷтимоӣ» бояд масъалаҳои зерин ҳалли худро пайдо намоянд:

– андозаи минималии пардохти музди меҳнат дар доираи ҳадди ақали зиндагӣ;
– меъёрҳо ва тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи буҷавӣ;
– ҳамасола баланд бардоштани музди миёнаи меҳнат ва ҳар сол накамтар аз 20 фоиз баланд кардани андозаи ҳадди ақали музди меҳнат.

***4.1.1. Самтҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки бахши Таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ.***

Мақсад ва вазифаҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» ва «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» ба ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷаи иҷтимоию иқтисодӣ нигаронида шудаанд, ки бояд дар оянда барои шаҳрвандони кишвар зиндагии шоиста ва кӯмакҳои иҷтимоии сифатнокро фароҳам оварад. Бо дарназардошти расидан ба ин ҳадафҳо дар Стратегияи амалиёт барои солҳои 2013-2015 дар навбати аввал масъалаҳои барои ҷумҳурӣ афзалиятнок ва мубрами рӯз, аз ҷумла таъмини аҳолӣ бо ҷои кор, суғуртаи иҷтимоӣ, таъминоти нафақа ва кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ муайян шудаанд. Азбаски дар шароити имрӯза масъалаи бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ яке аз вазифаҳои стратегии давлат ва омили асосии баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ба ҳисоб меравад, дар Стратегияи мазкур ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир шудааст. Суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ, ҳамасола ворид гаштани захираҳои зиёди меҳнатӣ ба бозори меҳнат масъалаҳои бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнатро муташанниҷ месозад. Дар баробари ин ҳалли масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати касбии захираҳои меҳнатӣ ногузир аст.

***4.1.2. Аз сабаби дарозмуҳлат ва характери доимӣ доштани баъзе мушкилоти қаблан мавҷуда, дар Стратегияи мазкур низ онҳо боқӣ мемонанд:***

– механизми номукаммали идоравию молиявии соҳаи иҷтимоӣ;
– вуҷуд надоштани методологияи муосир ва механизми муҷаҳҳази ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди иттилооти омори соҳавӣ;
– маҳдуд будани манбаъҳои маблағгузорӣ ва заминаҳои номукаммали меъёрии ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоӣ;
– нокифоягии унвонияти ҳаҷми кӯмаку хизматрасониҳои иҷтимоӣ, набудани стандарти хизматҳои иҷтимоӣ;
– заминаҳои номусоиди ташкилу рушди инфрасохтори алтернативии хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавассути механизмҳои муосири татбиқшавии онҳо;
– набудани сиёсати самараноки пешгирии хатарҳои иҷтимоӣ;
– халалдор шудани адолати иҷтимоӣ аз сабаби номукаммалии низоми суғуртаи иҷтимоӣ;
– имкониятҳои маҳдуди захираҳои кадрии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ;
– пастсифат будан ва рақобатпазир набудани захираҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат;
– набудани механизми таъмини нафақа, ҳифзи саломатӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандии муҳоҷирони меҳнатӣ.

***4.1.3. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, пешниҳоди хизматҳои иҷтимоии сифатноку сурогавӣ ва ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар, мутобиқ ба мақсаду афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд дар Стратегияи мазкур вазифаҳои зайл муайян шудаанд:***

*4.1.3.1. Беҳтар намудани низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва унвонияти хизматҳои иҷтимоӣ бояд аз истифодаи чунин роҳу воситаҳо ҳалли худро пайдо намоянд:*

– барқарорсозӣ ва таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳое, ки ба аҳолӣ хизматрасонии иҷтимоиро анҷом медиҳанд;
– такмили механизми фароҳам овардани хизматрасонии иҷтимоӣ дар навбати аввал барои гуруҳҳои аҳолии осебпазир;

- такмили сохтор ва таҷдиди назари салоҳияту ваколати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути таҳияву татбиқи чорабиниҳои аввалиндараҷа дар дурнамои миёнамуҳлат (2013-2015);
- инкишофи маҷмӯи хизматрасонии алтернативӣ дар ҳамкорӣ бо такшилотҳои донор ва ғайридавлатӣ;
- идомаи фаъолият ҷиҳати таъсиси низоми ягонаи бисёрсатҳаи идоракунии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, бо мақсади бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатии кӯдакон монеа эҷод мекунанд.

Такмили низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар доираи таҳия ва татбиқи амалии консепсияи ислоҳот ва стратегияи рушди низоми давлатии ҳифзи иҷтимоӣ асос меёбад, ки дар он ҳадаф ва самтҳои сиёсати стратегии иҷтимоии давлат муайян гардида, барои фароҳам овардани шароити воқеӣ баҳри ба амал баровардани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба ҳифзи иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

*4.1.3.2. Фароҳамоварии шароит дар самти дастрасии ниёзмандон ба манбаъҳое, ки имконияти мустақиман аз вазъи камбизоатӣ раҳоӣ ёфтанро таъмин менамоянд идомаи фаъолиятро дар назар дорад*:

*4.1.3.2.(1). Меҳнат ва музди меҳнат:*

- бо мақсади баланд бардоштани нақши шарикони иҷтимоӣ дар ҳалли проблемаҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, иттиҳодияҳои корфармоён таъсис дода мешаванд, ки шарикони ваколатдори ҳокимияти иҷроия ва иттифоқҳои касаба дар низоми трипартизм хоҳанд буд. Рушди муносибатҳои шарикона дар низоми трипартизм ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии шарикон ва ҳалли проблемаҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро таъмин хоҳад кард;
- ҷиҳати ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва ҳифзи шароити меҳнат бо истифода аз шакл ва усулҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат тадбирҳо андешида мешаванд;
- ислоҳоти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ ва кормандони соҳаи маорифу тандурустӣ, ки марҳилаи дуюм то соли 2015 чорабиниҳои марбутаи бо Консепсияи музди меҳнат пешбинишударо анҷом мебахшад;
- суръат бахшидан ба раванди танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо истифода аз меъёру муқаррарот ва тарзу усулҳои шарикии иҷтимоӣ;
- таҳияву татбиқи механизмҳои самараноки индексатсиякунонии музди меҳнат, ки вазъияти ба баландбарории музди меҳнат тобовар набудани буҷетро имконпазир мегардонад;
- идомаи таҷрибаи ҳамасолаи баланд бардоштани музди меҳнат, аз ҷумла ҳадди ақали он;
- андешидани тадбиру чорабиниҳои идомаи сиёсат ба хотири тадриҷан решакан намудани шаклҳои бадтарини истифодабарии меҳнати кӯдакон;
- пурзӯр намудани заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва моддиву техникии Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус ба хотири беҳдошти самараи тадбирҳои таъсиррасонӣ ба корфармоёне, ки талаботи қонунгузории меҳнат ва ҳифзи онро риоя намекунанд;
- таҳияи низоми баланд бардоштани музди меҳнати ҳадди ақал бо пайвастан ба нишондиҳандаҳои мушаххаси иқтисодии кишвар ва инчунин бо дарназардошти болоравии сатҳи таваррум;
- ҳалли мушкилоти қарздорӣ оид ба пардохти музди меҳнат.

*4.1.3.2.(2). Танзими бозори меҳнат, мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва кӯмак ба бекорон:*

- ҷорӣ намудани механизми самараноки татбиқи сиёсати давлатӣ дар таъмини шуғли аҳолӣ, танзими бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ;
- рушди ниҳодии мақоми ваколатдор, такмили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ташаккули низоми омоданамоии касбӣ ва батар тибдарории низоми равонасозии муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа;

- иштироки бахши хусусӣ дар таҳияи барномаҳои таъмини шуғли аҳолӣ ва ташкили бозорҳои нави меҳнат;
- беҳтар намудани сифати корҳои роҳнамоии касбӣ ва татбиқи барномаҳои таълимии мутобиқшавии бекорон;
- боистифода аз воситаҳои замонавии иттилоотӣ таҷҳизонидани мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, ба роҳ мондани омӯзиш, тадқиқот ва мониторинги мунтазами бозори меҳнат, ташаккули махзани маълумотии нишондиҳандаҳои бозори меҳнат;
- мусоидат ба шуғли аҳолии осебпазир дар бозори меҳнат бо дарназардошти пешбинии ҷойҳои махсуси корӣ (квота), фарогирӣ ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- тавсеаи фаъолият дар самти рушди модули технологӣ барои таълими калонсолон.

*4.1.3.2.(3).* Фароҳам овардани шароити мусоид барои ба шуғли доимӣ фаро гирифтани насли ҷавон:

- тарбия ва омода намудани ҷавонон бо мақсади рушду такомулёбии фардӣ дар муқобилият ва рақобатнокӣ ба тазодҳои ҷомеаи муосир тавассути таъсис ва рушди марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо;
- такмили шароит баҳри ташаккули тарзи ҳаёти солим байни насли ҷавони кишвар тариқи васеъ гардонидани шабакаи хадамоти варзишӣ ва тарбияи ҷисмонӣ.

*4.1.3.3. Рушди низомиислоҳотии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа:*

- беҳдошти самаранокии идоракунии низоми суғуртаи иҷтимоӣ тавассути компютеркунонии баҳисобгирии шахсони суғурташуда ва гирандагони пардохтпулиҳои суғуртаи иҷтимоӣ;
- автоматикунонии раванди таъиноти нафақаҳои суғуртавӣ ва такмили низоми омори суғуртавӣ;
- дарёфти роҳҳои навинизоми фарогирии суғуртаи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ;
- пешгирӣ ва рафъи сабабу шароитҳои қарздорӣ ҳангоми пардохти андози иҷтимоӣ ва пардохтпулиҳо ба шахсони суғурташуда;
- такмили низоми баҳисобгирии пардохтҳои инфиродӣ барои таъмини нафақаи соҳибкороне, ки ба сифати шахси воқеӣ ба қайд гирифта мешаванд;
- азнавтақсимкунии ҳаҷми пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ байни корманд ва корфармо;
- ташаккули низоми дастрас барои ҳамроҳшавии ихтиёрии ҳамаи хоҳишмандон ба низоми таъминоти нафақавӣ, аз ҷумла барои муҳоҷирони меҳнатӣ.

Татбиқи тадбирҳо оид ба ҳалли вазифаҳои тақвияти ислоҳоти низоми суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба таъсиси давравии низоми бисёрсатҳаи нафақа ба принсипҳои суғуртаи нафақа ва аз нигоҳи молиявӣ устувор асосёфта, мусоидат менамояд.

*4.1.3.4. Идомаи фаъолият дар самти ислоҳоти низоми кӯмаки иҷтимоӣ мусоидат ба зиёд шудани сатҳи шуғл бо роҳи фаолгардонии аҳолии қобили меҳнат, рушди муҳити соҳибкорӣ ва таъсиси бозори меҳнати барои ҳама дастрас дар доираи татбиқи ҳадафҳои Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020:*

- такмил ва инкишофи заминаи дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, ки таъсиси механизми маҷмӯии асосноксозиро барои ҳамаи субъектҳои низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ таъмин менамояд;
- таҷдиди назар намудани низоми имтиёзҳо ва афзалиятҳо, тафриқагузории онҳо, муайян намудани манбаи захираҳои молиявӣ ва кам кардани ҳаҷми истифодаи ғайримақсадноки воситаҳои маҳдуди молиявӣ;

- вусъат ва татбиқи минбаъдаи шаклу усулҳоинави хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавассути рушди низоми муассисаҳои марбутаи сатҳи маҳалливу ҷамоатҳои худидорашаванда дар ҳамкорӣ бо сохторҳои ғайридавлативу намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- ҷорӣ намудани шаклу усулҳои наву замонавии пешниҳодкунии хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин такмили минбаъдаи принсипҳои суроғавии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба кӯдакон, ки ба хизматрасониҳои ҷамоативу оилавии афзалиятнок такя мекунад;
- таҳияи Консепсияи рушди хизматҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти масъалаҳои фарогири мазмуну мундариҷа, ҳаҷм, стандартҳои ҳадди ақали хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва салоҳияту масъулият дар робита ба нигоҳубини кӯдак, аз ҷумла дастгирии буҷетии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак;
- таҳияву татбиқи низоми миллии мониторинги некӯаҳволии аҳолӣ;
- таҳкими заминаҳои меъёрию ҳуқуқии таъсиси низоми стандартҳои иҷтимоӣ ва арзёбии талабот ба хизматрасониҳо аз рӯи усули пешниҳоди суроғавӣ;
- таҷдиди таҳияи барномаҳо оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо бо дарназардошти зарурият ба самтивазкунии маҷроҳои молиявӣ ва татбиқи низоми назорати мунтазами сифати пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ;
- тавсеаи ташвиқоту тарғиботи иттилоотиву фаҳмондадиҳӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва сатҳи огаҳии онҳо аз тарзу усулҳои дастраскунии кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ.

***4.1.4. Татбиқи тадбирҳои пешбининамудаи Стратегияи мазкур дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар дурнамои миёнамуҳлат (2013 – 2015) имкон медиҳад, ки:***

- самарабахшии идоракунии воситаҳои пулии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва низоми нафақа дар маҷмӯъ баланд бардошта шавад;
- теъдоди шахсони суғурташуда дар низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ афзоиш ёфта, ҳамзамон шумораи муассисаҳои марбута афзояд;
- инфрасохтори иҷтимоие, ки пешниҳоди имтиёз ва хизматрасонии суроғавиро ба ӯҳда дорад, бояд дар асоси принсипи фаъолияти низоми «Равзанаи ягона» ташаккул ёбад;
- сатҳи бекорӣ коҳиш ёфта, рақобатпазирии захираҳои меҳнатӣ беҳтар ва даромади пулии аҳолӣ зиёд гардад;
- низоми идораи ҳифзи меҳнат тақвият ёфта, ба беҳдошти шароити кор, пешгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ мусоидат намояд ва ба маҳсулнокии меҳнат замина гузорад;
- сатҳи камбизоатӣ то 10 фоиз паст мегардад.

Иҷрои вазифаи мазкур бо саъю кӯшиши нигоҳ доштани муҳити макроиқтисодии устувор, ҳамчун шарти муҳим барои вусъатбахшӣ ва таъмин намудан бо ҷойҳои корӣ алоқаманд мебошад. Дар дурнамои демографии дарозмуҳлат то соли 2020 шумораи аҳолии синну соли қобили меҳнат нисбат ба соли 2009 зиёда аз 28,4 фоиз афзоиш меёбад. Ин ба вусъатбахшии бештари соҳаҳои меҳнатталаб ва таъсиси бахшҳои навро дар иқтисод тақозо менамояд.

**4.2. Рушди соҳаҳои илм ва маориф**

Таъмини рушди устувори иқтисодиёт, истифодаи оқилонаи сарватҳои моддиву маънавӣ, ташаккули шаклҳои самараноки идораи давлатӣ, амалӣ гардонидани мақсадҳои стратегии давлат ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва муаррифии арзишҳои миллӣ ба сатҳи рушди неруи инсонӣ вобаста аст. Ба хотири расидан ба ин ҳадафҳо илму маориф аз тарафи давлат бахши ҳаётан муҳими иқтисоди миллӣ арзёбӣ гашта, барои суръат бахшидан ба ислоҳоти соҳа заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва мавриди амал қарор доранд.

Вале ҷараёни сусти ислоҳоти институтсионалӣ ва истифодаи нокифояи захираҳои мавҷудаи маънавию молиявӣ, ҳалли масъалаҳои навсозии соҳаҳои илму маориф, беҳтар намудани дастовардҳои илмӣ-техникӣ, комёб шудан ба дастрасии баробар ба маориф, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва таъмини соҳаҳои иқтисодиётро бо мутахассисони соҳибкасб ва ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй мушкил мегардонад.

Гарчанде хароҷоти давлатӣ ба рушди илм ва маориф ҳамасола тамоюли афзоиш дошта бошад ҳам, дар муқоиса нисбат ба талаботи воқеии онҳо басанда нестанд.

Ҳаҷми хароҷоти давлатӣ барои рушди соҳаҳои илм ва маориф дар соли 2011 нисбат ба ММД мутаносибан 0,1 ва 4,5% ро ташкил дод.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои то ҳадди ақал қонеъ гардонидани эҳтиёҷот барои нигоҳдошт ва рушди низоми илму маориф, бо дарназардошти омили демографӣ, то соли 2015 бояд ҳиссаи солонаи хароҷот барои соҳаи илм то 3 фоиз ва маориф то 5-5,5 фоизи ММД баробар карда шавад.

***4.2.1. Илм***

Дар шароити ҳамгироии муносибатҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ азхуд намудан ва дар ҳамаи самтҳои фаъолият ҷорӣ намудани навигариҳои илму техника ва технологияҳои муосир, ташаккули нерӯи солиму созандаи ҷамъият шарти асосии рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар мебошад.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию техникӣ ва инноватсионӣ, ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва инфрасохтори мусоид барои фаъолияти инноватсионӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» ва «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» қабул ва мавриди амал қарор доранд.

Ҷиҳати татбиқи бештари дастовардҳои илм дар истеҳсолот ва ба ҳадафҳои рушди иқтисоди миллӣ мувофиқ намудани самтҳои афзалиятноки тадқиқотҳои илмӣ, дар доираи нишондоди «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015» ва «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», дар муассисаҳои илмӣ, дар бахшҳои барои ҷумҳурӣ муҳим, ба монанди гидроэнергетика, истифодаи захираҳои об, коркарди алюминий, мониторинги ҳолати сейсмологӣ, радиатсионӣ ва амнияти биологӣ, технологияҳои коркарди пахта ва дигар ашёи хоми кишоварзӣ, селексияи растаниҳо ва дигар бахшҳо тадқиқотҳо бурда мешаванд.

Нерӯи илмии мамлакат дар 87 муассисаи илмӣ, аз ҷумла дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Академияи илмҳои тибби Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ муттаҳид карда шудааст.

*4.2.1.1. Самтҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки бахши илм*

Дар доираи ҳадафҳои Стратегияи мазкур таваҷҷӯҳи нерӯи илмии ҷумҳурӣ ба ***самтҳои асосӣ ва афзалиятнок, пеш аз ҳама баланд бардоштани самараи корҳои илмию таҳқиқотӣ, гузариши илм ба роҳи инноватсионии рушд ва баланд бардоштани нақши илм дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар*** нигаронида мешавад.

*4.2.1.2. Таҳлили вазъ дар соҳаи илм нишон медиҳад, ки мушкилиҳои асосии бахш аз инҳо иборатанд:*

- –ҷалби маҳдуди нерӯи илмӣ барои таҳияи барномаҳои маҷмӯии илмию техникии ҷумҳуриявӣ, ки ба ҳалли мушкилиҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нигаронида шудаанд;
- –нисбатан кам будани таҳқиқот дар самти илмҳои дақиқ (техникӣ, табиатшиносӣ, нанотехнология, биотехнология, геномуҳандисӣ, биологияи молекулӣ) ва рақобатпазир набудани мавзуъҳои таҳқиқшаванда дар муқоиса ба дастовардҳои илму технологияи муосир;

–самаранокии пасти захираҳои молиявии ба рушди илм пешбинишаванда. Ташкил нашудани фондҳои инноватсионӣ. Назаррас набудани фаъолияти муассисаҳои илмӣ дар ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ;

–таъминоти нокифояи моддию техникии соҳаи илм, махсусан дараҷаи пасти таъминот бо технологияҳои коммуникатсионию иттилоотӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ;

–нарасогии мутахассисони илмии ҷавобгӯи талаботи замони муосир;

–сатҳи нокифояи ҳамкориҳои байналмилалии илмию техникӣ.

*4.2.1.3. Бо дарназардошти мақсадҳои Стратегия, афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд ва ба инобат гирифтани мушкилоти ҷойдошта дар соҳаи илм, вазифаҳои Стратегия дар бахш аз инҳо иборатанд:*

*4.2.1.3.1. Такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, ки барои гузариш ба рушди инноватсионии илм мусоидат менамояд:*

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба рушди минбаъдаи илм ва татбиқи технологияҳо нигаронида шудааст, зарур аст. Пеш аз ҳама амалисозии тадбирҳо оид ба ислоҳоти соҳаи илм тибқи «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015» ва дар доираи татбиқи «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти рушди фаъолияти инноватсионӣ. Ин амалҳо барои ҳамгироии илмҳои академикӣ, амалӣ ва муассисаҳои олии таълимӣ, татбиқи бештари натиҷаҳои илм дар истеҳсолот, гузариши илм бо роҳи инноватсионии рушд ва ҷиҳати беҳтар намудани ҳавасмандии олимон ба натиҷаҳои фаъолият мусоидат менамояд.

*4.2.1.3.2. Мутамарказ гардонидани нерӯи илмӣ ва равона намудани захираҳои молиявӣ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқот, ки ба рушди иқтисодии мамлакат мусоидат менамоянд:*

– маблағгузории лоиҳаву барномаҳои илмӣ ва инноватсионӣ дар асоси озмун ва бо дарназардошти эҳтиёҷоти амалӣ доштани онҳо баррасӣ шаванд. Барои истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ дар солҳои оянда шумораи мавзуъҳои илмӣ-тадқиқотӣ кам карда шаванд ва маблағҳо бештар ба таҳқиқи лоиҳаҳое равона карда шаванд, ки самараи бештари иқтисодӣ доранд. Ҳоло дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар зиёда аз 350 мавзуъ мавриди тадқиқ қарор доранд, ки дар муқоиса ба дастовардҳои илму технологияи муосир рақобатпазир нестанд. Инчунин, вобаста ба вазъи тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳони муосир, бо мақсади пешгирӣ намудани оқибатҳои таъсири манфии он ба иқтисоди миллӣ, тавсияҳои илмии воқеӣ ва рӯзмарра заруранд;

– баланд бардоштани самаранокии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ, инчунин ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки дар истеҳсолот ҷорӣ намудани коркардҳои илмӣ ва технологӣ;

– дар бахши илмҳои кишоварзӣ ба вуҷуд овардани селексияи навъҳои нави серҳосили кишоварзӣ, коркарди усулҳои биотехнологӣ, технологияҳои инноватсионии иммунологии биохимиявӣ ва генетикӣ, усулҳои биологии мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон, истифодаи комплексӣ ва оқилонаи захираҳои обӣ, ки бештар татбиқи амалӣ доранд ва барои таъмини амнияти озуқавории ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд**;**

– ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои соҳаи илм ва ҷалб намудани маблағҳои ғайрибуҷетӣ. Ҷиҳати истифодаи самараноки маблағҳо чун таҷрибаи давлатҳои пешрафта то 50 фоизи захираҳои молиявӣ ба самти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ равона карда шаванд. Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҳамкорӣ бо истеҳсолот лоиҳаҳои фармоиширо бештар амалӣ намоянд.

*4.2.1.3.3. Беҳбуди заминаи моддию техникии бахши илм:*

Бо мақсади таҳкими заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои илмӣ ва фароҳам овардани инфрасохтори муосири илмӣ зарурати азнавтаҷҳизонии муассисаҳо, ташаккули заминаи иттилоотӣ дар соҳаи илм, истифода аз шабакаи Интернет бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва таъсис додани марказҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба миён омадааст ва дар давраи татбиқи Стратегияи мазкур ин мушкилот бояд ҳалли худро ёбанд. Васеъ намудани доираи фаъолияти паркҳои технологӣ аз сатҳи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар то истеҳсолот, ки барои таҳкими заминаи моддӣ-техникии илмию инноватсионӣ зарур аст.

*4.2.1.3.4. Тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ дар заминаи ҳамкориҳои байналмилалии илмию техникӣ:*

Ҷиҳати татбиқи «Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №296 тасдиқ шудааст, барои такмили низоми тайёр кардани кадрҳои илмии дорои тахассуси олӣ ва ба вуҷуд овардани нерӯи илмие, ки қобилияти дар сатҳи муосир ҳал намудани муҳимтарин масъалаҳои илмию техникии мамлакатро дошта бошанд, чораҳои зарурӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамзамон, дар мавриди ҳамгироии илми академӣ ва амалӣ бо илми муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва такмили низоми тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ дар аспирантура ва докторантураи муассисаҳои илмии хориҷи кишвар чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

*4.2.1.4. Натиҷаҳои пешбинигардида.*

Дар назар аст, ки амалисозии тадбирҳои зикршуда дар соҳаи илм дар чаҳорчӯби «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» барои рушди минбаъдаи илму техника заминаи меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда, натиҷаҳои илмӣ ва инноватсионӣ дар иқтисодиёти кишвар бештар татбиқ карда шаванд, инчунин маблағҷудокунии мақсаднок ба лоиҳаву барномаҳои илмӣ ва инноватсионӣ зиёд гардида, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ба шабакаи Интернет бо истифодаи технологияҳои навтарини иттилоотию коммуникатсионӣ пайваст ва кадрҳои баландихтисоси илмӣ таъмин мегарданд.

***4.2.2. Маориф***

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои СМР/СБСНМТ ва «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» маориф ҳамчун соҳаи арзишманду сарнавиштсози ҷомеа ва яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон гардида, барои ғанӣ гардонидан ва истифодаи оқилонаи сарватҳои моддиву маънавӣ, ташаккулу тарбияи нерӯи созандаи ҷомеа, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии ободу осудаи шаҳрвандони кишвар саҳми босазо мегузорад. Гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ ба инкишоф ва ислоҳоти соҳаи маориф мусоидат намуд. Дар ин замина, як қатор дигаргуниҳо дар низоми маориф ба вуҷуд омада, заминаҳои моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ таҳким ёфт ва барои беҳтар гардидани соҳаи маориф шароит фароҳам омад. Дар давраи татбиқи стратегияи амалишаванда як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян намуда, асосан ба навсозии соҳаи маориф, комёб шудан ба дастрасии баробар ба маориф, ҳалли масъалаҳои гендерӣ, баланд бардоштани сифати таълим, рафъи камбизоатӣ бо роҳи баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ равона гардидаанд.

Низоми идораи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ (муассисаҳои беруназмактабӣ), муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (омӯзишгоҳ, литсей, коллеҷ ва техникум), муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи асосиро дар соҳаи маориф давлат ба дӯш дошта, иштироки бахши ғайридавлатӣ дар ин самт камтар аст.

*4.2.2.1. Самтҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки рушди соҳа дар сатҳи миллӣ:*

*4.2.2.1.1.* Навсозии мазмуни таҳсил, махсусан дар зинаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон (бо дарназардошти тағйир ёфтани синну соли фарогирӣ ба таҳсил, ҳунаромӯзӣ, таъмини салоҳиятнокӣ ва ғ.)

*4.2.2.1.2.* Бозсозии сохтори низомии соҳаи маориф ва механизмҳои ташкилию иқтисодӣ (таъсис ва рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабии шаклҳои нав, марказҳои касбомӯзӣ, касбинтихобкунӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, татбиқи шаклҳои нави маблағгузорӣ дар муассисаҳои томактабӣ, касбӣ ва ғ.)

*4.2.2.1.3.* Таъмини баробарӣ дар дастрасӣ ба таҳсилоти босифат (таъминот бо китобҳои дарсӣ, воситаҳои электронии таҳсилот, татбиқи тадбирҳои дастгирии намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои фосилавӣ дар таҳсилоти касбӣ, барномаҳои таълимии модулӣ ва ғ.).

*4.2.2.2. Таҳлили вазъи маориф нишон медиҳад, ки мушкилии асосии бахш аз инҳо иборатанд:*

- эҳтиёҷот ба кадрҳои омӯзгорӣ ва низоми номукаммали тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ;
- инфрасохтори фарсудаи таҳсилоти томактабӣ;
- фарсудашавии моддӣ ва маънавии афкории асноди таълимӣ, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;
- мушкилоти дастрасии таҳсил барои кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, нокифоя фаро гирифтани духтарон ба таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- ҷалби маҳдуди аҳли ҷомеа ба идоракунии мактабҳои таҳсилоти умумӣ;
- нокифоягии маблағгузории соҳаи маориф (андозаи пасти музди меҳнат, норасоии маблағи хароҷоти ҷорӣ, коммуналӣ ва ғ.).

*4.2.2.3. Вазифа ва тадбирҳои асосӣ ва афзалиятноки соҳа дар доираи татбиқи Стратегияи мазкур:*

*4.2.2.3.(1). Навсозии мазмуни таҳсилот:*

- таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои фаннӣ дар таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, асосӣ, миёна) ва маҷмӯи нақшаю барномаҳои таълимӣ ва дар асоси онҳо воситаҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ;
- таҳияи маҷмӯи нави китобҳои дарсӣ ва маводи таълимию методӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мутобиқи тағйирёбии мазмуни таҳсилот, бо мақсади афзоиши дастрасии ҳамаи зинаҳои таҳсилот;
- таҳия ва нашри воситаҳои таълимию методӣ, мувофиқсозӣ ва тарҷумаи китобҳои дарсӣ ба забони давлатӣ ва забонҳои ақаллиятҳои миллӣ;
- ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълимии ба ташаккули салоҳиятнокӣ равонгардида.

*4.2.2.3.(2). Инкишофи заминаи моддию техникӣ:*

- сохтмон ва таҷдиди биною иншооти таҳсилоти томактабӣ;
- сохтмони мактабҳои нав, аз он ҷумла ба ҷои мактабҳои садамавӣ, ба анҷом расонидани сохтмони биноҳои сохтмонашон нотамом, васеъ кардани мактабҳои амалкунанда бо мақсади зиёд кардани ҷойҳои нишаст;
- таъмир ва барқарор намудани инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти махсус, давра ба давра васл намудани батареяҳои офтобӣ;

- сохтмони биноҳои нав ва таҷдиди биноҳои амалкунанда дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таҳкими заминаи моддию техникии онҳо;
- вусъат бахшидани истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим ва идоракунии маориф.

*4.2.2.3.(3). Тақвияти иқтидори кадрӣ:*

- бозсозии низоми таҳсилот барои ихтисосҳои омӯзгорӣ, ворид намудани таълими ихтисосҳои ҳамгиро;
- баланд бардоштани мақоми иҷтимоию иқтисодии омӯзгорон;
- вусъат бахшидани истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълим;
- ҷорӣ намудани ихтисосҳои нави омӯзгории педагог-равоншинос, педагог-дефектолог, омӯзгори таҳсилоти иловагӣ, устои таълими истеҳсолӣ;
- ба афзалиятҳо ва технологияҳои нави таҳсилоти умумӣ мутобиқ гардонидани стандартҳои таҳсилоти педагогӣ;
- азнавташкилдиҳии низоми такмили ихтисоси омӯзгорон, гузариш ба баҳисобгирӣ ва маблағгузории инфиродӣ, ташкили модулии барномаҳо;
- таҳия ва татбиқи механизмҳои ҷорӣ намудани низоми қарзию модулии такмили ихтисоси омӯзгорон.

*4.2.2.3.(4). Истифодаи механизмҳои нави молиявӣ:*

- гузариш ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;
- ҷорӣ намудани маблағгузории гуногунманбаъ, аз он ҷумла маблағгузории шарикии давлатию хусусӣ;
- фармоиши давлатӣ барои тайёр намудани кадрҳо ва ҷобаҷогузории онҳо дар асоси озмун;
- ҳавасмандгардонии корхонаҳое, ки ба муассисаю субъектҳои таълимии дорои ҳамаи шаклҳои моликият кӯмак мерасонанд;
- ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ барои рушди таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо.

*4.2.2.4. Натиҷаҳои пешбинигардида то соли 2015*

Дар натиҷаи амалӣ гардонидани тадбирҳои пешбинигардида дар назар дошта мешавад, ки фарогирии кӯдакони синну соли томактабӣ бо барномаҳои таълимӣ, таъмини дастрасии баробари кӯдакони хурдсол ба таҳсилот беҳтар гашта, барои дастгирии давлатии кӯдакони оилаҳои камбизоат ва кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ва баланд бардоштани қобилияти тахассусии мураббиён ва кормандони омӯзгории муассисаҳои томактабӣ мусоидат менамоянд. Ташаккули низоми нави таҳсилот ва навсозии мундариҷаи таҳсилот ҷиҳати таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои нави фаннӣ, барномаҳои таълимӣ ва дар асоси онҳо воситаҳои методӣ ва китобҳои дарсӣ, моделҳои ташкили таҳсилоти тахассусӣ ва ҳунаромӯзии хонандагон ва таъминоти мактабҳо бо таҷҳизоти зарурӣ замина мегузорад. Дар доираи тадбирҳои амалишавада, бо мақсади мутобиқ намудани таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба талаботи бозори меҳнат, шабакаи самараноки тарбияи кадрҳои коргарӣ дар доираи стандартҳои таҳсилоти касбӣ бо истифода аз технилогияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим ва идоракунӣ ташаккул ёфта, барои васеъ намудани имкониятҳои қабули шаҳрвандон ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ имкон фароҳам меояд.

Бо дарназардошти навсозии низоми таҳсилот, ҷорӣ намудани тағйироти куллӣ ба сохтор ва мундариҷаи таҳсилот, низоми идоракунии соҳаи маориф такмил дода шуда, заминаи меъёрию методӣ ва инфрасохтори низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот, меъёрҳои иҷозатномадиҳӣ ва муқаррароти ваколатдиҳӣ, низоми иттилоотии идоракунии маориф таҷдиди назар мешавад.

### 4.3. Рушди тандурустӣ ва таъмини беҳбуди саломатии аҳолӣ

Солимии ҷомеа яке аз ҳадафҳои стратегии давлат буда, Ҳукумат барои баланд бардоштани сифат ва самараи хизматрасонии тиббӣ, пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ, ҳифзи саломатии модару кӯдак вамуҳити зист, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ҳалли дигар масъалаҳои марбути соҳа кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Бо мақсади таҳкими сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ дар давраи татбиқи Стратегияҳои қаблан қабулгардида, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар бораи тибби оилавӣ, суғуртаи тиббӣ, «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020», «Нақшаи стратегии таҷдиди муассисаҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2020», «Барномаи миллии пешгирии бемориҳои касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» ва ба ҳамин монанд санадҳои дорои аҳамияти миллӣ дошта омода ва тасдиқ гардиданд, ки барои таҷдиду такмили сохтори соҳа, баланд бардоштани мавқеи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, танзими хизматрасонии тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хусусан барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини оилаҳои камбизоат бо кӯмаки тиббию санитарӣ мусоидат менамоянд.

Инчунин, бо мақсади беҳтар кардани вазъи имрӯзаи маблағгузории соҳа ва васеъ кардани шаклҳои алтернативии хизматрасонии тиббӣ, барномаи кафолатҳои давлатӣ мавриди амал қарор гирифт.

Вале, дар баробари натиҷаҳои мусбӣ дар фаъолияти соҳаи тандурустӣ мушкилиҳое вуҷуд доранд, ки барои ташкили хизматрасониҳои самаранок ва дастрасу суроғавии тиббӣ ба аҳолӣ монеъ мешаванд. Онҳо пеш аз ҳама сатҳи пасти маблағгузории соҳа (2 фоиз нисбат ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва 6,9 фоиз аз ҳаҷми умумии Буҷети давлатӣ); механизми номукаммали идоракунии захираҳои моддию молиявӣ, сатҳи пасти тахассус, музди меҳнат, нарасидани кормандони соҳа, таъминоти муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизот ва техникаи муосири тиббӣ, инчунин ҳолати мавҷудаи бино ва иншоот мебошанд. Барои дар сатҳи давлатҳои пешрафта қонеъ гардонидани талаботи муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ҳаҷми маблағгузорӣ бояд на камтар аз 9-10 фоиз нисбат ба ММД бошад.

Ҳамзамон, аз сабаби зиёд будани монеаҳои маъмурӣ ва дастгирии нокифояи давлатӣ шабакаҳои муассисаҳои тибби хусусӣ суст инкишоф мёбанд, ҳол он ки онҳо метавонистанд як қисми уҳдадориҳои давлатро ҷиҳати пешкаш намудани хизматрасониҳои тиббӣ бар дӯши худ гиранд.

#### *4.3.1. Азбаски самтҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди соҳа хусусияти доимӣ ва дарозмуҳлат доранд, дар Стратегияи мазкур низ чунин муайян шудаанд:*

- беҳтар намудани сифат, дастрасӣ ва хизматрасонии самараноки тиббӣ ба аҳолӣ;
- паст намудани фавти модару кӯдак;
- паст намудани сатҳи бемориҳои ғайрисироятӣ, пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ, ВНМО/СПИД, сил ва сироятҳои бо ваксина идорашаванда;
- мусоидат ба рушди тибби хусусӣ, беҳтар намудани заминаи моддию техникӣ ва баланд бардоштани иқтидори кадрӣ.

#### *4.3.2. Дар доираи татбиқи Стратегияи мазкур мушкилоти асосии низоми тандурустӣ аз инҳо иборатанд:*

- механизми номукаммали идоракунии соҳа, ки барои дар сатҳи лозимӣ пешниҳод намудани хизматрасониҳо ба аҳолӣ ва истифодаи самараноки захираҳои моддию маънавӣ қодир нест;
- маҳдуд будани манбаъҳои маблағгузорӣ ва аз нигоҳи иқтисодӣ самаранок истифода нашудани онҳо;
- маҳдуд будани имкониятҳои бахши хусусӣ ҷиҳати пешкаш намудани хизматрасониҳои тиббӣ;
- тақсимоти нобаробари маблағҳои буҷетии барои соҳаи тандурустӣ пешбинигардида дар минтақаҳо;

– нокифоя будани корҳои тарғиботӣ вобаста ба асосҳои пешбурди тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла дастгирии саломатии репродуктивӣ, ҳифзи модару кӯдак, пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ;
– баланд будани нишондиҳандаҳои хароҷоти ғайрирасмӣ аз ҷониби аҳолӣ аз хароҷоти умумии соҳаи тандурустӣ (67 фоиз).

***4.3.3. Бо дарназардошти афзалиятҳои муайяншуда дар СМР ва мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи тандурустӣ, вазифаҳои стратегӣ дар доираи татбиқи Стратегияи мазкур инҳо муайян шудаанд:***

*4.3.3.1. Баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунӣ ва маблаггузории соҳа:*

Барои баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунӣ ва маблағгузории соҳа маҷмӯи тадбирҳо пешбинӣ гардиданд, ки таҳия намудани нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ дар асоси муайян намудани афзалиятҳои соҳа, такмил додани барномаи кафолатҳои давлатӣ, гузаштан ба маблағгузории пурраи сарикасии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, ворид намудани механизмҳои нави маблағгузорӣ дар муассисаҳои хадамоти бистарикунонӣ ва ҷалби захираҳои иловагиро таъмин менамоянд. Татбиқи чорабиниҳои зикргардида дар навбати аввал ба баланд бардоштани самарбахшӣ ва шаффофияти истифодаи захираҳои давлатӣ, робитаи зичи маблағгузорӣ ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ, тақсими воситаҳои молиявӣ бо дарназардошти аҳолии дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ сабтшуда ва мушаххасоти минтақавӣ/маҳаллӣ, инчунин ба муассисаҳои тандурустӣ фароҳам овардани имконият ҷиҳати аз нав тақсим намудани захираҳои сарфагардида барои беҳбуди фаъолият нигаронида шудааст.

*4.3.3.2. Беҳтар намудани ҳифзи саломатии модару кӯдак:*

Беҳтар намудани ҳифзи саломатии модару кӯдак дар соҳаи тандурустӣ вазифаи хеле муҳим буда, барои татбиқи самарабахши ин вазифа бояд тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд:
– баланд бардоштани тахассуси касбии кормандони тиб ва беҳтар намудани таъминоти моддию техникӣ ва доруворӣи муассисаҳои КАТС, ки барои хизматрасонӣ дар соҳаи модарии бехатар зарур аст;
– таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳо оид ба солимии модар ва кӯмаки момодоягӣ дар ҳама сатҳи хизматрасонии тиббӣ;
– гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ байни масъулони соҳаи тандурустӣ ва аҳолӣ оид ба масъалаҳои солимии модар;
– ёрии момодоягӣ ва неонаталӣ;
– ташкили муколамаи ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои солимии репродуктивӣ (аз ҷумла солимии репродуктивии наврасон), ҳуқуқи репродуктивӣ ва танзими оила, инчунин таҳия ва татбиқи стандартҳо ва ҳуҷҷатҳо вобаста ба арзёбии сифати хизматрасонӣ оид ба танзими оила.

*4.3.3.3. Таъминоти кадрии муассисаҳои тиббӣ:*

Таъминоти кадрии муассисаҳои тиббӣ тавассути тақвияти низоми тарбия ва бозомӯзии кадрҳои тиббӣ, омодасозии табибон ва ҳамшираҳои шафқати тибби оилавӣ дар марҳилаи таҳсилоти тодипломӣ, баъдидипломӣ ва таҳсили бефосилаи (муттасили) кадрҳои тиббӣ, аттестатсия, таҷдиди назар ва ба нақшаҳои таълимӣ ворид намудани барномаҳои барои ҷумҳурӣ муҳим, такмили сиёсати банақшагирӣ ва идоракунии тарбияи кадрҳо амалӣ карда мешавад, ки дар навбати худ боиси аз байн бурдани номутаносибии ҷуғрофию ташкилӣ ва пешгирии нарасидани мутахассисони алоҳида мегардад.

*4.3.3.4. Мубориза бар зидди ВНМО/СПИД, вараҷа, сил ва дигар бемориҳои сироятӣ;*

Мубориза бар зидди ВНМО/СПИД, вараҷа, сил ва дигар бемориҳои сироятӣ вазифаи рӯзмарраи соҳаи тандурустӣ буда, андешидани чораҳои фаврӣ ва

таъхирнопазирро талаб менамояд. Тадбирҳо дар ин самт ба ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ, такмили низоми назорати эпидемиологии бемориҳои гелминтозҳо ва бо ваксинаҳо идорашаванда, беҳтар намудани фаъолияти марказҳое, ки бо ташвиқот ва татбиқи барномаи ташаккули тарзи ҳаёти солим вобастаанд, такмили дониши мутахассисони марказҳои мубориза бар зидди бемориҳои тропикӣ ва шуъбаҳои паразитологии МНДСЭ оид ба пешгирии гелминтозҳо ва фарогирии аҳолии сироятпазир бо истифода аз ваксинаҳои нави самаранокиашон баланд равона мешаванд.

*4.3.3.5. Баланд бардоштани нақши тибби хусусӣ дар хизматрасонии тиббӣ;*

Баланд бардоштани нақши тибби хусусӣ дар хизматрасонии тиббӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи тандурустӣ ба ҳисоб меравад, зеро тибби хусусӣ метавонад дар қатори муассисаҳои тандурустии давлатӣ корҳои зиёди ташхисию табобатиро ба анҷом расонида, як қатор мушкилоти муассисаҳои давлатии тандурустиро ҳал намояд. Рушди тибби хусусӣ рақобати солимро дар соҳа ба вуҷуд оварда, барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши буҷети давлатӣ ва воридоти технологияҳои муосири ташхису табобат мусоидат намояд. Ҷиҳати рушди тибби хусусӣ ва бартараф кардани монеаҳои маъмурӣ аз тарафи давлат чораҳо андешида мешавад.

Низоми тибби хусусӣ қисми ҷудонашавандаи хизматрасониҳои тиббӣ буда, имкон дорад вазифаҳо ва масъалаҳоро дар ҷодаи саломатии аҳолӣ ҳам дар миқёси давлатӣ ва ҳам байналмилалӣ самаранок ба анҷом расонад.

***4.3.4. Натиҷаҳои пешбинигардида.***

Андешидани чораҳое, ки ба беҳбуди заминаи моддию техникии соҳаи тандурустӣ, ба сохтмон ва таъмири асосии муассисаҳои муолиҷавию профилактикӣ, муҷаҳҳазгардонӣ бо таҷҳизоти ташхисии муосир, хариди маводи сарфшаванда, хариди маводи иммунобиологӣ, таҷҳизоти зарурии таълимӣ ва тиббӣ нигаронида шудааст, имкон медиҳад, ки то соли 2015 сатҳи бемориҳои сироятӣ паст гардида, баъзе сироятҳои бо ваксина идорашаванда аз байн бурда шаванд.

**4.4. Таъмини аҳолӣ бо оби тоза ва хизматрасониҳои коммуналӣ**

Оби тоза ва хизматрасониҳои коммуналӣ қувваҳои таъсирбахши рушди инсонӣ буда, имконот ва ҳисси худшиносии қишрҳои гуногуни аҳолиро боло мебардоранд ва самаранокии низоми тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум мусоидат менамоянд.

Бо мақсади рушди соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ «Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ барои солҳои 2010-2025» омода ва қабул гардид. Ҷиҳати иҷрои талаботи Консепсияи мазкур «Барномаи рушди хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017» таҳия хоҳад шуд.

Мувофиқи арзёбии КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дастрасии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизматрасониҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ бо нишондиҳандаҳои зерин таъмин мегардад: ба хизматрасонии обтаъминкунии мутамарказонидашуда 87,3 фоизи аҳолии шаҳрҳо, 61,5 фоизи аҳолии маркази ноҳияҳо ва шаҳракҳо, 43,4 фоизи аҳолии деҳот фаро гирифта хоҳад шуд. Ба хизматрасонии корезӣ 80,0 фоизи аҳолии шаҳрҳо, 18,2 фоизи аҳолии шаҳракҳо ва 0,2 фоизи аҳолии деҳот дастрас мебошанд. Аз хизматрасониҳои мутамарказонидашудаи ҷамъоварӣ ва баровардани партовҳои сахти маишӣ 85,6 фоиз аҳолии шаҳрҳо, 67,3 фоиз аҳолии шаҳракҳо ва 3,6 фоизи аҳолии деҳот бархӯрдор мебошанд.

***4.4.1. Самтҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки таъмини аҳолӣ бо оби тоза ва хизматрасониҳои коммуналӣ:***

- таҳия ва қабули меъёрҳои ниҳоии (минималии) таъминоти аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ, ки давлат ба онҳо кафолат медиҳад;

– таҳия ва қабули Қонун «Дар бораи ҳуқуқи инсон ба оби тоза ва хизматрасониҳои коммуналӣ»;
– мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот бояд вазифадор карда шаванд, то риояи меъёрҳои ниҳоии таъминот бо оби тоза ва низоми канализатсияро дар маҳалҳо таъмин намоянд;
– ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли масъалаи таъминот бо оби тоза ва низоми канализатсия.

*4.4.2. Мушкилоти бахш.*

Мувофиқи арзёбии КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» аксарияти шабакаҳо ва иншоотҳои соҳа фарсуда шудаанд. Дар шаҳрҳо 68,0 фоизи шабакаҳои обтаъминкунӣ дар ҳолати коршоям, 7 фоизи шабакаҳои мазкур қисман коршоянд ва 25 фоизи дигар дар ҳолати корношоямӣ қарор доранд. Дар деҳот ин нишондиҳандаҳо мутаносибан 40 фоиз, 44 фоиз ва 16 фоизро ташкил менамоянд. Қисми зиёди иншоот ва таҷҳизот ба азнавбарқарорсозӣ эҳтиёҷ доранд зиёда аз 70 фоизи шаҳракҳо низоми корезӣ надоранд, ки ин ба солимии аҳолӣ хатари ҷиддӣ дошта, дар бисёр ҳолатҳо боиси авҷгирии касалиҳои эпидемиологӣ ва заҳролудгардонии муҳити зист мегардад.

Рушди шаклҳои алтернативии идоракунии фонди манзил бо суръати хеле суст ҷараён дорад. Гарчанде Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил» қабул шуда бошад ҳам, вале дар ин самт корҳо суст ҷараён доранд. Ҳамагӣ таи солҳои 2009-2012 танҳо 130 ширкати сохтмонӣ, ки тибқи шартнома бораи нигоҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил машғул мебошанд, таъсис дода шудааст, ки ин 5 фоизи шумораи умумии ширкатҳои соҳибмулкони манзилро ташкил медиҳад.

*4.4.3. Пешниҳодҳо барои ҳалли мушкилоти таъмини аҳолӣ бо оби тоза ва хизматрасониҳои коммуналӣ:*

– ҷалби сармоя ба корхонаҳои низоми ХМК тавассути саҳҳомӣ кардани онҳо. Дар давраи аввал давлат метавонад 25 фоиз+1 саҳмияи ин корхонаҳоро дар ихтиёри худ монад;
– васли таҷҳизоти баҳисобгирии об барои тамоми обистифодабарандагон;
– марҳила ба марҳила таҷдиди назар кардани тарифҳо барои истифодабарандагони об;
– азнавсозии шоҳқубурҳо, шабакаҳои дохилии обрасонӣ ва корез бо ҷалби корхонаҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;
– таъмин намудани соҳа бо мутахассисони маълумотдор ва соҳибкасб ваташкили курсҳои бозомӯзӣ ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши роҳбарон ва кормандони муҳандисию техникии соҳаи обтаъминкунӣ ва корезӣ.

*4.4.4. Вазифа ва тадбирҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки бахши Таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва хизматрасониҳои коммуналӣ, ки дар солҳои 2013-2015 мавриди татбиқ қарор мегиранд:*

– таҷдид ва рушди инфраструктураи муҳандисии коммуналии шаҳру шаҳракҳо;
– таъмини амалишавии "Барномаи таъмин намудани аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020" ва Нақшаи чорабиниҳои даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт» барои солҳои 2005 – 2015;
– муҳайё намудани шароит барои ҷалби сармояи хусусӣ, таъмини дастгирии давлатии рушди хоҷагии манзилию коммуналӣ, баланд бардоштани иқтидори техникии соҳа;
– татбиқи тадбирҳои комплексӣ доир ба демонополизатсияи соҳа, ташкили бозори хизматрасониҳо ва рушди рақобатнокӣ бо ҷалби субъектҳои соҳибкории хурду миёна;
– батанзимдарории низоми додани имтиёзҳо, тақвият додани нишонрасии маблағҳо;
– баланд бардоштани иқтидори институтсионалии соҳа ва сифати хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ.

*4.4.5. Натиҷаҳои пешбинигардида то соли 2015 дар Таъмини аҳолӣ бо оби тоза ва хизматрасониҳои коммуналӣ:*

- ислоҳоти низоми идоракунии соҳа ва ташкили базаи меъёрии ҳуқуқии он;
- беҳтар намудани шароити хизматрасонии хоҷагии манзилию комуналӣ барои аҳолӣ;
- фаъолгардонии навсозӣ, паст кардани дараҷаи хӯрдашавӣ (то дараҷаи истифодабарии бехатар) ва баланд бардоштани кори самаранок ва боэътимоди низомҳои муҳандисии таъмини ҳаёт ва фонди манзил;
- татбиқи тадбирҳои комплексӣ доир ба таҷдиди идоракунӣ ва рушди муносибатҳои рақобатӣ, танзими нархномаҳо, рушди муносибатҳои бозорӣ ва шартномавӣ дар соҳаи хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ;
- ташкили механизмҳои ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ дар рушд ва ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ;
- ташкили шароит барои кори босамар ва аз ҷиҳати молиявӣ солимгардонии субъектҳои хоҷагидории соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, таъмини паст кардани хароҷоти моддӣ ва баланд бардоштани масъулиятнокӣ барои сифати хизматрасониҳо.

**4.5. Таъминоти суботи экологӣ ва рушди устувор**

Яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар асоси истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ, ҳалли масъалаҳои муҳити зист, таъмини суботи экологӣ ва дар ин замина таъмини рушди устувор мебошад.

Вобаста ба ин, тадбирҳои сиёсӣ андешида шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ҷиҳати таъмини суботи экологӣ ва масъалаҳои ҳифзи муҳити зист қабул ва татбиқ мегарданд, ки ба ҳалли масъалаҳои мушкилии ҷойдоштаи соҳа мусоидат менамоянд.

Бо вуҷуди ин, то ҳол таъмини суботи экологӣ ва рушди устувори он таъмин нагардида истодааст ва мушкили суботи экологӣ вуҷуд дорад.

*4.5.1. Самтҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки рушди Таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор:*

- такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии экологӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ;
- ҷорӣ намудани технологияи муосири ҷудокунӣ ва коркарди партовҳои маишӣ, саноатӣ ва истифодаи такрории онҳо дар саноат;
- такмил додани низоми назорат ва мониторинги ҳудудҳои партовгоҳҳои радиоактивӣ ва заҳрхимикатҳо;
- пешгирӣ намудани буридани ҷангалзорҳо ва барқарор намудани ҷангалзорҳои дар давраи бӯҳрони энергетикии солҳои 2007-2008 аз байнрафта;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои суботи экологӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақаи Осиёи Марказӣ;
- густариши ҳамкориҳои экологӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ;
- барқарор намудани шабакаҳои обтаъминкунӣ, тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо бо мақсади паст намудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва пешгирии шӯршавии заминҳо;
- тақвият бахшидан ба корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо мақсади пешгирӣ намудани таъсири манфии офатҳои табиӣ;
- пешгӯӣ намудани таъсири офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти кишвар ва суботи экологӣ;
- бехатар гардонидани қитъаҳои замини корам ва майдонҳои барои фаъолияти кишоварзӣ мувофиқ бо роҳи тозакунии минаҳои зидди пиёдагард ва боқимондаҳои таркандаи ҷанг ва додани кафолати дастрасии бехатар ба онҳо.

***4.5.2. Мушкилоти ҷойдошта дар бахши Таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор:***

- аз фаъолияти кишоварзӣ баромадани заминҳои корам дар натиҷаи эрозия, ифлосшавӣ, шӯршавӣ, ботлоқшавӣ, баланд шудани обҳои зеризаминӣ, камшавии ҷангалҳо ва ғайра. Таъсири ин омилҳо ба тағйирёбии ҳолати хок оварда расонида, хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии хок тағйир меёбад ва ба суботи экологӣ таъсири манфӣ мерасонад;
- азхудкунии заминҳои нав аз ҳисоби кӯҳдоманҳо, буридани ҷангалҳо ва риоя нагардидани меъёри истифодабарии чарогоҳҳо ба пастшавии устувории муҳити куҳии табиӣ расонида, ҳолати антропогениро пуршиддат менамоянд;
- натиҷаи фишори антропогенӣ ба экониҳомҳои кухсор дар тағйирёбии ҳолати умумии растаниҳои кӯҳӣ, аз ҷумла растаниҳои табобатии нодир, таназзули замин, инчунин аз байн рафтани растаниҳои фоиданок ва ба ҷои онҳо пайдо шудани алафҳои бегона инъикос меёбад. Ҳамаи ин омилҳо сабаби вайроншавии пуршиддати гуногунии биологӣ ва ҳамчун натиҷа боиси биёбоншавӣ мегардад;
- ҷамъоварии бенизоми растаниҳои доруворӣ ва фурӯши он ба хориҷи кишвар. Раванди иҷозатномадиҳӣ ва бақайдгирии ҷамъоварии растаниҳои доруворӣ имкон медиҳад, ки аз як тараф, ҷамъоварии растаниҳоро ба танзим даровaрда, дар ҳолати ҷорӣ намудани ҳавасмандкунии моддӣ метавонад барои манбаи иловагии даромади аҳолии кӯҳистон бошад. Аз тарафи дигар, амалигардии он аз ҳадафҳои афзалиятноки Стратегияи миллии рушд буда, ба ҳифз ва идоракунии гуногунии биологӣ ва низомҳои экологӣ тақвият мебахшад;
- ифлосшавии захираҳои об аз ҳисоби партовҳои обии коммуналӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ. Аз рӯи ҳаҷм партовҳои обии кишоварзӣ нисбат ба меъёрҳои муқарраргардида (3,3-4,1км$^3$) зиёд мебошанд. Дар таркиби обҳои заҳбуру заҳкашҳо пеститсидҳо, нитрат ва фосфатҳо аз меъёр зиёд мебошанд (то 25 фоиз нитроген, 5 фоиз фосфат, 4 фоиз пеститсид);
- ифлосшавии ҳаво дар марказҳои истеҳсолӣ ва шаҳрҳо яке аз мушкилиҳои бехатарии экологӣ мебошад. Ифлоскунандаҳои асосии ҳавои атмосфера корхонаҳои калони саноатӣ ва воситаҳои нақлиёт мебошанд. Тибқи маълумоти расмӣ дар 5 соли охир танҳо дар шаҳри Душанбе миқдори автомошинаҳо 125 фоиз афзуданд, ки 80 фоизи он воситаҳои нақлиёте мебошад, ки муҳлати истифодаашон хеле зиёд мебошад. Дар айни ҳол, назорат аз тарафи мақомоти дахлдор вобаста ба ихроҷи партовҳо аз воситаҳои нақлиёт ва сифати санҷиши мутобиқати воситаҳои техникӣ ба меъёрҳои экологӣ нокифоя мебошад;
- дар ҷумҳурӣ як қатор мушкилиҳо дар соҳаи идоракунии партовҳо мавҷуданд. Соҳаи коркарди партовҳо дар мамлакат суст инкишоф ёфта; нуқтаҳои мавҷудаи ҷамъоварӣ ва гӯркунии партовҳо ба талаботи санитарӣ пурра ҷавобгӯ нестанд. Технологияи кампартов ва технологияи коркарди партовҳо кам истифода карда мешавад. Дар аксарияти корхонаву ташилотҳо ба масъалаи беҳтар гардонидани ҳолати нигоҳдории партовҳои коркарди саноатӣ аҳамияти зарурӣ намедиҳанд, ки ин боиси ба муҳити зист расонидани таъсири манфӣ мегардад;
- таъсири тағйирёбии иқлим ба Тоҷикистон.

Таҳқиқоти гузаронидашуда (UNFCC) болоравии ҳарорати миёнаи ҳаворо то соли 2050 аз 1,8°С то 2,9°С пешбинӣ менамояд.

Дар ҳолати тасдиқи пешгӯиҳои тағйирёбии иқлим метавонад ба самтҳои зерин таъсир расонад:

- коҳишёбии қабати пиряххо ва захираҳои об;
- хушксолӣ ва норасоии об дар хоҷагии қишлоқ;
- боло рафтани шумораи офатҳои табиӣ;
- саломатии ҷомеа.

***4.5.3. Пешниҳодҳо барои солҳои 2013-2015 барои ҳалли мушкилиҳои бахши Таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор:***

- татбиқи ислоҳоти сохторӣ дар мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва суботи экологӣ;
- амалӣ намудани уҳдадориҳо дар доираи конвенсияҳои байналмилалии вобаста ба муҳити зист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, инчунин таъмини иҷрои стратегия ва нақшаҳои миллӣ оид ба ҳифзи гуногунии биологӣ, тағйирёбии иқлим, мубориза бар зидди биёбоншавӣ ва дигар барномаҳои миллию минтақавӣ;
- таъмини низоми идоракунии партовҳо ва истифодаи технологияҳои пешқадами коркарди партовҳо;
- кам намудани манбаъҳои асосии ифлоскунии захираҳои обӣ аз ҳисоби обҳои дар соҳаҳои коммуналӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ истифодашаванда;
- ҷалби сармояҳои дохилию хориҷӣ ва истифодаи самараноки онҳо дар бахши суботи экологӣ ва рушди устувор;
- татбиқи «Стратегияи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2010-2015»;
- таъмин намудани иқтидор ва татбиқи барномаи амалиёти зидди минаҳо, бо мақсади паст намудани хатари минаҳо ва боқимондаҳои таркандаи ҷанг.

***4.5.4. Вазифа ва тадбирҳои асосӣ (стратегӣ) ва афзалиятноки бахши Таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор, ки дар солҳои 2013-2015 мавриди татбиқ қарор мегиранд:***

- такмил ва мувофиқаи қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва суботи экологӣ мутобиқ ба талабот ва стандартҳои байналмилалӣ;
- таҳия ва истифодабарии ҳуҷҷатҳои ягонаи меъёрию методикии сифати об, бо дарназардошти талаботи байналмилалӣ;
- таҳияи усулҳои тоза намудани обҳои коллекторию заҳбурӣ, бо дарназардошти бозгашти он ба манбаъҳои обистифодабарӣ;
- маъмулгардонии технологияи каммасрафи обмонӣ ва обтозакунӣ дар сатҳи миллӣ;
- такмили низоми пардохтҳои экологӣ барои истифодаи захираҳои табиӣ ва ҷаримаҳо барои ифлоскунӣ ва зараре, ки ба муҳити зист расонида мешавад;
- барқарор намудани низомҳои мавҷуда ва сохтмони заҳбурҳои нав барои паст намудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва пешгирии дубора шӯршавии замин;
- таҳияи механизми гузаронидани ҳатмии баҳодиҳии таъсир ба муҳити зист (ОВОС) ва ташхиси экологии ҳамаи иншооти бунёдшаванда ва заминҳои аз нав обёришаванда;
- ҷорӣ намудани низоми мониторинг оид ба гузаронидани баҳодиҳии равандҳои биёбоншавӣ ва дастгирии механизми устувори мутобиққунии мубориза бо биёбоншавӣ;
- таъсис додани сохтор оид ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои сиёсати миллӣ доир ба идоракунӣ ва таҳияи барномаҳо оид ба захираҳои такрор истифодашаванда, инчунин таъсис додани маркази иттилоотию таҳлилӣ оид ба партовҳо ва технологияи коркарди онҳо;
- ташкил намудани низоми ҷамъкунӣ ва бартараф намудани партовҳои сахти маишӣ, аз ҷумла бо дарназардошти технологияе, ки коркарди онҳоро барои истеҳсоли қувваи барқ муҳайё месозад;
- таҳияи низоми мониторинг оид баҳамлу нақли моддаҳои ифлоскунанда ва такмили низоми назорати партовҳо;
- мустаҳкам намудани базаи техникии Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ;
- омода намудани мутахасисон дар ин бахш;

– ба эътибор гирифтани масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар тамоми барномаҳои таҳияшаванда.

***4.5.5. Натиҷаҳои пешбинигардида то соли 2015 дар бахши Таъмини суботи экологӣ ва рушди устувор:***

– механизмҳои ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ҷиҳати рушд ва таъмини суботи экологӣ ташкил карда мешаванд;
– мувозинати экологӣ, ғанӣ гардонидани захираҳои олами наботот ва зиёд намудани саршумори ҳайвоноти нодир, гирифтани пеши роҳи ҳодисаҳои таназзулёбии муҳити зист таъмин мегардад;
– мутахассисони соҳаи иқлимшиносӣ тайёр мегарданд, марказҳои бодуҳавосанҷӣ бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида мешаванд.

**4.6. Таъмини баробарии гендерӣ**

Таъмини баробарии гендерӣ яке аз самтҳои стратегии сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ буда, ҷиҳати татбиқи он мақомоти мутасаддӣ дар самтҳои омӯзиши гендерии хизматчиёни давлатӣ, расонидани кӯмакҳои иттилоотӣ-машваратӣ ба занон ва аҳли оилаи онҳо, ҷалби духтарон ба таҳсил, ба касбомӯзӣ фаро гирифтани занону духтарон, дастрасии онҳо ба тандурустӣ, иқтисод ва шуғл, ҳуқуқ ва хизматҳои иҷтимоӣ, инчунин пешгирии ҳодисаҳои номатлуби ҷомеа дар байни занону духтарон ва пошхӯрии оилаҳо фаъолият мебаранд.

Бо мақсади такон додан ба раванди татбиқи сиёсати давлатии гендерӣ дар давраи татбиқи «Стратегия паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012», «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015» қабул гардида, мавриди амал қарор доранд. Тавассути татбиқи ин ҳуҷҷатҳои муҳим мавқеъ ва нуфузи занон дар идораи давлатӣ меафзояд. Дар охири соли 2011 шумораи заноне, ки дар мансабҳои гуногуни давлатӣ фаъолият доранд, ба 4493 нафар ё (24,8 фоиз) расидааст. Дар натиҷаи амалигардонии грантҳои Президентӣ то соли 2011 - 2500 нафар зан бо ҷойҳои кори доимӣ ва 840 нафар зан бо ҷойҳои кории муваққатӣ фаро гирифта шуда, маърифати ҳуқуқӣ ва соҳибкорию корофарии 18918 нафар зан дар ин муддат баланд бардошта шуд. Дар маҷмӯъ, дар муддати 5 сол ин лоиҳаҳо доираи зиёда аз 21000 нафар занро фаро гирифтааст.

***4.6.1. Бо назардошти беҳтар гаштани татбиқи сиёсати гендерӣ дар стратегияи мазкур самтҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди баробарии гендерӣ дар сатҳи миллӣ инҳо муайян шудаанд:***

– вазъи зан дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии мамлакат;
– баланд бардоштани сатҳи таҳсилот, шуғл ва нақши занон дар бозори меҳнат;
– занон ва тандурустӣ;
– пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон;
– коҳиш додани қолабҳои кӯҳнашудаи гендерӣ, ки ба рушди занон монеа мегарданд;
– дастгирии рушди занони деҳот ва оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;
– фароҳам овардани имкониятҳои иқтисодию иҷтимоӣ барои занҳои маъюб ва онҳое, ки дар оилаашон парастори шахсони маъюбанд.

***4.6.2. Мушкилоти мавҷуда***

– аз таҳсил дур мондани кӯдакон ва наврасони синни мактабӣ, аз ҷумла духтарон, ки қисми асосиро ташкил менамоянд;
– ба таври лозимӣ дарк нашудани оқибатҳои нобаробарии гендерӣ дар ҷомеа аз ҷониби кормандони сохторҳои гуногуни ҷомеа;

- норасоии ҷойҳои корӣ ва музди арзанда барои занони каммаълумот, занҳои мардони муҳоҷир, маъюб ва онҳое, ки парастори аъзои маъюби оила мебошанд;
- нокифоя будани имкониятҳои молиявӣ барои рушди фаъолияти соҳибкории занон, махсусан занони деҳот;
- нобаробари гендерӣ дар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, соҳибкорӣ, минтақаҳои гуногуни кишвар;
- нокифоя будани донишҳои ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, иқтисодии замонавӣ ва таъсири хурофот дар аҳолӣ, аз ҷумла занон;
- афзоиши пошхӯрии оилаҳои ҷавон ва бесар паноҳ мондани занону кӯдакони ноболиғ;
- зиёд шудани зӯроварӣ нисбат ба занон;
- имконияти маҳдуди занони соҳибкор ва тоҷир дар бозорҳои минтақавӣ.

***4.6.3. Бо дарназардошти афзалиятҳои муайяншуда, ҷиҳати бартараф намудани мушкилот ва ноил гаштан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар давраи солҳои 2013-2015 вазифа ва тадбирҳои зерин пешбинӣ шудаанд:***

- ошкор ва муайян намудани шумораи наврасони аз таҳсил дур монда ва ташкили таҳсилоти ғайрирасмӣ барои ин гурух, хосса духтарон дар назди сохторҳои марбута;
- ба барномаи такмили ихтисоси ҳамаи сохторҳо ворид намудани курсҳои гендерӣ, тавассути васоити ахбори омма васеъ тарғиб намудани ғояҳои пешқадам ва сиёсати гендерии давлат;
- ташкил намудани ҷойҳои корӣ, худмашғулиятӣ ва роҳандозии фаъолияти соҳибкорӣ бо роҳи ҷудо кардани грантҳои хурд аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба занони мардони муҳоҷир, маъюб ва онҳое, ки парастори аъзои маъюби оила мебошанд;
- ташкили ниҳодҳои давлатие, ки барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии иҷрои сиёсати гендерӣ масъул мебошад;
- баланд бардоштани нақш ва таъсири механизмҳои сохтории ниҳодӣ (институтсионалӣ) дар пешбурди ташаббусҳои нав оид ба баланд бардоштани мавқеи занон;
- тавсеа додани барнома ва лоиҳаҳои муштараки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ оид ба баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии занон ва мардон, пешбарии занон ба мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбҳои сиёсӣ;
- таъсиси паноҳгоҳҳои муваққатии замонавӣ барои занҳои дучори зӯроварӣ қарордошта ва фарзандони ноболиғи онҳо;
- арзёбӣ кардани соҳибкории занон барои паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва ташкили минтақаи озоди тиҷорат.

***4.6.4. Натиҷаҳои пешбинигардида то соли 2013-2015***

- ташаккули ниҳодҳои давлатӣ барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии иҷрои сиёсати гендерӣ бо иштироки намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- баланд шудани нақш ва таъсири механизмҳои сохтории ниҳодӣ (институтсионалӣ) дар пешбурди ташаббусҳои нав оид ба баланд бардоштани мавқеи занон;
- баланд бардоштани нерӯи ККЗО, кормандони вазорату идораҳое, ки барои иҷрои сиёсати гендерӣ масъул мебошанд;
- татбиқи механизмҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини баробарҳуқуқии воқеии мардон ва занон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии занону мардон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо»;

– васеъ намудани шаклҳои ҳамкории иҷтимоӣ дар байни механизмҳои ниҳодии давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
– тавсеа додани барнома ва лоиҳаҳои муштараки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ оид ба баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии занон ва мардон, пешбарии занон ба мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбҳои сиёсӣ;
– ташаккули нишондиҳандаҳои гендерӣ дар омори давлатӣ;
– васеъ намудани намояндагии занон дар вазифаҳои роҳбарикунандаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва иштироки онҳо дар ҳалли масъалаҳои муҳими давлатӣ;
– баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсии занон;
– мусоидат ба худмашғулиятии занон, зиёд намудани саҳми онҳо дар бахшҳои соҳибкории инфиродӣ ва тиҷорати хурду миёна;
– ташкил ва мусоид намудани марказҳо барои бозомӯзии занони соҳибкор;
– такмил додани конунгузории миллӣ оид ба рушди соҳибкории занон;
– васеъ намудани дастрасии занони деҳот ба замин ва рушди фаъолияти соҳибкории онҳо;
– тақвият додани рақобатпазирииии занон дар бозори меҳнат, аз ҷумла занони соҳибкор ва роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ (ХДФ);
– бартараф намудани нобаробарии гендерӣ дар дастрасии писарону духтарон, занону мардон ба зинаҳои гуногуни таҳсилот;
– васеъ намудани дастрасии занону мардон ба хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ;
– фаъолгардонии ҷомеа дар пешгирии хушунат нисбат ба занон ва дастгирии қурбониёни хушунат;
– баланд бардоштани арзишҳои оила ва мусоидат ба тарбияи солими насли нав;
– афзоиши маълумотнокии аҳолӣ дар масоили ҳуқуқӣ ва солимии репродуктивӣ ва беҳдошти солимии репродуктивии занону мардон.

Амалӣ гаштани тадбирҳои дар стратегияи мазкур пешниҳодшаванда барои солҳои 2013-2015 имкон медиҳад, ки сиёсати пешгирифтаи давлат дар масъалаҳои баробарии гендерӣ пайваста амалӣ гардида, шумораи занон дар мақомоти идоракунии давлатӣ ва аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол афзояд ва мушкилоти дигари мавҷуда ҳал карда шавад.

### 4.7. Такмили пешгӯӣ ва банақшагирии демографӣ

Дарҷ гардидани масоили нуфус дар стратегияҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат барои тезонидани рушди устувори иқтисодӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва ба вуҷуд омадани синфи миёна, инчунин барои беҳтар намудани сифати ҳаёти аҳолӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ноил шудан ба рушди устувори нерӯи инсон, ба монанди даромад ба ҳар нафар аҳолӣ, маориф, баробарии гендерӣ ва васеъ намудани имконияти занон, дарозумрӣ, ҳуқуқи репродуктивӣ ва солимии репродуктивӣ, паст гардидани сатҳи камбизоатӣ ва ба вуҷуд омадани табақаи миёнаи аҳолӣ, рушди устувори муҳити зист, бехатарии озуқаворӣ ва истеъмолӣ, таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ, беҳ гардонидани вазъи санитарӣ, тағйирёбии иқлим ва ғайраро дар бар гирифта, бо аҳолӣ, суръати афзоиши он, инчунин бо ҷойгиршавии географии он дар робитаи зич қарор дорад. Сиёсати демографии давлат (дар сатҳи миллӣ ва дар маҳалҳо) ба суръати афзоиши таърихӣ ва суръати афзоиши кунунии аҳолӣ асос меёбад.

Пешгӯии демографӣ як ҷузъи муҳими сиёсати демографӣ буда, дигар ҷузъҳои он, ба монанди банақшагирии оила, солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқи репродуктивӣ, пешбарии баробарии гендерӣ ва васеъ намудани имконияти занон ва ғайра дар қисматҳои дигари блоки иҷтимоии Стратегияи мазкур инъикоси худро ёфтаанд.

Сиёсати демографӣ дар маҷмӯъ корбарии мақсаднок дар раванди нуфус мебошад. Нуфус яке аз омилҳои муҳими фазои иқтисодӣ маҳсуб мегардад ва ин омил дар раванди рушди иқтисодии кишвар таъсири хоса дорад. Пеш бурдани сиёсати демографӣ бе

истифода аз усулҳои муосири пешгӯии аҳолӣ дар асоси маълумоти омори демографӣ ғайриимкон аст. Пешгӯии аҳолӣ яке аз ҷузъҳои муҳими банақшагирии дарозмуддати иҷтимоию иқтисодӣ буда, ҳеҷ як соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиётро бе пешгӯии демографӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Пешгӯии шумораи аҳолӣ аз рӯи мансубияти ҷинсӣ, синну сол барои қабули қарорҳои асоснок дар сатҳи миллӣ ва маҳалҳо аҳамияти басо муҳим дорад.

Барои пешбурд ва таҳкими институтсионалии сиёсати демографӣ «Барномаи амалисозии консепсияи сиёсати давлатии демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2015» омода ва қабул шудааст.

Тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда шумораи аҳолии кишвар тайи солҳои 2000-2010 зиёда аз 23 фоиз афзудааст ва дар давраи дарозмуҳлат иқтидори демографии мамлакат дар сатҳи баланд боқӣ мемонад. Аҳолии кишвар ҷавон буда, зиёда аз 35 фоиз онро шахсони то синни 15-сола ва тақрибан 70 фоиз шахсони то 30-сола ташкил медиҳанд. Дар мамлакате, ки қисми беши аҳолии онро насли ҷавон ташкил медиҳад, таҳияву татбиқи сиёсати дурусти рушди нерӯи инсонӣ ва захираҳои инсонӣ муҳим мебошад.

Татбиқи самараноки сиёсати демографӣ имкон медиҳад, ки даромади умумии сарикасӣ афзун гардида, сатҳи камбизоатӣ коҳиш дода шавад ва ба афзоиши табақаи миёнаи аҳолӣ заминаи мусоид фароҳам гардад. Такмили пешгӯӣ ва банақшагирии демографӣ барои таҳлили бозори меҳнат ва пешгӯии муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ саҳми худро мегузорад ва ба ин тариқ барои ҳалли яке аз вазифаҳои муҳим дар доираи афзалияти дуюми «Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2011-2015» мусоидат менамояд.

Татбиқи сиёсати самараноки демографӣ ва таҳкими иқтидорҳои мақомоти дахлдор дар самти пешгӯии шумораи аҳолӣ, таҳияи буҷети сатҳҳои мухталиф бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолӣ, ҷиҳати истифодаи мақсадноки воситаҳои буҷетӣ имконият фароҳам меорад ва барои ба роҳ мондани кӯмакҳои иҷтимоии суроғавӣ заминаи устувор мегузорад.

#### *4.7.1. Самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои рушди соҳа*

- такмил додани сатҳи дурнамои соҳавӣ ва минтақавӣ дар асоси истифодаи моделҳои муосири дурнамои демографӣ ва заминаи мукаммали оморӣ;
- идоракунии мақсадноки тамоюлоти демографӣ;
- танзими равандҳои демографӣ, танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва таҳлили бозори меҳнат;
- истифодаи самараноки тағйироти демографӣ дар раванди қабули қарорҳо.

#### *4.7.2. Мушкилоти ҷойдошта*

Дар натиҷаи таҳлили ҳолати соҳа чунин мушкилиҳо ба назар мерасанд:

*4.7.2.1.* Сатҳи пасти тахассуси мутахассисон дар истифодаи маълумоти оморӣ ва надоштани таҷриба дар пешгӯии демографӣ. Аз ин лиҳоз, маълумоти оморӣ аз тарафи онҳо дар мавридҳои зерин истифода нагардида, боқӣ мемонанд:

- ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди ҷамоатҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳои кишвар;
- ҳангоми пешгӯии шумораи аҳолӣ, пешгӯии захираҳои меҳнатӣ, пешгӯии шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ва таҳлили талаботи бозори меҳнат ба қувваи корӣ дар дохили кишвар ва берун аз он;
- ҳангоми пешгӯии шумораи кӯдакони синни мактабӣ ва томактабӣ ва муаллимон;
- ҳангоми тайёр намудани мутахассисони касбу ихтисоси гуногун дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар, вобаста ба талаботи воқеии бозори меҳнати дохили кишвар ва берун аз он;
- ҳангоми сохтмони миқдори кофии мактабҳо ва муассисаҳои томактабӣ;
- ҳангоми сохтмони миқдори кофии муассисаҳои тиббӣ ва нарасидани кормандони тиб;

– ҳангоми бунёди инфрасохтори зарурӣ;
– ҳангоми ташкили ҷойҳои кори нав дар соҳаҳои гуногуни иқтисод;
– ҳангоми таҳияи буҷет ва маблағгузории зарурӣ дар соҳаҳои иқтисод;
– ҳангоми пешгӯии сатҳи бекорӣ.

*4.7.2.2.* Номукаммалии низоми тамоси ҷавобӣ байни сохторҳои омор ва инчунин ҳамкории байниидоравӣ ва муносибатҳои мутақобила дар масъалаи коркард ва таҳлили маълумоти демографӣ ва истифодаи онҳо барои таҳияи нақшаҳои рушд дар маҳалҳо.

*4.7.2.3.* Мавҷуд набудани манбаи маълумот дар бораи тағйирот дар бозори меҳнат аз рӯи тамоюлоти демографӣ.

***4.7.3. Пешниҳодҳо барои солҳои 2013-2015 ҷиҳати ҳалли мушкилиҳои соҳа***

– таҳияи модули таълимӣ оид ба масъалаҳои истифодаи маълумотибаҳисобгирии аҳолӣ ва фонди манзил;
– омӯзонидан ва такмили ихтисоси мутахассисони вазорату идораҳо оид ба масъалаҳои истифодаи маълумоти демографӣ дар таҳияи нақшаву барномаҳои рушди соҳавӣ ва маҳаллӣ;
– истифодаи маълумоти баҳисобгирии демографӣ ҳангоми таҳияи: (1) пешгӯии рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисод; (2) пешгӯии шумораи аҳолӣ аз рӯи синну сол (синну сол, қобили меҳнат, аз қобили меҳнат хурд ва аз қобили меҳнат калонтар) ва аломатҳои ҷинсӣ; (3) таъсис додани ҷойҳои нави корӣ; (4) пешгӯии шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ва таҳлили талаботи бозори меҳнат ба қувваи корӣ дар дохили кишвар ва берун аз он; (5) тайёр намудани мутахассисони касбу ихтисоси гуногун дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар вобаста ба талаботи воқеии бозори меҳнати дохили кишвар ва берун аз он; (6) пешгӯии талабот ба кормандони тиб ва маориф; (7) пешгӯии миқдори зарурии мактабҳо ва муассисаҳои ҳифзи саломатӣ; (8) рушди соҳаҳои иқтисод, ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳои кишвар;
– истифодаи маълумоти демографӣ барои коҳиш додани оқибатҳои нохуши тамоми намуди офатҳо;
– таҳияи буҷетҳои сатҳи гуногун бо дарназардошти талаботи воқеии иқтисод ва тамоюлҳои демографӣ;
– таҳияи барномаҳои шуғли аҳолӣ ва барномаи таълими мутахассисон, бо дарназардошти тамоюлоти демографӣ дар асоси талаботи воқеии бозорҳои меҳнати дохилӣ ва берунӣ.

***4.7.4. Вазифа ва тадбирҳои асосӣ ва афзалиятҳои соҳа***

Ҷиҳати таъмини татбиқи самараноки сиёсати демографӣ иҷрои вазифаҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

– беҳтар сохтани истифодаи маълумоти демографӣ ва ба роҳ мондани гузаронидани таҳқиқоти ҳар семоҳаи бозори меҳнат, аз ҷумла бо истифода аз натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, ҳисобҳо аз рӯи мансубияти иҷтимоӣ, синнусолӣ, гендерӣ, минтақавӣ ва ғ. ҳангоми таҳияи санадҳои стратегӣ ва нақшаву барномаҳои рушд дар ҳама сатҳҳо;
– такмили низоми идоракунии давлатӣ мувофиқи принсипҳои иқтисоди бозорӣ тавассути таҳлил ва пешгӯии рушди иқтисодӣ, бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолӣ.

***4.7.5. Натиҷаҳои пешбинигардида***

Ба амал баровардани корҳои пешбинишуда дар бахши сиёсати демографӣ ва истифодаи маълумоти оморӣ дар раванди таҳияи нақшаву барномаҳо дар ҳамаи сатҳҳои ҳокимият имкон медиҳад, ки чунин натиҷаҳо ба даст оянд:

- низоми идоракунии давлатӣ дар самти сиёсати демографӣ аз ҳисоби баланд бардоштани тахассуси касбии хизматчиёни давлатӣ оид ба пешгӯии демографӣ беҳтар мешавад ва барои истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷети давлатӣ дар ҳама сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ замина гузошта мешавад;
- ҳангоми иҷрои вазифаҳои бевоситаи худ мутахассисони вазорату идораҳои дахлдор ва зерсохторҳои онҳо, инчунин кормандони муассисаҳои илмӣ дар асоси таҷрибаи андӯхта усулҳои пешгӯии шумораи аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, шумораи хонандагон ва донишҷӯён, шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, таҳлили талаботи бозори меҳнат ба қувваи корӣ дар дохили кишвар ва берун аз он, тайёр намудани шумораи зарурии мутахассисони касбу ихтисоси гуногун дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар вобаста ба талаботи воқеии бозори меҳнати дохили кишвар ва берун аз он,шумораи кормандони тиб ва маорифро истифода мебаранд;
- маълумоти демографии дақиқро вазорату идораҳои дахлдор барои коҳиш додани оқибатҳои нохуши тамоми намуди офатҳо истифода мебаранд;
- вазорату идораҳои дахлдор маълумоти пешгӯии демографиро барои сохтмони миқдори зарурии мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ ва табобатӣ, созмон додани инфрасохтор, ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисод, таҳияи буҷет ва талабот ба маблағгузорӣ дар соҳаҳои иқтисод истифода мебаранд;
- дар маҷмӯъ, истифодаи маълумоти омори демографӣ ва пешгӯии демографӣ дар раванди қабули қарорҳо такмил дода шуда, тамоси дуҷониба дар байни сохторҳои оморӣ, инчунин вазорату идораҳо беҳтар хоҳад гардид.

# БОБИ 5. ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ

## 5.1. Манбаъҳо ва низоми маблағгузории татбиқи «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015»:

Ноил гардидан ба афзалиятҳо, иҷрои вазифаҳову тадбирҳо ва таъмини нишондиҳандаҳои дар Стратегияи мазкур дарҷгардида, захираҳои муайянеро талаб менамоянд.

Сарчашмаҳои асосии маблағгузорӣ барои татбиқи Стратегияи мазкур ин Буҷети давлатӣ, кӯмакҳои беруна, сармояи мустақими хориҷӣ ва дигар манбаъҳо мебошанд. Асоси маблағгузории Стратегияро Буҷети давлатӣ ташкил хоҳад дод. Барои татбиқи лоиҳаҳои асосӣ оид ба рушди инфрасохтор ва анҷом додани ислоҳоти сохторӣ, воситаҳои Буҷети давлатӣ аз ҳисоби кӯмакҳои беруна, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳои дутарафа ба Тоҷикистон фароҳам оварда мешаванд, пурра мегардад.

Принсипҳои асосии ҷалб ва истифодаи захираҳои молиявии Стратегияи мазкур инҳо мебошанд:

*Самтгирӣ ба рушди дарозмуҳлат.* Ҳукумати ҷумҳурӣ вазифаҳои муқаррарнамудаи суботи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро ҳал намуда, баҳри татбиқи вазифаҳои таъминкунандаи рушди дарозмуҳлат қадамҳои устувор мегузорад. Ба ин восита ҷумҳурӣ ба сармоягузориҳои дарозмуҳлат, дастгирии рушди бахши хусусӣ ва таъмини асосҳои устувори фаъолияти бахши иҷтимоию иқтисодӣ ноил хоҳад шуд.

